**ПӮЛОД ТОЛИС**

# ТОБИСТОН

Душанбе
«Адиб»
2009

ББК – 84 Тоҷик 7-4
Т – 76

Мураттиб *Иноят Рустамова*
Муҳаррир *Ю. Аҳмадзода*
Мусаввир *С. Имодӣ*

Т-76 **Пӯлод Толис. Тобистон.** Повест ва ҳикояҳо. (Барои наврасон ва ҷавон). – Душанбе, «Адиб», 2009, 128 саҳ.

Повести «Тобистон»-и Пӯлод Толис ба ганҷинаи адабиёти бачагонаи тоҷик чун яке аз асарҳои беҳтарин дохил аст. Дар китоб ҳамчунин як зумра ҳикоёти ӯ пешкаш шудааст, ки ба хонандаи гиромӣ таассуроти хуш мегузоранд.

ISBN 978-99947-57-81-7

© Пӯлод Толис, 2009

# МАРДЕ, КИ БА ДАҒАЛИАШ ҲАМ ТАРАФ НАБУДУ БА НАРМДИЛИАШ ҲАМ

Воқеа аз ҳамин сар шуд, ки ман бо модарам ҷанг карда аз хона гурехтам.

Рости гап, ман кайҳо қарор дода будам, ки ба фронт равам, мисли бачаҳои нотарсе, ки дар кино медидам, ҷанг кунам, душманҳоро қир кунам, ном барорам.

Он рӯз модарам аз қабати кӯрпа ҳашто даҳсӯмиро бароварда, як шишаро доду маро ба бозор, барои равған фиристод. Кай медонистам, ки равғанфурӯш, он беимони сафедриш, маро соз карда фиреб медиҳад? Гашти рӯз модарам равғанро ба дег андохта алав гиронда буд, ки равған часар-чусур карду нест шуду монд. Пиракии маккор ба ман равған гуфта, чои фомилиро пур карда будааст. Ба доду фиғони модарам аввал хуб тоқат карда истодам, аммо баъд аз он, ки бо оташгирак ба фарқи сарам фаровард, ҷонам баромада рафт. Аз хешу ақрабои модарам як-ду касро ҳақорати обдоре додаму давида ба кӯча баромадам. Ман, ки ҳанӯз аз остонаи дарвоза берун набаромада, ба гурехтан аҳд карда будам, лаҳзае ҳам фикру хаёл карда нанишаста, рост ба вокзал роҳ зер кардам.

Бахтам омад кард.

Ба вокзал расиданам ҳамон фаш-фушкунон як поезди кабуди одамкашонӣ омада истод.

Дидам, ки на танҳо даруни вагонҳо, балки зинаву боми онҳо ҳам аз одам пур аст, аз тарафи дигар, аз тарафи торикӣ поезд омада, ман ҳам ба зинаи вагоне часпида гирифтам. Дар рӯи зина дурусттар ҷойгир шуда, ба хаёл фурӯ рафтам. Дар як он воқеаи равған аз сар то охир аз пеши назарам гузашт. Баъд фикран бо модарам, бо тағоиям, бо ҷӯраам Карим, ки бачаҳои маҳалла «Карим калпеса[1]»-аш мегуфтанд, хайрухуш кардам.

Нохост дар пеши назарам қомати баланду кокулҳои

1. Калпеса – калтакалос.

майдабофтаи ҳамсинфам Мукаррама намудор шуда рафт. Вале аҷоибаш ин ки ман танҳо қади баланд ва кокули дарози Мукаррамаро ба хотир оварда тавонистаму бас.

Пештар ман ҳам дар қатори бачаҳои мактаб ӯро:

– Му-кар-рам
Барги карам,
Му-кар-рам
Барги карам, –

гӯён масхара мекардам, аммо қариб як сол мешавад, ки ман ӯро нағз мебинам ва бисёр вақт хаёл мекунам, ки мо калон шуда, зану шӯ шудаему ман аз кор омада хоб кунам, ӯ бачаҳоямонро ҷанг карда мегӯяд:

– Ҳой, ҷавонмаргҳо! Шавқун накунед, дадаатон бедор мешавад.

Ҷангро, ки тамом карда омадам, рост ба хонаи Мукаррамаино меравам. Дар поям мӯзаи ғарч. Дар камарам таппонча. Сари синаам пур аз орден. Як дастам нест ва ман нӯги остини холиро ба тасмаи командирӣ тиққонда мондаам. Ҳама ба ман нигоҳ карда, даҳонашонро калон кушода мемонанд. Не, беҳтараш ду дасту поям бутун бошад... Гурс-гурс қадам монда, ба хонаи Мукаррамаино медароияму дастамро ба чакаам бурда, ба ӯ салом медиҳам.

...Аммо баъд аз салом чӣ кор карданамро ҳанӯз фикр накарда будам, ки зина ба ларза омад. Поезд ба роҳ даромада буд!

Ман аз хурсандӣ ба пӯстам намеғунҷидам. Ман – савори поезд ҳастам! Бе пул, бе билет, бе ҳеҷ чиз дар поезд рафта истодаам!

Аммо шодию хурсандии ман дер накашид.

Ҳанӯз шаб нисф нашуда буд, ки поезд ба як стантсияи хурдакаки ифлосу чиркине омада истоду аз куҷое як милитсионер пайдо шуда, маро аз зинапоя кашола карда фаровард ва гӯё, ки ман ягон duздбача ё худ кисабуре бошам, аз гиребонам сахт дошта, кашон-кашон ба кадом як ҷое гирифта бурд.

Ман бо як азобе гоҳ-гоҳ ба ақиб нигоҳ карда, зорию тавалло мекардам, ки маро сар диҳад. Ман чизи касеро

надуздидаам, ба ҳамёни касе даст наандохтаам, гуноҳе надорам. Вале милитсионер ба гапҳои ман гӯш намедод.

– Куҷо мебаред маро? – гуфта пурсидам дар охир.

– Роҳ гард! – бонг зад милитсионер ба ҷои ҷавоб.

– Охир, ман чӣ кор кардам?

– Гард, баъд мефаҳмӣ!

Милитсионер маро ба канори стантсия бурда, ба як хонаи пастаки тирезаҳояш панҷаранок тела дода даровард. Ман пай бурдам, ки ин ҷо милисахона аст.

Милитсионер маро то охири роҳрав пеш андохта бурду гиребонамро сар дода, дареро кӯфт.

Дар кушода шуда, ман ба даруни як хоначаи сафеди равшан даромадам.

Дар пешгаҳи хона, дар паси стол як марди қоқинае менишаст, ки қавоқҳояш варам карда, суп-сурх шуда буданд. Ман ба гиребони ӯ, ба петлитсааш нигоҳ карда, дарҳол фаҳмидам, ки ӯ калони милитсионерҳо будааст.

Дар таги девори тарафи чап хараки чӯбини дарозе гузошта шуда буд, ки аз кӯҳнагию совидагӣ дар рӯшноии чароғи шифти хона ҷило медод.

Ба рӯи харак як мардаки шинелпӯш менишаст, ки дигар ҳамаи сару либосаш граждани буд. Ӯ бо табассуми узрхоҳона ба замин нигоҳ мекард.

Назди дар курсии кӯҳнаи яклабае гузошта шуда буд, дар рӯи он милитсионери дигаре нишаста, зоҳиран пинак мерафт.

Дар миёнаҷои хона як ҷомадони назарногири фанерин мехобид, ки даҳонаш боз буд. Ҷомадон пур аз калобаҳои ғафс-ғафси абрешим буд.

– Бечорагӣ гӯед-а? – лабханд карда гуфт милитсионери калон ба марди шинелпӯш ва аз ӯ чашм канда, ба тарафи мо нигоҳ кард.

– Аз куҷо доштӣ?

– Ҳозир, аз зинапояи вагон, – гуфта ҷавоб дод милитсионери «ман», – билет надорад.

Дилам сахт-сахт мезад. Акнун ман аз ин ҷо сиҳатсаломат намебароям. Худоё худовандо, ба дили инҳо раҳм андоз.

Аммо милитсионери калон бо як оҳанги бепарвоёна гуфт:

– Хайр, монда рав, – ва ба сӯи ман як назар афканда, илова намуд:

– Шин, бача, – баъд боз бо марди шинелпӯш машғул шуд.

Мардак мегуфт, ки ӯ савдогар нест, худаш кор[1] мебофад, аз худи «рафиқи началник» гап намемонад, ки солу замона чӣ хел аст. Ҷанг, қимматӣ; ӯ хостааст, ки ду-се либос кор бофта, бачаҳояшро пӯшонад, барои тайёрашро харида пӯшидан зӯри ҳар кас намерасад, охир. Худи «рафиқи началник» ҳам бояд одами рӯзгордор бошанд, бояд ба ҳоли ӯ раҳм кунанд.

Аммо «рафиқи началник» гӯё ба гапҳои ӯ заррае ҳам бовар намекард. Ӯ дағалона миёни гапи марди шинелпӯшро бурида гуфт, ки рӯбоҳбозӣ накарда, беҳтараш кушоду равшан гӯяд, ки ресмонро аз кӣ гирифтаасту ба кӣ бурда «об» карданӣ буд.

Марди шинелпӯш бошад, бо овози маҳину ҳазинаш боз ҳамон гапҳоро такрор мекард, ки аз кӯчаи савдогарӣ нагузаштаасту барои худаш, танҳо барои худаш кор бофтанӣ будааст.

– Баред! – Ногоҳ овозашро баланд сар дода, ба милитсионере, ки назди дар менишаст, фармон дод милитсионери калон. – Як шаб хоб кунад, ана баъд ақлаш медарояд!

Шинелпӯш, ки рангу рӯяш дока барин канда буд, чизе гуфтанӣ шуда даҳон кушод. Аммо милитсионери калон ба ӯ фурсати гап задан надода, фарёд кард:

– Баред!

Марди шинелпӯш ба сӯи дар рафта истода, ба зонуи ман дакка хурд; чашмонаш гӯё ҳеҷ чизро намедид; дар лабонаш ҳамон табассуми тамаллуқкорона нақш баста монда буд, ки акнун ҳеҷ ҷои даркорӣ надошт, бемавқеъ буд.

Ман, ки даҳонамро калон кушода, то дар роҳрав аз

---

1. Шоҳӣ , алоча ва ғайра.

назар ғоиб шудани шинелпӯш аз паси ӯ нигоҳ карда монда будам, нохост бадбахтии худамро ба хотир оварда, ба худ омадаму аз дар чашм канда, ба калони милитсионерон нигоҳ кардам ва дидам, ки ӯ чашмашро ба ман дӯхтааст.

Аммо акнун қиёфаи ӯ ба куллӣ тағйир ёфта буд, дигар на бадқаҳр менамуд ва на хашмгин. Тамом осуда шуда буд.

Вале, бо вуҷуди ин, тарсу ваҳми ман зӯртар шуд, ки суст нашуд. Овози ғафси бадҳайбати ӯ гӯё ҳанӯз дар хона садо медод ва дӯғу пӯписаи ӯ, ки ҳамин ҳоло шоҳидаш шуда будам, ҳанӯз аз пеши назарам нарафта буд.

Акнун ҳоли мани бечора чӣ мешавад? Ин марди қавоқовезони рӯяш суп-сурх, ки аз даҳшати овозаш гӯши кас баста мешавад, маро ба чӣ балоҳо гирифтор мекарда бошад? Худоё, худовандо...

– Хӯш, гуреза, – риштаи хаёлоти пурбими маро канда гуфт ӯ ногоҳ, – куҷо мерафтӣ?

Намедонам, аз чӣ буд, ки якбора дар дилам умед пайдо шуд. Дар овози ӯ аз дӯғу пӯписа осоре намонда буд. Ҳатто фикр кардан мумкин буд, ки ӯ бо ягон шиносаш гап зада истодааст.

– Натарс. Натарс. Гап зан, – гуфт ӯ боз. Вале ҷавоби маро нигарон нашуда, худаш савол дод: – Аз Чорчинор кай баромада будӣ? Ман бо ҳайрати беандоза гашта пурсидам?

– Аз Чорчинор? Аз кучо донистед, ки ман чорчинорӣ ҳастам?

Ӯ зери лаб қаноатмандона табассуме карда, гавдаашро ба кифтаки стул такя доду гуфт:

– Ҳ-м... Аз тӯпиат. Танҳо тӯпии чорчинориҳо ин хел гул дорад. Хӯш... – гӯён мад кашид ӯ ва ногоҳ қиёфаашро ҷиддӣ карда, гӯё, ки худ ба худ гап зада истода бошад, гуфт:

– Аз афту андомат маълум, ки безорӣ нестӣ... Хӯш, акнун гӯй, куҷо мерафтӣ?

Ман, ки ба муомилаи хуши ӯ мафтун шуда будам, беихтиёр, ҳатто фикр накарда гуфтам:

– Ба фронт.

– Ба фронт? – чашмонашро бузург карда, гашта пурсид ӯ.

Ман ба аломати тасдиқ сар ҷунбондам.

– Ҳм... – гуфт ӯ зери лаб ва ба ман нигоҳ карда монд.

Аз ҷое «ду-ду-дуд»-и карнайчаи стрелочник ба гӯш расид. Аз замоне, ки ба ин хона қадам мондам, бори аввал садои «тиқ-тиқ»-и соати девориро шунидам.

– Ба фронт!.. – сарашро ин тарафу он тараф ҷунбонида гуфт дар охир милитсионери калон ва аз ман чашм канда, «Бачаи беақл!» – гӯён бо гӯшаи лабаш табассум карду аз ҷояш хеста, дар рӯи хона қадам задан гирифт. Гоҳ-гоҳ қадамашро суст накарда, ба ман нигоҳ карда мемонд.

Ман намедонистам, ки дар ҷоям нишастан гирам ё бархезам. Охир, оҳиста аз ҷоям хестам.

– Шин, шин, – ба тарафи ман нигоҳ накарда гуфт ӯ.

Вай баъд аз хеле қадам задан ба гап даромада гуфт:

– Хӯш, ба фронт рафта, чӣ кор мекардӣ? Ҳа?

Ман китф ҷунбонда гуфтам:

– Чӣ кор мекардам, ҳар коре ки фармоянд...

Ӯ ҳамчунон қадам зада боз пурсид:

– Милтиқ парронда метавонӣ?

– Не. – Ёд мегирифтам-дия...

– Ҳм... Падар дорӣ?

– Дорам. Дар ҷанг.

– Ҳо... Модарат чӣ?

– Модарам дар хона...

– Чӣ кор мекунад?

– Кор намекунад...

– Чӣ хел зиндагӣ мекунед?

– Пули падарам чӣ? Нафақа мегирем. Боз модарам рӯймол медӯзад...

– Худат мехонӣ?

– Мехонам. Лекин ду-се рӯз пеш мактаб тамом шуд.

– Таътил?

– Ҳо, таътил.

– Чандумро тамом кардӣ?

– Шашумро.

– Ҳм... – гуфта монд ӯ боз ва якчанд дақиқаи дигар

тахтаҳои фарши хонаро ғиҷиррос кунонида қадам заду сипас рафта дар паси столаш ҷо гирифт.

Баъд сарпӯшаки оҳанини давотро дар рӯи шишаи стол бозӣ дошта гуфт:

– Хӯш, бо ту чӣ кор кунем акнун, бародар? Аслашро гӯем, ман туро мебоист ба ҳабсхона фиристонам...

Дилам аз сари нав ба такопӯ даромад.

– Лекин, – гӯён ӯ сарашро бардошта ба ман нигоҳ кард, – лекин, росташро гӯям, ба ту раҳмам меояд. Майлаш, дафъаи якум гузашт мекунем. Туро гардонда ба Чорчинор мефиристем. Фикри фронтравиро бошад... ҳм... аз сарат гирифта парто. Дар он ҷо ту ба дарди ҳеч кас даво намешавӣ. Ту бояд хонӣ, нағз хонӣ. Вазифаи ту ҳамин аст, бародар. Фаҳмидӣ? Дигар ин хел беақлӣ накун, ки ба ҷонат ҷабр мекунӣ. Ҳм... фаҳмидӣ гапамро?

Ман бо сари хам менишастам ва чӣ гуфтанамро намедонистам.

– Лекин, – давом дод ӯ овозашро баландтар карда, – лекин агар боз як бори дигар туро дар ин ҷо бинам, он вақт аз ман гила накун. Дар ин асно дари хона кушода шуда, милитсионере, ки марди шинелпӯшро гирифта рафта буд, баргашта омад. Бо омадани ӯ ман ҳам аз ҳолати ногувор як қадар фориғ шуда, нафаси сабуке гирифтам ва оҳиста сарамро бардошта, ба милитсионер нигоҳ кардам.

Рӯи ӯ суп-сурх шуда, дар лабонаш як табассуми ҳам хашмгинона ва ҳам хиҷолатмандонае сайр мекард.

– Бурда мондӣ? – ба ӯ рӯ оварда гуфт сардораш. – Чӣ шуд?

– Э, напурсед, рафиқ лейтенант! Ҳамин ки ба коридор баромадем, гуфт, ки агар ӯро гурезонам, ҳазор сӯм медодааст.

– Бе-чо-ра! – тамасхур карда гуфт лейтенант ва маро тамоман ҳайрон карда, нохост дашноми сахте дод.

Ман ҳеҷ гумон намекардам, ки аз забони ӯ дашному ҳақорат мешунавам.

– Ту ҳоло нав-дия, – гуфт боз лейтенант, – инхелаҳоро ҳоло бисёр мебинӣ!

Баъд хамёзаи дарозе кашиду чашмонашро молида гуфт:

– Чунон монда шудаам, ки Муҳаммадҷонов... – Вале чашмаш ба девор, ба соат афтода, ногоҳ хитоб кард.

– Ӯҳ! Ҳозир бисту сеюм ба роҳ мебарояд! – ва ғалладони столашро қулф карда истода, ба милитсионер гуфт:

– Ту дар ҳамин ҷо бош, Муҳаммадҷонов. Ман ана ин «фронтчӣ»-ро гусел карда монам!

...Пас аз фурсате ин марди аҷоиб, ки ба дағалиаш ҳам тараф набуду ба нармдилиаш ҳам, маро ба дасти кондукторон супурда гуфт, ки «инро дар Чорчинор мефарорӣ» ва бори дигар насиҳаташро ба ман такрор карда, ба кораш рафт.

Дақиқае нагузашта поезд ба роҳ даромад, вале акнун ман на ба сӯи фронт, балки баръакс, ба сӯи Чорчинор равона будам ва манзараҳои паррон-паррону «урра»-гӯии ҷангро не, балки гиряю нолаи модарам ва хандаю масхараи ҷӯраҳоямро ба пеши назар меовардам.

Оҳ, дунёи бевафо!

* * *

Рӯзи дигар, қариби пешин ман боз дар назди дарвозаи яклабашуда ва ғиҷирросии ҳавлиамон меистодам.

Дудила будам. Даромадан ё надаромаданамро намедонистам. Бо кадом рӯ ба ҳавлӣ дароям! Модарам бисёр коҳишу сарзаниш мекарда бошад? Кошкӣ, бо ду-се мушт хӯрдан халос мешудам!

Хайр, ҳарчӣ бодо бод!

Дарвозаро бо поям тела дода кушодаму гӯё ҳеҷ гуноҳе накарда бошам, афту башараамро ҷиддӣ карда, дохили ҳавлӣ шудам.

Модарам, ки дар як лабаки суфа бо сари хам, як нӯги рӯймолашро газида ғарқи хаёл шуда менишаст, ногоҳ маро дида, чашмонашро калон кушоду дар ҷояш тахта шуда монд.

Баъд аз ҷояш парида хесту омада худашро ба гардани ман партофт.

– Ҳасан!.. Бачаякам!.. Гӯр мани бефаҳму фаросат шавам, туя задам... – мегуфт ӯ якзайл ва қатраҳои сӯзони

оби дидааш сару рӯи маро тар мекард.

Якбора дилам ким-чӣ хел шуда рафт, гум зад; ҳис кардам, ки чашмони ман ҳам тар шудаанд.

– Бувачон[1]! – гӯён дастонамро ба гарданаш ҳалқа кардам.

...Мани нодон тарсида будам, ки маро мезанад, коҳиш мекунад. Аммо ба ҷои ин аз ӯ дӯстдорию навозиш дидам...

Модар маро ба рӯи суфа шинонида, тамоми шириню меваe, ки дошт, ба наздам бароварда монд ва беист маро ба хӯрдан маҷбур мекарду худаш чашмашро аз ман канда наметавонист, гӯё ки маро як умри дароз надида бошад. Баъд ӯ аз ман оҳиста ва бо эҳтиёт пурсид, ки куҷо рафта будам, чӣ кор кардам. Ман саргузашти худро чала-чулпа, кӯтоҳакак карда гуфта додам.

Модарам низ дар навбати худ ҳикоят кард, ки чӣ тавр маро кофтааст, чӣ тавр хуни дил хӯрдааст.

Маълум мешавад, ки ба чаҳор тараф кас мондаанд, ба такшилотҳо хабар додаанд, аммо дараки маро аз ҳеҷ ҷо ёфта натавониста, охир ба ҳамин фикр омадаанд, ки ман худамро ба дарё партофтаам...

Ман шикамамро сер карда, ба хона даромадаму худро ба рӯи бистар партофтам ва бо ҳамин хобиданам то пагоҳии рӯзи дигар хоб кардам.

## ҲАВЛИИ МО, ҲАҚҚУ ҲАМСОЯҲО, ДӮСТИ БЕҲТАРИН

Аз хоб маро ғурунг-ғурунги ду кас бедор кард.

Чашмамро кушода гӯш андохтам.

Яке овози модарам буд. Дигаре овози тағоиям Абдулатиф. Овози модарам хаставу хафа мебаромад. Бечора, бояд хуб гириста бошад... Аммо овози тағоиям мисли ҳарвақта ором, як хел буд. Абдулатиф овози форам ва гӯё ширадоре дошт; ҳар гоҳ, ки гапзании ӯро мешунавидам, беихтиёр гумон мекардам, ки дар таҳи забонаш пораи қанде гузоштаасту қандпора овози ӯро ширадор ме-

1. Бува – модар, оча.

кунад. Овози тағоиямро шунида, ман бисёр хурсанд шудам.

Агар ман дар дунё дута одами нағз медидагӣ дошта бошам, яктоаш ҳамин Абдулатиф-тағо аст. Умуман аксари ҷиянҳо ба тағоиҳои худ муҳаббати махсус доранд. Ба меҳри онҳо аз гӯшаҳои беҳтарини дили худ ҷой медиҳанд, аммо меҳру муҳаббати ман ба Абдулатиф-тағо боз дигархелтар аст.

Тағоии ман саргузашти аҷоибе дорад.

Назар ба гуфти модарам, вай ҳанӯз дар айёми бачагиаш ба ишқи саёҳату ҷаҳонгардӣ афтода, дар синни понздаҳ-ҳабдаҳсолагиаш тамоман аз шаҳр баромада рафта будааст.

Бо ҳамин баромада рафтанаш тағоиям даҳ соли расо бе дому дарак шуда меравад. Аз рафтани ӯ се-чор сол нагузашта, падараш аз дунё чашм мепӯшад. «Бечора бобота ғами Латиф адо кард» мегуфт баъзан модарам, оҳи пурдарде кашида.

Тағоиям фақат се сол пеш гашта омад, ки ин тарафи воқеаро ман нағз дар хотир дорам.

Мактуби ногаҳонии Абдулатиф-тағоро, ки пеш аз омаданаш навишта буд, ба модаркалонам ман худам хонда дода будам.

Тағоиям дар хаташ аввало аз падару модараш узри бисёре мехост ва баъд навишта буд, ки он ҳаваси «ҷаҳонгардӣ»-и ӯ аз беақлии ҷавонӣ буду акнун вай ба худ омадааст ва дигар ба хӯрдани нони мусофирӣ тобу тоқаташ намонда, ҳаракат дорад, ки дар мобайни як-ду моҳи наздик боз ба ҳавлӣ баргардаду ба дидори падари бузургвор, волидаи аз ҷон азизтар ва хоҳари мушфиқаш расад.

Ба мардум – гап бошад. Одамон тафсилоти мактуби тағоиямро шунида, дар хусуси саргузаштҳои ӯ ҳар гуна росту дурӯғ мебофтанд. Ҳатто баъзеҳо чунин изҳори ақида мекарданд, ки ӯ бояд савдогарӣ карда ба даст афтода ва ин қадар солҳоро дар ҳабсхонаю бадарғагӣ гузаронида бошад. Аммо, чунон ки баъд аниқ маълум шуд, тағоиям на ҳабс шуда будаасту на бадарға, ӯ ин қадар вақт танҳо машғули ҷаҳонгардӣ будааст; ба ҳар шаҳре, ки мерафтааст, зуд ягон коре меёфтаасту чанд

вақт ба сайру тамошои он шаҳр мегузаронидааст. Ва ҳамин ки он ҷо ба дилаш зад, боз роҳи шаҳри дигареро пеш мегирифтааст.

Хулласи калом чанде нагузашта тағоиям дар ҳақиқат гашта омад. Вале кори дунёи бебақоро бинед, ки на ба дидори падараш расида тавонист ва на ба дидори модараш: дар ин муддат бечора модаркалонам ҳам мурда буд.

Аҳли маҳалла аввалҳо Абдулатифро он қадар рӯи хуш намедоданд, дар ғайбаш мазаммат мекарданд. Сабукмағз ва бемуҳаббат мегуфтанд. Аммо гиряву нола ва тавбаю тазаррои ӯ, муомилаи нарму дасткушодии ӯро дида, зуд дилашон ба ӯ гарм шуд. Ҳатто падарам, ки ҳар хел одамро ҳам хуш кардан намегирифт, ӯро ҳамчун як бародари худ дӯст дошта монд.

Дере нагузашта, ҷанг сар шуд. Падарам ба фронт рафт. Ба тағоиям ҳам чанд бор повестка омад. Аммо ӯ, ки дарди тарбод дораду дилаш суст аст, ҳар дафъа ё аз военкомат ва ё аз истгоҳи роҳи оҳан гашта меоянд.

Мардуми баддаҳон ҳатто ҳамин ба аскарӣ нарафтани тағоиямро ҳам гап карданд...

Тағоиям аз бадгумонии одамон бисёр хафа буд, худашро мехӯрд.

Боре аз военкомат гашта омада, ба ману модарам бо ҳасрат гуфта буд:

– Охир, ман ҳам мехоҳам, ки дар қатори кӯп рафта хун резам, ҷон фидо кунам, лекин чӣ илоҷ? Гоҳ аз чашмам айб меёбанд, гоҳ аз дилам... Гӯр ин сиҳатии ман шавад...

Рӯзе тағоиям ману модарамро сахт тарсонида, ба касе чизе нагуфта, боз аз шаҳр ғоиб шуд. Аммо, хайрият, ки се-чор рӯз нагузашта баргашта омад ва гуфт, ки дар кони Зарчашма кор ёфтаасту акнун ба ҳамон ҷо кӯчида меравад, чойхоначигӣ мекунад. Назар ба гуфти тағоиям, Зарчашма аз шаҳр тахминан панҷоҳ километр дур буда, ҷои хушобуҳавое будааст.

Аз он айём ҳоло қариб ним сол гузаштааст.

Тағоиям ҳафтае як ё ду бор ба шаҳр омада меравад ва ягон бор нашудааст, ки дасти хушк омада бошад; гоҳ андаке гӯшт меорад, гоҳ ду-се литр карасин, гоҳ ягон буханка нон.

Аммо ман тағоиямро на барои он дӯст медоштам, ки дасткушод ва саховатманд асту ба мо ҳар чӣ меорад. Ман ӯро барои он иззату эҳтиром мекардам, ки худаш одами нағз, шахси аҷоиб аст.

Як худи саргузашти афсонамонанди ӯ ҳам кифоя буд, ки дили ҳар гуна бачаро ба даст оварад.

Аз Абдулатиф-таға бӯи ҷангалзорҳои беҳаду ҳудуд ва шаҳрҳои бузург, бӯи кӯҳҳои осмонбӯс ва дарёҳои беқаър меомад. Москва ва Хабаровск, Ленинград ва Тошканд, Киев ва Боку, Олмаато ва Самарқанд... Ин ҳама шаҳрҳои дуру наздикро, ки ман танҳо номашонро шунида будам, тағоиям панҷ панҷааш барин медонист.

Вале чизе ки бештар аз ҳама маро ба ӯ мафтун мекард – феълу хӯи ӯ, табиати ӯ буд.

Ман боварӣ доштам, ки дар ҷое, ки Абдулатиф-таға бошад, дар он чо ҳеҷ як маншаву моҷаро, ҳеҷ як хафагӣ намешавад. Ҳар вақт, ки модарам маро коҳишу сарзаниш мекард ё ягон нохушие рӯй медод, ман Худо мегуфтам, ки ҳозир тағоиям даромада биёяд.

– Биҳишт – ҷои беозор, – мегуфт ӯ гоҳо ба ман. – Ҳаракат кун, ки ҷангу ҷанҷол нашавад, дилхунукӣ нашавад. Ман ҳайрони баъзе одамҳо, ки масалан, гӯем хурсандиро монда, хафагӣ мекованд. Тавба!..

Ман дар боло гуфта будам, ки агар дар дунё ду каси нағз медидагӣ дошта бошам, яктоаш ҳамин тағоиям аст. Тағоиям ҳам, ба назарам, маро хеле дӯст медошт. Вай ба ман мисли аксари калонсолон ҳавобаландона, назарногирона не, балки ба тарзи ҷиддӣ, гӯё маро мисли худаш бофаҳму рамуз дониста гап мезад. Агар касе бо ман сӯҳбат кардани ӯро шунавад, гумон мекард, ки тағоиям бо яке аз ҷӯраҳои ҳамсин ва наздикаш чақ-чақ мекунад.

...Модарам ва тағоиям дар таги тиреза, рӯи суфа менишастанд. Ман ҳар як ҳарфи онҳоро мешунавидам.

Бештар модарам гап мезад. Тағоиям танҳо ҳар гоҳ «ҳа-ҳу» гуфта менишаст.

–...Ба афташ нигоҳ карда намешавад, – мегуфт модарам ҳикояташро давом дода, – сару рӯяш сип-сиёҳ, дуд, либосаш чип-чиркин, аз гӯлах баромадагӣ барин. Баданаш дар офтоб сӯхта рафтааст. Чашмаш ба косахона-

аш фурӯ рафтагӣ, ба қавоқаш як табақ арзан ҷо мешавад. Пӯсташ рафта ба устухонаш часпидааст, бачаякама!..

Ҷаста аз ҷоям хестам. Хамёзаи ширине кашида, дасту по ёзондам. Аз хоб бардам шуда хеста будам, дар баданам кӯфтагӣ ном чизе ҳис намекардам.

Оҳиста ба таги дар рафтам.

Дари хона ба рӯи боғчаи ҳавлӣ кушода мешуд.

Ҳавлии мо як ҳавлии чоркунҷаи одист, ки аз аксари ҳавлиҳои Чорчинор фарқе надорад.

Қариб аз пеши дарвозаи ҳавлӣ айвони равон сар мешавад, ки ба хонаи истиқоматӣ омада часпидааст. Дар ҷойҳои мо «равон» гуфта, айвонеро меноманд, ки девори пешаш аз ромҳои шишабандӣ иборат буда, он ромҳоро аз якдигар ҷудо кардан, ҳатто ба қабати якдигарашон тела дода даровардан мумкин аст. Аммо айвони мо танҳо ба номаш «равон» буд. Ду қабат ромҳои болоии он кайҳо несту нобуд шуда, танҳо як қабати бешишаи поёниаш боқӣ монда буд, ки он ҳам ҳар чаҳор ҷо кафида, тахтаҳош монанди дандони пиракии ҳафтодсола роғ пайдо карда, лиққонак шуда буд. Айвони сертоқча ҳам ҳезумхонаи мост, ҳам анбори лашу луши бекора. Айвон барои зиндагӣ кор намеояд. Ҳатто баҳорон ё дар охири тирамоҳ, ки дар айни хоби ширин, нисфишабӣ ё саҳар нохост борон мегирад, дар чунин маврид ҳам, мо ба айвон нагурехта, ба хона медароем, зеро замини айвон тӯпалхоки расво асту таги деворҳои гилии он – макони каждуму ганбуск. Дар омади гап, дар рӯи суфа ҳам аз каждум эмин мондан мумкин нест, ман худам чандин бор дар рӯи суфа каждум куштаам, ҳатто як-ду дафъа пагоҳӣ аз хоб хеста, дар рӯи ҷогаҳ каждум ёфта будам, аммо аҷоибаш ин, ки дар умрам ягон бор ҳам маро каждум нагазидааст.

Хулоса, аз айвони равони мо нафъи казоие набуд.

Хонаи истиқоматӣ, ки даҳлезча ҳам дорад, дар назари аввал гӯё аз айвон кӯчактар, хурдтар аст, аммо агар кас ба даруни хона дарояд, мебинад, ки қариб нисфи хонаро айвон аз назар пинҳон мекардааст. Ошдону мӯрӣ ва обрезу ӯра ҳам дар даҳлез воқеъ шудаанд.

Дар рӯ ба рӯи айвон полизчаи дарозрӯяе воқеъ аст, ки назар ба гуфти ҳамсояамон Султоналихон, агар ман ба-

чаи бадаступо мешудам, аз он ҳар сол як зимистона сабзиву пиёз гирифтанам мумкин буд. Аммо ман, аз афти кор, бачаи бадаступо нестам, ки аз полиз ғайр аз ду-се бех помидору як ғарам алафи бурган дигар чизе рӯёнда наметавонам.

Дар таги тирезаи хона, дар тарафи чапи дари даҳлез як суфачаи пастакак ҳам ҳаст, ки рӯяшро ҳар баҳор худам бо каҳгил андова мекунам. Ҷои нишасти мо ҳам аксари вақт рӯи ҳамин суфача аст.

Рӯи ҳавлиамон – бисёр хурд: дар рӯи ҳавлии мо футбол он тараф истад, ҳатто ламкабозӣ кардан душвор аст. Лекин хоки нармаш барои буҷулбозӣ хеле боб аст.

Маҳаллаи мо, ки дар қисми кӯҳнаи шаҳр воқеъ шудааст ва ҳавлиҷоҳои хурд-хурди он чунон ба ҳамдигар тиққида рафтаанд, ки ба замин пой намонда, бом ба бом гузашта, бемалол ба кӯчаи калон рафта фаромадан мумкин аст. Аммо дар ҳар маҳалла албатта як-ду ҳавлии калони боҳашамат низ мешавад. Дар маҳаллаи мо ҳам чунин як ҳавлӣ ҳаст, ки он ҳавлии Арслоналихонтӯра мебошад. Ин ҳавлӣ аз ҳавлии мо се-чор бор калонтар аст ва айвони баланди ёздаҳболорааш дар паси полизи мо воқеъ шудааст, ки девори ақибаш ба тарафи мо нигоҳ мекунад. Айвони Арслоналихонтӯра хеле баланд аст, бинобар ин офтоб ба полизи мо ягон соат дертар мефарояд. Худи Арслоналихонтӯра кайҳо хоку туроб шуда, аз ӯ Султоналихон ном як писар мондааст; ин ҳамон ҳамсояи мост, ки маро «бедаступо» гӯён таъна карда буд. Вай дар ҳамин айвон ва як хонаи дигар зиндагӣ мекунад. Хонаву хоначаҳои дигарро ҳукумат ба коргарони фабрикаи бофандагӣ додааст. Султоналихон як марди сӣ – сиву-панҷсолаи қаддарози пешонадӯнгест, вай зану бача надорад. Мо, бачагони маҳалла, ӯро нағз мешинохтем ва ҳатто бисёр вақт ӯ сабаби дилхушии мо мешуд; Султоналихон арақхӯри калон буд ва қариб ҳар шаб маст шуда меомад. Ҳамин ки дар сари кӯча қади дарози ӯро дидем, бағаламонро аз сангу кулӯх пур мекардем ва поида меистодем, ки кай ӯ ба зери пояш чашм дӯхтаву калавида-калавида ва худ ба худ ғурунг-ғурунг карда аз пешамон мегузарад. Баъд сар мешуд «бомбардимон». Султо-

налихон дарди сангу кулӯххои нахустинро ҳис карда, бозмеистод ва ба тарафи мо хира-хира нигоҳ карда, дашном медод, аммо дар ҷавоби дашномҳои худ танҳо хандаву ҳой-ҳуи моро мешуниду боз чанд ҷои баданаш аз сангу кулӯх кабуд мешуд. Баъд аз ин ба хашм омада, ба мо ҳамла мекард, аммо ягонтаи моро дошта наметавонист ва оқибат маҷбур мешуд, ки роҳи гурезро пеш гирад. Ин вақтчоқӣ қариб ҳар шаб барпо мешуд. Аммо ҷанг сар шудааст, ки Султоналихон дигар маст намешавад, ришу мӯйлаб монда, ба сараш салла бастааст. Мӯйсафедону пиразанони маҳалла, ки пеш сояи Султоналихонро аз девор метарошиданд ва «пиёнистка» ва «дайду»-ю «безорӣ»-аш меномиданд, акнун мегӯянд, ки «тӯрам ба худ омадааанду мӯъмину мусулмон гаштаанд» ва назар ба гуфти мардум, ба ин авбоши дирӯза ихлосу эътиқод пайдо карда, ҳатто назру ниёз меовардагӣ шудаанд.

Дар поёни ҳавлӣ, дар рӯ ба рӯи хонаи истиқоматии мо, дар паси девори пастаки похсагин ҳавлии Ҳурбибихола ҷой гирифтааст, ки сербачатарин ва серғавғотарин ҳавлии маҳалла ба шумор меравад. Ҳурбибихола ҳафт писар дорад. Аз ҳафт писар танҳо писари кенҷааш ҳоло зан нагирифтааст. Ин ҷӯраи наздики ман ҳамон Карим аст, ки номашро якчанд саҳифа пештар ба забон гирифта будам. Аз шаш акои Карим – чортоаш дар аскарӣ ва агар Карим рост гуфта бошад, дуи дигараш ҳам пагоҳ-бегоҳ ба ҷанг меравад.

Дар паси айвон ва дар ақиби хонаи истиқоматии мо низ ҳамсояҳо ҳастанд, аммо ман онҳоро ҳамсоя ҳисоб намекунам. Зеро дарвозаи онҳо аз кӯчаи дигар аст ва маҳаллаашон ҳам дигар мебошад. Мо ба он ҳавлиҳо танҳо гоҳ-гоҳ барои себу анор ва ё барои гирифтани тӯби роҳгумкардаи худ мефароем.

Маҳаллаи мо ба дарё хеле наздик аст; кӯчаи калони маҳалла аз лаби дарё мегузарад. Шабҳои гарм ва дами тобистон шаббодаи салқини дарё моро хоби роҳат медиҳад, аммо баҳорон, ҳангоми обхез қариб тамоми маҳалларо заҳ зер мекунад. Аз ҳавлиҳои сари кӯча, ки ба дарё бисёр наздиканд, ҳатто об мебарояд.

Вале барои мо, бачагон, дарё як давлати бузург аст. Бисёрии умри мо дар лаби дарё мегузарад. Мо дар дарё оббозӣ мекунем, аз дарё моҳӣ мегирем. Фурсат, ки ёфтем, ба лаби дарё медавем...

Ман аз фикру хаёл ба худ омада, оҳиста ба пеши модару тағоиям рафтам. Дилам як қадар хиҷил буд. Медонистам, ки тағоиям ба ман дӯғу даранг намекунад, ба сарам фарёд намезанад, аммо, охир, ин дафъа гуноҳи ман аз шӯхию беодобии оддии бачагона басе зиёдтар, басе вазнинтар буд.

Дар ҳақиқат тағоиям маро бисёр ғам надод. Вақте ки ман аз паси кунҷи хона баромада, ба ҳардуи онҳо салом додам, тағоиям ба саломи ман алек гирифту ба ман аз паҳлӯи худ ҷой нишон дод ва баъд бо мулоиматӣ пурсид:

– Куҷо рафтӣ, ҷиянам?

Ман аввал як қадар шарм дошта, баъд хеле далер шуда саргузашти худро як ба як гуфта додам.

Тағоиям маро андаке коҳиш карду баъд дуру дароз хаёл карда монд.

– Ҷиянам, – гуфт ӯ дар охир бо оҳанги нарму дӯстона, вале ҷиддӣ, – ман ба ту панду насиҳат хонданӣ нестам. Лекин худат дида истодаӣ, ки аз дадот – илоҳо, зиндаю саломат бошад – се моҳ боз хату хабар нест, модарат бошад, як муштипар зан, ба нӯги сӯзан дег меҷӯшонад... Ту акнун бачаи хурд не, худоба шукр, ба сенздаҳ қадам мондӣ, пастию баландии дунёро фарқ мекардагӣ шудӣ. Акнун мебояд, ки ту ҳам як пои гӯсола шуда, ба модарат ёрӣ диҳӣ, сари ягон касбу корро гирӣ... Дар ёдат ҳаст, дадот дар як хаташ чӣ гуфта буд? «Писарам, Ҳасан, сардори хона акнун ту ҳастӣ, ба модарат ёрмандӣ кун, аз гапаш набаро» гуфта буд, дадот... Дигар бачаҳоро бин, ғалтанд – заминро газида мехезанд. Ҳаракат мекунанд, ки як тинашонро ду тин кунанд, коре кунему ба хона ёрдам шавад мегӯянд... Ҷиянам, ту дар хона хоб будию ману модарат камтар маслиҳат кардем... Биё, бозию кинои бефоидаро мону аз паи ягон кори бафоида шав. Маслиҳат ҳамин шуд, ки ҷиянам, ман ба ту камтар пул диҳам, ба ту дастмоя шавад: ту аз ин ҷо мева харида ба Зарчашма бар. Агар шунида бошӣ, Зарчашма як ҷои

кӯҳистон аст, мева намешавад. Одами серпулаш бисёр, чанд пул ки гӯӣ – харидан мегирад. Дар ҳар рафтанат, агар роҳпулиро барорем, камаш дусад-дусаду панҷоҳ сӯм фоида мекунӣ. Охир, як тинро кӣ медиҳад, буча?[1] – ба модарам рӯ оварда гуфт ӯ.

– Рост, уко.. – гуфта монд модарам, ки аз суханони тағоиям мутаассир шуда, дар чашмонаш об чарх мезад.

Абдулатиф-тағо боз ба ман муроҷиат кард:

– Аз дигар тараф, – гуфт ӯ, – ба ту дар Зарчашма қӯшхона кофта гаштан лозим намешавад, рост ба хонаи ман рафта мефароӣ. Хӯрду хӯрокат ҳам аз ман. Хӯ-ӯш... Чӣ гуфтӣ ба ин маслиҳат, ҷиянам?

Рости гап, ин таклифи ногаҳониро шунида, ман дасту по хӯрда мондам ва ғарқи дарёи фикру хаёл аз замин сар намебардоштам.

Аз як тараф – бисёр гапҳои тағоиям ҳақ буданд ва ба ман хеле таъсир карданд, аз тарафи дигар мевафурӯшӣ кардан... Ман намедонистам ба тағоиям чӣ гуфта ҷавоб диҳам, ба чӣ қарор оям...

– Хуб, – гуфт мушкили маро осон карда Абдулатиф-тағо, – ман намегӯям, ки «ҳозир ҷавоб деҳ». Майлаш, хуб фикр карда бин, мана боз бо модарат маслиҳат кун. Ман баъди ягон ду-се рӯз мебиёям, ана баъд дурустакак гапзанон мекунем...

Тағоиям як бурдаи калони нонро ба мураббои зардолугин тиққонда гирифта, бо чои сардшуда фурӯ доду даҳону мӯйлабашро, ки ба мураббо олуда буд, бо нӯги рӯймолаш пок карду гуфт:

– Аз гапи ман тарсида боз ба ягон тараф гурехта наравӣ, ҷиянам? – ва баланд хандида фиристод.

Ман ҳам беихтиёр ханда кардам.

...Он рӯз ман ба Абдулатиф-тағо ҷавобе надодам, аммо баъд аз рафтани ӯ ба модарам гуфтам, ки аз ӯҳдаи мевафурӯшӣ намебароияму умуман ин кор ба ман маъқул нест. Вале таваллою зорӣ ва гиряву нолаи модарамро дида, дудила шуда мондам ва баъд аз се рӯз тағоиям боз аз Зарчашма омада буд, ки ба саволи «хӯш, ба чӣ фикр

---

1 Буча – апа, хоҳари калонӣ .

омадӣ, ҷиянам?» бо нӯги поям заминро хат кашида гуфтам:

– Майлаш, тағо, ман розӣ...

## РОҲИ ЗАРЧАШМА

Тағоиям ҳанӯз офтоб сурхӣ накарда, маро аз хоб бедор кард. Бо модарам хайрухуш карда, ҳар ду роҳи бозорро пеш гирифтем. – Хайр, худата эҳтиёт кун... тағота хафа накун, – бо овози ларзон ва дидаи пуроб мегуфт модарам дар вақти хайрухуш.

Аз дарё боди серуни саҳарӣ мевазид. Баргҳои дарахтони сафедор, ки дар ду тарафи пиёдагарди кӯча қатор рӯида буданд, аз боди дарё ба ҳаракат омада гӯё қарсак мезаданд. Дар сар то сари кӯчаи калон шипир-шипири паст, вале бероми дарахтон ҳукмфармо буд. Офтоб ҳанӯз аз паси кӯҳҳо сар назада бошад ҳам, аммо абрпораҳои сиёҳи қӯрғошимтобро бо қалами ноаёни худ паси ҳам ранг мекард ва гӯё тамоми осмон лаҳза ба лаҳза оташ мегирифт.

То бозор хеле рох буд.

Дар кӯчаҳо танҳо якта-нимта одам менамуд.

Ҳар ҷо-ҳар ҷо бевосита дар девори сафеди идораю корхонаҳо суратҳои рангаи калон-калон кашида шуда ва дар зери аксари суратҳо ягон шиоре навишта шуда буд.

Дар зери як сурат, ки зане кӯдакашро ба синааш пахш карда, бо чашмони пурдаҳшат ба сарнайзаи милтиқи немисӣ нигоҳ мекард, «Ҷанговар, моро наҷот деҳ!» – гӯён навишта буданд.

Боз бисёр суратҳои дигар буд, ки ҳар гуна шиор дошт: «Ҳама чиз – барои фронт!» «Кори мо ҳақ – мо ғалаба мекунем!» «Лаққӣ мабош!»...

Гох-гоҳ бо тарақо-туруқи баланд аробачаҳои нонкашонӣ гузашта мерафтанд. Баъд аз гузаштани ҳар як ароба дар кӯча бӯи лазиз ва ширини нони гарм паҳн мешуд. Асп кам монда буд ва ба аробаҳо аксар харҳоро баста буданд.

Дар ҳеҷ куҷои Чорчинор тири тӯп наметаркид, аз бӯи борут осоре набуд, ман медонистам, ки аз шаҳри мо то

фронт ҳазорҳо километр роҳ аст, вале бо вуҷуди ин дар ҳамин шаҳрчаи дурдасти мо ҳам ҷанг сояи худро афканда буд. Дар сари ҳар қадам ягон чизеро дучор кардан мумкин буд, ки аз ҷанги дур хабар медод...

Дар пеши назарам қомати баланд, кифтҳои паҳн ва чашмони меҳрубононаи падарам намудор гашт. Ҳар рӯз баъд аз кор аз фабрика омада, «Ҳасан, рафтем...» гӯён бо дастони калон-калони равғанолуди худ аз дасти ман гирифта, ба ҳамин дарё ба оббозӣ бурданҳояш, ҳамроҳи ман дарс тайёр карданҳояш (дар мактаби ғоибона мехонд), шӯхикунон бо ман гӯштин гирифтанҳояш ба хотирам омаданд.

Рӯзи дуюми ҷанг ӯро ба вокзал бароварда гусел кардем. Вай модарамро, ки беист гиря мекард, тасаллӣ дода мегуфт, ки беҳуда замини вокзалро об назанад, вай дере нагузашта гашта меояд, мегуфт, ки ҷанг зиёдаш дар ду-се моҳ тамом мешавад. Аммо аз он рӯз ҳоло ду соли дароз мегузараду аз охири ҷанг дарак нест. Ин ҳама ғами дуриву фироқ кам набуд, ки боз се моҳ ин тараф аз падарам мактуб намеояд. Кай тамом мешуда бошад, боз чӣ қадар давом мекарда бошад ин ҷанги хонумонсӯз?

...Бозори қадимии тимдори Чорчинор аллакай аз одам пур шуда буд, раставу растачаҳои бозор аз меваю савзавот лаболаб шуда, дар сар то сари бозор як ғалоғулаи номафҳуми ҳазороҳанге ҳукм меронд, ки ғув-ғуви орухонаро ба хотир меовард.

Ман аз паси тағоиям қадам монда, ба чаҳор тараф чашм медавондам.

Як пирамарди ришдарози салладор дар болои хараш нишаста, пиёзи кабуд мехарид.

Зани тануманди мӯзапӯше, ки писараки пахмоқмӯяш аз доманаш маҳкам дошта гирифта буд, сатили калонеро ба рӯи раф монда, гелос савдо мекард.

Дар сари помидори навбаромад одами бисёре ҷамъ шуда буду лекин фурӯшандааш бекор, ду дасташро ба бағалаш тиққонда менишаст. Аз афти кор, ӯ ба молаш қиммат нарх монда буд.

Дар як гӯшаи хилваттари бозор, дар мобайни ду дӯкончаи обфурӯшӣ, ки ҳозир маҳкам буд, як марди ҷа-

вони олуфталибос, ки беором ба гирду пешаш нигоҳ мекард, ба зани фаранҷидоре, ки танҳо дастонашро аз фаранҷӣ берун баровrouteа буд, намунаи чизеро нишон дода, пичир-пичиркунон тез-тез гап мезад.

Аз як гӯшаи бозор ашӯлахонии майзадаи саҳархезе ба гӯш мерасид.

Тағову ҷиян растаро то охираш давр зада баромадем.

Тағоиям гоҳ-гоҳ бозистода, нархи сабзӣ ё картошкаро мепурсид, ҳатто моли фурӯшандаро даст-даст карда медид, аммо савдо намекард.

– Ҳамин хел гаштан мегирем, тағо? – гуфтам ман дилтанг шуда. – Ягонтаашро гирему монем-дия...

– Ӯзбекҳо мегӯянд, ки «сабр қилсанг ғӯрадан ҳалво пишар», фаҳмидӣ, ҷиянам? – ханда карда гуфт тағоиям.

Боз ба даруни раста даромадем.

Оқибат, растаро бори дигар давр зада баромада будем, ки Абдулатиф-тағо гашта рафта дар назди як бачаи бодирингфурӯш қарор гирифт.

Вай бодирингро даст-даст карда дида ва ба кофӣ будани миқдори он боварӣ ҳосил карда, ба савдо даромад.

Бача мегуфт, ки килои бодирингаш даҳ сӯм аст.

– Биё, уко, ту ҳам аз корат намон, ман ҳам, – гуфт тағоиям ба фурӯшанда даст дароз карда. – Ба ҳар килош ҳафтсӯмӣ гиру лингаата афшонда рафтан гир.

Тағоиям бо табассум ба ман чашмак заду ба бача гуфт:

– Ҳой! Дар дунё савоб ҳам чизи даркорӣ. Ман ин бодирингро барои як кори муҳим мегирам, апаи ана ҳамин бачаро тӯй карда истодаем. Биё, ту ҳам аз савоб маҳрум нашав, пулата гирифта рафтан гир.

Ман ин гапҳоро шунида даҳонамро кушода мондам.

Бачаи бодирингфурӯш розӣ намешуд.

Аммо мӯйсафеде, ки дар қатори бача истода сабзӣ мефурӯхт, ба гап ҳамроҳ шуда, гуфт:

– Те, писарам, барои кори хайр будааст-ку, охир. Савоби ин ба ҳафт пуштат мерасад.

Бача дудила мешуд.

Боз як ду сухани хуши тағоиям ва панду насиҳати мӯйсафед деҳқонбачаро бовар кунонд, ки савоб аз пул дида

авлотар аст ва ӯ ҳамаи бодирингашро баркашида дод.

Тағоиям бодирингро бардошта, ба чойхонаи кӯчаи калони пеши бозор бурда партофт ва маро қаровул монда худаш боз ба бозор даромаду чамадончаи фанеринашро, ки ин гуна чамадончаҳоро одатан коргарони роҳи оҳан гирифта мегарданд, пур карда баромад.

Тағову ҷиян дар интизории мошин ба чойнӯшӣ нишастем.

Ман пиёларо аз чой пур карда, ба тағоиям дароз кардаму хандида гуфтам:

– Расо боб кардед-дия, тағо! Вай кадом тӯй буд?

Тағоиям қаҳқос зада хандид.

– Зарур бошад, раво бошад, гуфтаанд, ҷиянам, – бо оҳанги чиддӣ гуфт ӯ баъд. – То росту дурӯғ нагӯӣ, корат пеш меравад магар? Дар ин дунё гапи рост қатӣ зиндагӣ карда намешавад, ҷиянам, намешавад! Ту ҳоло хурд ҳастӣ, баъзе чизҳоро намефаҳмӣ. Ҳар чиз як ҷой, як маврид дорад. Вақташ мешавад, ки рост гап мезанӣ, вақташ мешавад, ки дурӯғ ҳам мегӯӣ. Ту ба ҷои ин ки ҳайрон шавӣ, аз ин корҳо ибрат гир, зиндагиро омӯз! – ва ногоҳ хандида гуфт:

– Читӯ, ҷиянам, аз ман ҳам муаллим мебарояд ё не?

Дар охир мошин ҳам омад. Тағоиям ба шофер ду-се даҳан гап заду маро бо ҳамроҳии лингаи бодиринг бар болои мошин шинонда, худаш дар кабина, аз паҳлӯи шофер ҷой гирифт.

Мошини панҷтоннагӣ, ки ғӯлаҳои ғафси дароз бор карда шуда буд, дере нагузашта аз шаҳр баромад ва роҳи даштии якранг ва бенуру сафое сар шуд.

Ман на ба тамошои дашти бе долу дарахт коре доштам ва на ба бардорузани мошин. Маро боз хаёлҳои нохуш печонида гирифтанд.

Ман куҷо рафта истодаам? Чӣ хел мевафурӯшӣ мекунам? Модарам бе ман чӣ кор мекунад?

Ман ба ҳеҷ кадоми ин саволҳо ҷавоб ёфта наметавонистам. Танҳо ҳаминро ҳис мекардам, ки дар ҳаёти ман як дигаргунии муҳиме рӯй дода истодааст ва ин дигаргунӣ барои ояндаи ман аҳамияти калоне дорад...

Мошин дашти урёни дилгиркунандаро қафо гузошта

ба роҳи пурпечутоби кӯҳсор даромада буд, ки ман аз хаёлоти ногувори худ сар бардошта, ба тамошои гирду атроф машғул шудам ва фурсате нагузашта он ҳама фикрҳои тираро фаромӯш кардам.

Роҳи камбари бечангу ғубор аз қад-қади дарёчаи пуршӯри кӯҳсор мегузашт ва тамоми хаму ростшавиҳои дарёчаро айнан такрор карда буд. Дарёву роҳ дар мобайни дараи танге воқеъ шуда, аз худи канори роҳдевораи сангини кӯҳҳо боло рафта буд. Бар акси дашт, кӯҳсор сабзу хуррам буда, насими серуни дарё бӯи чӣ навъ як гулҳои кӯҳиро ба димоғ оварда мезад. Дар баъзе ҷойҳо, ҳатто дар қуллаи кӯҳҳо, бадани оҳанини сангҳои хороро шикоф карда, дарахтони писта рӯида баромада буданд. Дар осмони нилгуни дара як порча абри дарозе лангар партофта буд, ва ба оби каб-кабуди дарё нигоҳ карда, гумон кардан мумкин буд, ки аз осмон як тасмаи борику дарозеро бурида, ба мобайни дара партофтаанду ба ҷои он абрро дарбеҳ карданд.

Кӯҳҳои азими осмонхарош ва сокитро дида, ман худро беандоза хурд ва мӯрчавор заиф ҳис мекардам. Дар баробари ин як шавқ, як шодие ҳам буд, ки аз он дилам гум мезад, беихтиёр дар чашмонам об чарх мезад. Чӣ қуввае дорад табиат, ки чунин кӯҳҳои азим ва осмонбӯс сохтааст!..

Баъзан харсангҳои аҷоиберо медидам, ки бо шакли худ ҳар хел ҳайвонотро ба хотир меоварданд. Ана, он харсанг ба сари гӯсфанди қӯчқор монанд аст, ана инаш каллаи уштурро ба ёд меоварад...

Дар як ҷои роҳ, ки мошин барои обгирӣ истод, харсанги калонеро дидам, ки гӯё касе бо алмос бурида бошад, айнан аз миёнааш кафида буду аз он ҷо қатра-қатра об мебаромад. Ба хотирам афсонаи «Чилдухтарон» расид. Гӯё чиҳил духтар дар паси ҳамин санг бошанду қатраҳои об сиришки дидаи онҳо бошад..

Ногоҳ дар болои дандонаи байни ду кӯҳ як ҷонвари сафедеро дидам, ки мисли ҳайкал беҳаракат истода ба тарафи мошини мо нигоҳ мекард.

– Оҳу! – ба чашмам бовар накарда хитоб кардам ман беихтиёр.

Оҳу гӯё медонист, ки аз мо барои ӯ хавфу хатаре нест ва то охир аз мошин чашм наканда истод.

Ногоҳ аз куҷое буд, ки дар осмони соф як абри сиёҳи телпакмонанде пайдо шуд. Абр бо суръат бузург мешуд, фурсате нагузашта, офтоб аз назар пинҳон гардид ва донаҳои калон-калони борон ба сару гарданам задан гирифт.

Ранги кабуди оби дарё дар як лаҳза хира ва лойолуд гашт. Мавҷҳои дарё бузургтар ва ғурришаш баландтар шуд.

Қаторкӯҳи он тарафи дарё дар паси пардаи борон нопадид гардид.

Ман шип-шилта тар шуда, баданам ба ларза даромад. Тағоиям мошинро дошта, фуфайкаи пахтагинашро ба ман дароз кард.

Аммо борон зиёд давом накард ва дере нагузашта боз офтоб пайдо шуду дар як он сару либоси маро хушк карда дод.

Ҳавои дара боз ҳам софтар ва тозатар гашта буд. Ман синаамро пур карда, аз ҳавои масткунандаи кӯҳсор нафас мегирифтам.

Мошин гашташро суст карда, аз роҳи лаби дарёча баромаду ба як роҳи хурдтаре, ки ба даруни дараи дигаре гирифта мебурд, даромад, аммо роҳи зиёде нагашта, дар зери дӯнгии баланде бозистод.

Дари кабина кушода шуда, тағоиям баромад.

– Лингаро дароз кун, омадем.

Мошин моро дар роҳ монда, ба ҳаракат омаду дар паси дӯнгӣ ғоиб шуд.

Бо мароқ ба чаҳор атроф нигоҳ мекардам.

Дар он гирду пеш ягон одаме ё хонае наменамуд.

– Зарчашма ҳамин аст, тағо? – бо ҳайронӣ пурсидам ман.

– Не, – гуфт тағоиям, – Зарчашма дар паси ана он теппа. Лекин агар аз ҳамин ҷо нафарой, мумкин аст боратро тафтиш кунанд. Канӣ, лингаро бардошта те, ҷиянам!

Абдулатиф-тағо лингаро ба пушти худ бардошта, аз пайраҳаи борике, ки ба сӯи дӯнгии дигар печ зада мерафт, роҳ сар кард.

Пас аз хеле роҳ гаштан ба сари дӯнгӣ расидем ва ман якбора дар зери пои худ як дараи хеле васеъ ва сабзу хуррамеро дидам, ки дар ҳар ҷояш иморатҳои якошёна ва духошёна бино ёфта, аз дудкаши як бинои калони сертирезае, ки бояд завод ё фабрика бошад, дуди ғафси сиёҳ мебаромад. Дар ягона кӯчаи шаҳрча мошинҳои бисёре дар рафтуо буданд. Аз як канори дара дарёчаи пурпечутобе мегузашт.

Тағоиям лингаро ба замин монда арақи пешониашро пок карду гуфт:

– Ана, Зарчашма.

## САВДОИ НАХУСТИН

Чойхонаи Абдулатиф-тағо дар ҷои баландтарин ва хушҳавотарини шаҳрча воқеъ гардида буд. Маркази шаҳр ҳам гӯё ҳамин чойхона буд. Бозорча ва ду-се дӯкони шаҳрча дар атрофи чойхона ҷой гирифта буданд. Автомашинаву аробаҳо ҳам дар пеши чойхона омада меистоданд, ё аз ҳамин ҷо ба роҳ мебаромаданд.

Чойхона, ки дар бинои калони айвонмонанд ҷой гирифта буд, танҳо як самовор дошт, ки тахминан панҷ сатил об мебурд. Чойхонаро аз мобайн ба ду суфаи дарозрӯя ҷудо карда, бар рӯи суфаҳо палосҳои қирғизӣ андохта буданд, аммо палосҳо чунон тагипо шуда буданд, ки ранги аслиашон шинохта намешуд. Дар поёни чойхона, дар назди даромадгоҳ як столи дарози тахтагин ва харакҳо гузошта шуда буданд. Ягона девори чойхона гӯё ба ҳамин наздикӣ сафед карда шуда буд, аммо ба ғайр аз як алвони дарози рангпарида, ки ба рӯяш шиори Якуми Май нақш ёфта буд, дигар ягон ороише надошт. Аз пеши чойхона як ҷӯйчаи шилдиробае мегузашт.

Хоначаи тағоиям ҳам дар ҳамин ҷо, дар паси чойхона буда, дараш аз тарафи дигар, аз кӯча буд.

Сару либосамро аз хоку чанги роҳ тоза карда ва дасту рӯямро дар ҷӯйча шуста, баргашта ба хоначаи тағоиям омада будам, ки ӯ гуфт:

– Ҷиянам, вақт ғанимат, ҳозир танаффуси коргарон мешавад, ту мана ин сангу тарозуро гиру бодирингатро фурӯхтан гир. Зормонда бодиринг як чиз, ки "агар дар-

рав нафурӯшӣ, обаш парида, сабук шуда мемонад... Ман бодирингатро ба ин ду сатил андохта мондам, яктоашро ту гирифта бар, дигарашро шогирдам бурда медиҳад. Ман ҳозир ба бозор фаромада будам, ки нархи бодирингро фаҳмида биёям, не, дар бозор бодиринг набудааст, аммо дина дувоздаҳсӯмӣ савдо шуда будааст. Ту ҳам дувоздаҳ сӯм гӯй.

– Дувозаҳ сӯм? – ҳайрон шуда пурсидам ман.

– Ҳа, дувоздаҳ сӯм, – гуфт тағоиям. – Ту чандпулӣ фурӯхтанӣ будӣ?

Ман хаёл карда гуфтам:

– Бисёр қимат намешавад?

Тағоиям хандида гуфт:

– Зан гирӣ, занат мезояду, ҷиянам, лекин ҳоло ҳам баъзан гапҳои бачагона мезанӣ-дия. Ту дувоздаҳ сӯм гуфтан гир, ба он тарафаш корат набошад.

Абдулатиф-тағо рафта шогирдашро, ки Қосимҷон ном доштааст, ба назди ман фиристод.

Қосимҷон як бачаи тахминан ҳабдаҳ – ҳаждаҳсолае буда, ришу мӯйлабаш баромада буд. Вай тӯппиашро ба сараш якшоха гузошта, як даста мӯи қатронрангашро аз тӯппӣ берун бароварда монда буд. Аз зери абрӯвони ғафси сиёҳаш як ҷуфт чашмони калон-калони оҳумонандаш ба кас меҳрубонона нигоҳ мекарданд. Аммо дар нигоҳаш як ҳузн, як ғамгинӣ ҳам ҳис карда мешуд. Дастонаш ҳам мувофиқи қадаш дароз-дароз буда, қариб то зонувонаш мерасиданд. Панҷаҳояш аз гарди ангишт сиёҳча метофтанд. Майкаи сурхи беостинаш аз арақ шӯр зада, доғҳои сафед пайдо карда буд.

– Ҳа, уко, дуруст ҳастӣ? – гуфта ба ман даст дод ӯ ва ҳарду сатили калон-калони вазнинро осонакак аз замин бардошта, «рафтем» гӯён аз дар баромад.

Ман ҳам сангу тарозуро бардошта аз паси ӯ равон шудам.

Дар бозорча, ки ягон сад қадам дуртар, дар рӯ ба рӯи айвони чойхона будааст, танҳо панҷ-шаш зану як мӯйсафед ва як бачаи тахминан ҳамсинни худамро дидам. Занҳо ширу тухм бароварда будаанд. Бача – семичка. Мӯйсафед бошад, дар пеши худ як турба махоркаи «са-

мосад»-ро гузошта буд. Дар миёнаи тӯрба, дар рӯи махорка истакончаҳои хурду калон меистоданд, ки мӯйсафед молашро бо он истакончаҳо чен карда мефурӯхт. Ҳама чизҳояшонро дар рӯи замин паҳн карда буданд.

Қосимҷон сатилҳоро дар қатори халтаи бачаи семичкафурӯш гузошт.

– Ӯҳӯ, диринг-диринг – бодиринг! – ашӯла барин карда гуфт бача.

– Бодиринги худат аст, Қосим? – пурсид зане, ки аз он тарафи бача менишаст.

– Не, – гуфт Қосимҷон, – аз они мана ин бача.

Ҳама гашта ба ман нигоҳ карданд.

Ман шарм дошта, ба куҷо нигоҳ карданамро намедонистам.

– Савдогарбачаи нав! – гуфт боз ҳамон зан.

Дар оҳанги гапи ӯ ягон тамасхур ё бадхоҳӣ садо намедод, вале аз чӣ бошад, ки ин лақаби муфт ба ман сахт расид.

– Бачаро шарм надоронед, – гуфт Қосимҷон ва ба ман рӯ овард: – тарозуро ин тараф гир, уко! Худат мана ин ҷо ист. Ҳозир танаффус мешавад, дар як дам фурӯхта тамом мекунӣ. – Чунин гуфта Қосимҷон маро танҳо мононда рафт.

Ман ҳамчунин ба замин чашм дӯхта менишастам ва танҳо гоҳ-гоҳ ҷуръат пайдо карда, ба сӯи бачаи семичкафурӯш бо гӯшаи чашм назар меафкандам.

– Номи ту чӣ? – гуфта пурсид бача.

Ман ба ӯ номамро гуфтам.

– Чӣ будааст номаш? – гӯён ба ман нею ба бачаи семичкафурӯш мурочиат кард боз ҳамон занак. Баъд, ҷавоби бачаро шунида бевосита ба худи ман савол кард. Ӯ чандсола, куҷоӣ будани ман, падару модар доштан ё надоштани маро пурсида гирифта, ногоҳ гуфт:

– Ба чойхоначӣ хеш мешавӣ?

Ман гӯё, ки ба Абдулатиф-тағо хешӣ доштан гуноҳ бошад, шармида ва забонам гирифта беихтиёр гуфтам:

– Н-не... ҳамту, шинос…

Худам ҳам намедонам, ки чаро дурӯғ гуфтам.

Занҳо дигар ба ман кордор нашуда, дар байни худ гап

зада рафтанд.

Маро аҷаб як ҳолате рӯй дода буд. Гоҳ сурх мешудам, гоҳ табассуми озурдадилонаи тағоиямро ба пеши назарам оварда, худро тасаллӣ медодам, ки хайр ҳеҷ гап не, соате нагузашта, ин бодиринги зормондаро фурӯхта тамом мекунаму аз ин кори мушкил халос мешавам.

Ин буд, ки аз ким-куҷо гудоки дуру дарозе шунида шуду бозорча якбора серодам шуда монд.

Аз афти кор, дар Зарчашмаи салқину камофтоб меваю сабзавот намешудааст, ки ҳама худҳошонро ба тарафи бодиринги ман заданд ва бозори ман зуд тасфида рафт. Тағоиям, ки аз чойхонаи худ тамоми бозорро дида менишаст, серкор шудани маро дида, боз шогирдашро ба ёрии ман фиристод. Ману Қосимҷон дукаса шуда, бодирингро ҳақиқатан дар як дам фӯрӯхта тамом кардем.

Ман пули килои охирини бодирингро дар бағал андохта, қоматамро рост кардаму нафаси озодонае гирифтам ва оби сатилҳоро ба рӯи замини бозор пошида, давон-давон ба хонаи тағоиям рафтам.

Гашти рӯз чойхонаро ба Қосимҷон монда омада, Абдулатиф-тағо пули савдои нахустини маро шумурда баромад.

– Ана, ҷиянам, – гуфт ӯ ба ман меҳрубонона нигоҳ карда, – дидӣ, гиребонаш кам сесад сӯм пул кор кардаӣ. Сесад сӯм-а! Баъзе бечораҳо барои ин қадар пул шуда як моҳи дароз, дам нагирифта кор мекунанд. Лекин авлиёҳо беҳуда нагуфтаанд, ки ошхӯр ошаша мехӯраду атолахӯр атолрааша... Ана акнун, ҷиянам, худат гӯй, ки бекор, саланг-саланг гаштан нағз, ё ҳар рӯз мана ин хел, масалан гӯем, червонҳои миёнаш нашикастагӣ кор кардан? – ва тағоиям хушнудона хандае карду аз қабати дастаи пул якта даҳсӯмаи навро бароварда, дар мобайни ангуштонаш шақаррос занонд.

## ЗАРЧАШМА

Ба ҳамин тариқ, ман дар байни Чорчинору Зарчашма чун моку зуд-зуд рафтуо мекардагӣ шудам.

Акнун умри ман бештар дар Зарчашма мегузашт.

Дар шаҳр зиёд истода наметавонистам, дилам ҳамеша ба Зарчашма кашол буд.

Ман ба боду ҳавои софу беғубор ва ҷонбахши он, ба кӯҳу дараҳои каб-кабуд ва дилкушои он, ба оби ҳамчу ях сард ва ҳамчун булӯр соф, ба ҳавзу шар-шараҳои дарёчаи шӯхи он дил баста будам.

Меваю сабзавотфурӯшӣ бошад, барои ман як кори нохуш, вале ҳатмие буд, ки бо баҳонаи он ба Зарчашма барин як макони дилхоҳи худ роҳ ёфта метавонистам.

Ман бесаброна интизорӣ мекашидам, ки кай таги ҷӯволи бодиринг ва сабади ангур намоён мешавад ва ҳамин ки тарозуи охирини моли худро баркашида додам, сабуквор нафасе мегирифтаму пулу тарозуро ба тағоиям бурда дода ва бурдаи ноне ба киса андохта, дарҳол аз чойхона ғайб мезадам ва бо ҳамин ғайб заданам аксари вақт то хуфтан нест шуда мерафтам.

Ҳангоме ки мондаву шалпар шуда, бо сару либоси чанголуд ба чойхона бармегаштам, тағоиям бо ҳайронӣ сар чунбонда мегуфт:

– Дар кучо мегардӣ ин қадар, ҷиянам?

– Тамошо... – мегуфтам ман хамёза кашида.

– Та-мо-шо... – такрор карда мегуфт Абдулатиф-тағо. – Тамошо... Чӣ ҷои тамошо доштааст ин сангистон? Аҷаб! – ва чашмони худро, ки дар атрофи мардумакашон рагчаҳои сурх доштанд, калон кушода, лаҳзае андешамандона ба ман нигоҳ карда мемонд, вале зуд ба худ меомаду «бача набошӣ...» гӯён механдид.

Аммо барои ман дар ин «сангистон» ҷои тамошо бисёр буд.

Ман хусусан дар даҳани шахта рафта нишастанро дӯст медоштам.

Посбонони шахта, ки се нафар буда, бо навбат кор мекарданд, маро кайҳо шинохта гирифта буданд, ҳатто баъзан аз ман хоҳиш мекарданд, ки аз дӯкон ба «заборнӣ»-ҳошон[1] нон оварда диҳам, ё худ чойникашонро

---

1. Замони ҷ анг барои нон ба ҳар кас карточкаи махсус дода мешуд, ки онро дар гуфтугӯ «заборний» меномиданд.

дода мегуфтанд, ки аз чойхона оби ҷӯш биёрам ва ё боз ягон кори дигаре мефармуданд. Касе аз онҳо ба сайру гашт ва тамошои ман монеъ намешуд.

Ман одатан дар рӯи тахтасанги калони наздикии шахта зонуҳоямро бо дастонам оғӯш карда, соатҳои дароз рафтуои вагонеткаҳоро тамошо карда менишастам.

Шахта, ки ба як ғори калоне монанд буд, дар болои шаҳрча, дар зери як кӯҳи сурхи бегиёҳе канда шуда буд.

Аз даруни шахта рӯзу шаб як боди сабуки салқине мевазид. Ба шифти шахта қатор чароғҳои электрикӣ шинонида шуда буд, аммо шахта ягон сад қадам рост рафта, баъд ба дасти чап тоб мехӯрд ва маълум набуд, ки он тарафи шахта чӣ хел аст.

Аз миёнаи замини шахта хатти роҳи оҳан кашида шуда буд, ки аз роҳи оҳани ҳақиқӣ дида хеле камбар буду релсҳояш ҳам бориктар буданд. Релсҳо ҳар дам ба ларза омада, паст-паст ҷарангос мезаданд. Баъд дере нагузашта, аз дарун вагонеткаҳое, ки бо шакли худ гаҳвораи парӯгузошташударо ба хотир меоварданд, бо сангпораҳои калон-калони хокистарранг пур шуда мебаромаданд. Аз шахта якбора панҷ-шаш вагонетка қатор шуда мебаромад, ки онҳоро як-ду кас аз коргарон тела дода меомаданд. Вагонеткаҳоро рост ба сӯи завод ронда мебурданд. Завод бошад, намедонам аз барои чӣ, дар канори дигари шаҳрча сохта шуда буд.

Ман бисёр мехостам, даруни шахтаро ҳам бубинам, бубинам, ки шахтёрон чӣ тавр кор мекунанд, чӣ тавр карда қӯрғошим мегиранд.

Ҳатто якчанд маротиба аз посбонон рухсат гирифтанӣ шуда, даҳан кушодам, аммо боз ҷуръат намекардам, метарсидам, ки посбонон аз густохии ман ба хашм омада, маро дигар ба наздикии шахта ҳам роҳ намедиҳанд.

Ҷои дигари тамошо гаражи автомашинаҳои кон буд.

Гараж каме болотар аз чойхона, дар як сарои калони дарвозадор ҷой гирифта буд.

Мошинҳои кон ҳама ба ҳамин гараж омада медаромаданд. Дар ин ҷо ҳамеша ҷарангоси асбобҳои оҳанин, ғурриши мотор ва мағалу ғавғои шоферон ҳукмфармо буд. Бӯи равғани мошин, бӯи бензин, бӯи ишқор ва оҳан

бо ким-чӣ гуна бӯйҳои тези дигар омехта шуда, як бӯи хуши аҷоиберо ташкил медоданд.

Дар гараж ҳамеша як гурӯҳ бачагон ҷумбуҷӯл карда мегаштанд. Онҳоро касе намеронд ё сарзаниш намекард.

Як қисми ин бачаҳо шогирдони шоферҳо, ё худ, чӣ тавре ки мегуфтанд, «стажор» буданд. Аммо аксарияти зиёдашон на стажор буданд ва на бо шоферон ягон хешӣ ва ё наздикӣ доштанд..

Ин қисми бачагонро танҳо ишқи пурзӯри мошин ба ин ҷо гирифта меовард.

Онҳо доимо тайёр буданд, ки бо ягон коре ба шоферон ёрӣ расонанд: дар баки мошин бензин резанд, радиатори мошинро аз об пур кунанд, дастаки домкратро болою поён карда, мошинро (мошини ростчакинро!) аз замин бардоранд, мурвати чархҳоро тоб дода кушоянд, ё сахт кунанд, латтапораеро ба даст гирифта, мошинро аз буфераш сар карда то чароғҳои сурхи ақибаш тоза кунанд, оинавор ҷило диҳанд.

Шоферон, ки мардуми дағалнамо, вале ҳама боқуввату паҳлавонпайкар, ба назари бачагон аз Худо ҳам бузургтар менамуданд, низ ба дастиёрии шогирдони ихтиёрии худ монеъ намешуданд, балки баръакс, бо онҳо ба тарзи ҷиддӣ, чун калонсол бо калонсол гапзанон мекарданд, ба саволҳои онон аксар ҷавобҳои муфассал ва саҳеҳ медоданд, ҳатто гоҳ-гоҳе ягон бачаи бахташ тофтаро, ки аз шодиву сурур ба куртааш намеғунҷид ва аз зӯрии ҳаяҷон то зери гӯшҳояш суп-сурх мешуд, ба шаҳр бурда меоварданд.

Ман ҳам мехостам монданди ҳамин бачагон ба шоферон ёрӣ диҳам, бензин оварам, об андозам, мурватҳои чархро тоб диҳам, мошинро пок кунам, аммо чизе буд, ки ба мисли девори баланд, вале ба назар нонамоён маро аз бачагони дигар ҷудо мекард ва ман бештар аз онҳо дар канор, аксари вақт дар таги девори сарой рост меистодам ва бисёр кам тасодуф меафтод, ки шоферон ба ман ҳам ягон коре фармоянд.

Аммо бо вуҷуди ин ман ба ин сарои бузурги серғавғо омаданро дӯст медоштам.

Завод ҳам хеле ҷои тамошо буд. Вале ман ба он ҷо кам

мерафтам.

Сехҳои завод қариб аз таги дарвоза сар мешуд ва аз пеши дарвоза истода, чизи бисёреро дида намешуд. Ғайр аз ин ҳарду қаровули завод ҳам мӯйсафедҳои бадқавоқи қаҳролуд буданду ҳамеша бачагонро аз гирду атрофи дарвоза пеш мекарданд.

Ман аз пеши дарвоза истода танҳо мошинҳои боркашро медидам, ки аз завод қӯрғошим бор карда мебаромаданд. Қӯрғошиме, ки мошинҳо ба шаҳр мекашониданд, ба лои хокистарранг монанд буд ва доимо аз шикофиҳои кузови мошин таровида баромада, хушкида мемонд.

Боз як ҷои дӯстдоштаи ман дар саргаҳи дараи Зарчашма буд.

Дар ин ҷо на тарақо-туруқи вагонеткаҳо ба гӯш мерасид, на гулдуроси дастгоҳҳои завод.

Дар ҳарду канори дарёчаи Зарчашма чинорҳои бузурги сершохубарг ва серсоя, дарахтони тут ва буттаву паттазорҳои анбӯҳ рӯида буданд.

Ман санг партофта, пеши обро банд карда шаршара ё ҳавз месохтам, то мурғак давонидани баданам оббозӣ мекардам, ё худ бар болои харсанге баромада гирифта, чашм ба об медӯхтаму ҷараёни онро тамошо мекардам, ба суруди сеҳрангези якзайла ва беороми дарёча гӯш меандохтам ва гӯё чӣ гуфта суруд хондани обро фаҳмиданӣ мешудам.

Хулласи калом, барои ман дар Зарчашма ҷои дилкашолӣ зиёд буд.

Аммо аз ҳамаи ин дида, ошноиву шиносоии наве, ки дар Зарчашма пайдо карда будам, барои ман қиматтар меистод.

## ДИЛШИКАСТА

Аввалин касе, ки ман дар Зарчашма бо ӯ шиносоӣ пайдо кардам, Қосимҷон, ҳамон шогирди тағоиям буд.

Хуфту хоби Қосимҷон ҳам дар ҳамин чойхона буд. Аммо на дар хоначаи Абдулатиф-тағо, Қосимҷон ҳар шаб кӯрпаашро гирифта ё ба чойхона рафта хоб мекард,

ё бар болои боми чойхона. Дар хоначаи тағоиям фақат як сандуқаки чӯбини ӯ меистод, ки ҷои қуфлаш холӣ буда, танҳо як занҷири зангзада дошт. Рости гап, сандуқи Қосимҷон, кирои қуфл задан ҳам намекард. Дар он ғайр аз як-ду ҷуфт курта-эзори нимдошт, ҷомаи пахтадори қаламӣ дигар ягон чизи арзишноке набуд. Аммо дар сандуқ боз як чиз буд, ки ба фикрам, Қосимҷон онро чизи хеле қимат медонист. Ин чиз – як тӯққуз китоб буд, ки ҷои зиёди сандуқро банд мекард. Дар байни китобҳои Қосимҷон, ки баъдҳо худаш ба ман нишон дод, як-ду китоби бо алифбои нав навишта шудагӣ ҳам буд, ки ман ҳам онҳоро хонда метавонистам. Аммо аксари он китобҳо китобҳои кӯҳнаи бо ҳарфҳои аҷоиб ва ба ман номафҳуми арабӣ навишта шуда буданд. Бисёрии ин китобҳо муқова надоштанд, лаби варақҳошон даридаву хӯрда шуда, коғазашон зард шуда буд.

Аввалҳо Қосимҷон бо ман як муносибати хушки расмӣ дошт, ҳатто ҳаракат мекард худро аз ман канор гирад. Кор дошта бошад – гап мезад, набошад – не. Охир, ҳар чӣ ҳам бошад, ман ҷияни Абдулатиф-тағо, одами «сардор»-и ӯ будам.

Аммо баъди як воқеа муносибати ӯ бо ман тамом дигар шуд.

Рӯзе дар набудани тағоиям (ӯ шаҳр рафта буд) Қосимчон ба чойқуттӣ даст дароз карда мебинад, ки чой тамом шудааст; саросема ба хоначаи тағоиям даромада, ба ҷои чои хока ва ё тахтачой як лӯндаи нимқадоқӣ чои қимати лӯнқаро мегирад, ки тағоиям аз ин хел чой танҳо барои одамони даркории худаш дам мекард. Бегоҳӣ, пеш аз хӯрок, Абдулатиф-тағо дар сари обрез даст мешуст, ки ногоҳ чашмаш ба рафи тахтагини девор афтод.

– Чои лӯнқа канӣ? – рост шуда гуфт ӯ ба Қосимҷон, ки ба дасти ӯ об мерехт.

– Кадом чои лӯнқа? – гӯён Қосимҷон ҳам ба раф нигоҳ кард ва ногоҳ хатои рӯзонаи худро фаҳмида, сурх шуд, ба чашмони худ бовар накарда, тез-тез мижа задан гирифт.

Намедонам, ба ман чӣ ҳолате рӯй дод, аҳволи Қосимҷонро дида, дилам ганда шуд, раҳмам омад.

«Нест зоғе бе доғе» гуфта будааст касе. Тағоии ман

ҳам дар қатори он ҳама фазилатҳои бебаҳояш якта-нимта хислати номақбул дошт, ки агар ҳамин камбудияш намешуд, вай барин одами нағз дар дунё набуд. Як хислати ба ман номаъқули тағоиям ҳамин буд, ки ӯ баъзан бисёр насиҳатхонӣ мекард; хусусан агар аз ягон чиз хафа шуда бошад.

Ман нағз медонистам, ки Абдулатиф-тағо ба Қосимҷон даст намерасонад, ё худ дашному ҳақорат намекунад. Вай дигар кор мекард. Одамро дар рӯ ба рӯяш шинонда, бо суханҳои мулоим, вале маънидор то нисфҳои шаб, агар хушаш биёяд, ҳатто то саҳар овозашро баланд накарда чунон панду насиҳат мехонад, ки кас, ба ростӣ, аз ҷонаш сер мешуд. Шумо рӯзи дароз даву ғеҷ карда кӯфта шудаед, шаб хеле бевақт шудааст, майнаи гиҷшудаатон истироҳат мехоҳад, чашматон худ аз худ пӯшида мешавад, аммо Абдулатиф-тағо ҳамчунон гап мезанаду гап мезанаду гап мезанад... Агар дид, ки саратон ба замин хам шуд ё чашматонро пӯшидаед, шуморо як қад парронда баланд сулфа мекунаду мегӯяд:

– Боракалло, боракалло!.. Ман ба шумо дилу ҷигар хун карда гап занаму шумо гапи тую фалони ман гуфта баҳузур хоб кунед.

Зимнан, касалии насиҳатхонӣ ба ҳамаи калонсолон сироят мекунад ва ҳатто Абдулатиф-тағо барин як одами оқилу доно ҳам чунин камбудӣ дорад...

Ба сарам барқосо фикре расид. Бар тағоиям фурсати даҳон кушодан ҳам надода, бо як оҳанги табиӣ, ки худам ҳам мунтазираш набудам, бепарвоёна гуфтам:

– Ӯҳ, вай чои лӯнқа буд-мӣ? – ва ба Қосимҷони мотшуда, ки ҳеҷ чизро намефаҳмид, рӯ оварда гилаомез гуфтам:

– Ман ба шумо нагуфтам, ки маро ба ҷои худатон монда наравед, ман аз ӯҳдаи чойхоначигӣ намебароям? Ана дидед, чӣ шуд акнун!

Абдулатиф-тағо муддате ба ман нигоҳ карда истоду гуфт:

– Чашмат дар куҷо буд, ҷиянам? Бача набошӣ...

Аз ҳамон рӯз сар карда, мову Қосимҷон ҳамчун акаву ука шуда мондем.

Баъд аз ин ман ҳам аксари шабҳое, ки дар Зарчашма мемондам, кӯрпаву болиштамро гирифта, ба назди Қосимҷон мерафтам.

Мо ба якдигар дарду ҳасрат карда, то хеле вақтҳои шаб, баъзан то саҳар гап зада мебаромадем.

Қосимҷон бисёр воқеаҳои ғамангезро аз сар гузаронида будааст. Ман баъд аз ҳамин чақ-чаққоямон фаҳмидам, ки чаро дар нигоҳи чашмони ӯ аломати ғаму амдӯҳ, аломати ҳузн дида мешавад.

Қосимҷон аслан аз тарафҳои Масчоҳ буда, падару модарашро намедонистааст, дар хурдсолиаш ятим монда будааст.

– Ятимӣ барин чизи ганда нест, – мегуфт оҳ кашида Қосимҷон, – одам ятим нашавад, агар ятим мемондагӣ бошад, беҳтараш, ки аз модар зоида нашавад... Ман худамро мешиносам, ки дар ба дар, ба дасти одамҳо мебошам. Аввал маро як амакам ба хонааш гирифт. Амакам худаш одами ганда набуд, лекин занаш ба ман рӯз нишон намедод. Амакамро ҳам охир ҳамон албастӣ аз аҷалаш пеш сил карда кушт. Як умр аз қавоқаш барфу борон меборид. Ягон гапаш бегиннату иллат не. Даҳонаш ҳамеша кушодагӣ, аррос задагиаш задагӣ. Худоё, тавба, занака гандагиаша бин, ки то ҳатто бо амакам даст ба гиребон мешуду боз худаш ба ҷамоа рафта, аз болои амакам шикоят мекард, ки «дод, мардакам мана зада кушт!..» Говро ба хона дароварда мебасту маро ба ҳезумхона ҳай мекард. Бисёр мекӯфт маро...

– Гурезед намешуд? – мегуфтам ман. – Ман ба ҷои шумо мешудам, ба детдом рафта медаромадам...

– Оҳ, Мулло Ҳасан-е! – бо сӯзи дил мегуфт дар ҷавоб Қосимҷон. (Баъд аз воқеаи чои лӯнқа Қосимҷон ба ман ҳамин тавр, «Мулло Ҳасан» гуфта муроҷиат мекардагӣ шуда буд.) – Худат фикр кун, ман ки дар умрам аз қишлоқамон берун набаромада будам, кай медонистам, ки дар дунё детдом гуфтанӣ чиз ҳаст? Ғайр аз ин, аз дасти он девзанак гурехта рафтан ҳам мушкил буд.

– Чаро? Охир, як бурда нонашро беиллат намедод гуфтед-ку?

– Ҳеҳ!.. – гӯён пастакак ханда мекард Қосимҷон. – Агар

ман набошам, говашро, бузу гӯсфандашро кӣ мепоид? Вай занак набуд, як балои азим буд, балои азим!.. Баҳору тобистон рӯзам як навъ мегузашт, гову гӯсфандро гирифта ба чаро мебурдам, то шом афту андоми он девзанакро намедидам. Лекин зимистон, ки шуд, худо мезад... Ҳамсояҳо ба ман раҳмашон омада, ба янгаам мегуфтанд, ки маро ба онҳо диҳад, лекин вай ҷиннӣ ба ин ҳам розӣ намешуд: ҳарчи ҳам бошад, амакам зинда истода ба дари ягон ҳамқишлоқии худамон рафтани ман барои онҳо ору номус буд… Баъд, даҳ-ёздаҳсола шуда будам, ки амакам мурд. Вай худаш як одами серкасалии нимҷонакак буд, аммо вақтҳои охир аҳволаш тамоман бад шуда, шамъ барин об мешуд. Худо худаш медонад-ку, лекин, ба фикри ман, амакамро занаш ба гӯр бурда тиққонд.

Баъд аз мурдани амаки Қосимҷон янгааш ба як қишлоқи дигар шавҳар карда рафтааст ва Қосимҷон сечор сол ба дари одамони бегона хизматгор шуда гаштааст.

– Як рӯз, – нақлашро давом дода мегуфт Қосимҷон, – гӯсфандҳоро аз чаро оварда, даҳани қӯтанро[1] хор мемондам, ки як зани ношинос давида омада, бо доду фиғон худашро ба гардани ман партофт. Он зан апаи ман будааст. Ман шунида будам, ки як апа дорам, шунида будам, ки ӯ дар як қишлоқи дур, дар хонаи як хеши худамон зиндагӣ мекунад, лекин баъд аз сари падару модарам ягон бор ҳам ӯро надида будам ва ҳатто дуруст намедонистам, ки ин гапҳо рост аст ё не... Апаам аз ман дида батолеътар будааст, ба дасти одамони дуруст афтодааст. Онҳо апаамро ҳатто ба мактаб хонондаанд (қишлоқи онҳо хеле калон буда, мактаб ҳам доштааст). Вақте ки ба қад расидааст, ба як муаллим тӯй карда додаанд. Акнун апаам омада буд, ки маро ба хонаи худаш гирифта барад.

Қосимҷон дар хонаи апааш аввалин бор дар умри худ меҳру муҳаббати беғаш ва ғамхориву парастории ҳақиқиро дидааст. Язнаи Қосимҷон одами хушфеълу хӯй ва меҳрубону ятимпарвар будааст. Қосимҷонро, ки син-

---

1. Кӯтан – дар баъзе ҷойҳои кӯҳистон, аз ҷумла дар Масчоҳ кӯраро мегуфтанд.

наш хеле калон шуда, ба мактаби чорсола қабул шуданаш мумкин набудааст худаш хонондааст. Ҳатто хати арабӣ ёд додааст. Китобҳое, ки ҳоло дар сандуқи Қосимҷон мебошанд, ҳама аз язнаи ӯ будаанд.

– Лекин одам, ки бадбахт шуд, дигар ба ӯ рӯзи беҳбудӣ набудааст, – оҳ кашишда мегуфт Қосимҷон ва ман дар торикӣ бошад ҳам, ҳис мекардам, ки чашмони ӯ пури об шудаанд.

Аз омадани Қосимҷон ба хонаи апааш ягон чор сол гузашта будааст, ки апааш нохост касал шуда, дар мобайни як шабу як рӯз мурдааст.

– Ба ин ҷо, ба Зарчашма чӣ хел шуда омада мондед? – гуфта пурсидам ман дарҳол, то ки Қосимҷон аз хотираи вазнини вафоти хоҳараш зудтар ба мавзӯи дигар гузарад.

Қосимҷон оҳи пурдарде кашида гуфт:

– Як сол нагузашта язнаам зани нав гирифт... Вай худаш зан гирифтанӣ набуд, хешу табораш намонд. Баъд аз ин дар он ҷо истода натавонистам. Язнаам ҳарчанд кард, ки дар хонааш истам, не, нашуд. Хестаму ба ин ҷо, ба Зарчашма омадам. Ҳамон рӯзи омаданам ба чойхона фуромада, ба Абдулатиф-ако вохӯрдам. Ана аз ҳамон рӯз ин тараф ман дар ҳамин ҷо...

– Язнаатон шуморо пурсида наомад?

– Не. Шунидам, ки баъди чанд рӯзи баромада рафтани ман ба ҳарбӣ гирифтаанд.

Пас аз ин мо одатан дуру дароз хомӯш шуда мемондем.

Гирду атроф тип-торик. Оромии сахт ҳукмфармо. Танҳо баъзан ғурроси ягон мошини дермонда баланд мешавад. Ё худ аз тарафи завод садои занги қаровулон ба гӯш мерасад.

Ман аз байни шоху барги ҳарсеб, ки дар таги девори хоначаи тағоиям рӯида буду рӯи бомро, ки ҷогаҳи мо дар он ҷо андохта шуда буд, хаймавор панаҳ мекард, ба осмони беқаъри пурситора нигоҳ карда, ба қисмати сахти Қосимҷон афсӯс мехӯрдам.

Аммо ин гуна сӯҳбатҳои пуралам ва ғуссаангез бисёр намешуд.

Аксар Қосимҷон аз қишлоқаш, аз урфу одати халқи он

ҷоҳо, аз кӯҳу ағба ва наҳру чашмасори Масчоҳ гап мезад, ё худ қиссаву афсона мегуфт: ӯро кони афсона гуфтан мумкин буд. Аммо бештар шеър мехонд.

Қосимҷон шеъру сурудро бисёр медонист. Одатан ӯ сарашро ба рӯи дасташ монда, бо оринҷаш бар болишт такя карда рӯяш ба тарафи ман, чашмонашро пӯшидаву сарашро ба ҳавои суруд ҷунбонида, бо як оҳанги беавҷи кашолдоре оҳиста ба хондан медаромад.

– Ғаму ғусса! – мегуфт ӯ ва лаҳзае хомӯш монда, сурудро аз нав сар мекард:

*– Ғаму ғусса ба ҷонам сар ниҳода...*

– Ғамму ғусса! – боз хитобашро такрор мскард ӯ ва давом медод:

*– Ғаму ғусса зи мӯи сар зиёда,*
*Ҳар он чӣ мекунам аз ғам гурезам,*
*Ғамам чобуксавору ман пиёда.*

Аксари вақт, баъд аз хонда шуданаш ин сурудро, аз байни мижгонҳои дарозаш қатраи ашк таровида мебаромад.

Қосимҷон муддате хомӯш монда, аз афти кор, қадаре худашро ба даст гирифта, саросемавор эзоҳ медод:

– Ин ашӯларо ман дар ҳамин ҷо, дар Зарчашма шунавида будам, – ва дар ягон мавзӯи дигар гап зада мерафт.

Аммо дере нагузашта, бо оҳанги аз пештара ҳам аламноктар суруди дигаре мехонд:

*Сари сарчашма рафтам ман ба вақте*
*Ба оби дида биншондам дарахте.*
*Шамол омад, дарахтам решакан шуд,*
*Мани мискин надорам ҳеҷ бахте.*

– Инашро аз як китоб хонда будам, – мегуфт ӯ ва боз сар мекард:

*«Ҳаргиз лаби аҳли дард хандон набувад,*
*Ҷуз гиря насиби дардмандон набувад.*
*Дур афканам он дида, ки гирён набувад,*
*Безорам аз он сар, ки парешон набувад».*

Баъд сар мекард ба шеърхонӣ:

*Сӯзанам – мижгону торам – тори ишқ*
*Бахя бар чоки гиребон мезанам.*

– Баланд гуфтааст-а? – гӯён мепурсид боз худаш ва шеъри дигаре мехонд:

*Ба рӯзи бекасӣ ҷуз сояи ман нест ёри ман,*

*Вале он ҳам надорад тоқати шабҳои тори ман.*

Лаҳзае хомӯш мемонд ва гашта бо гудоз такрор мекард:

*Вале он ҳам надорад тоқати шабҳои тори ман.*

Аммо хусусан як шеъри хеле дарозро бисёр дӯст медошт ва гаштаву баргашта, гоҳ ба оҳанг даровардa ва гоҳ беоҳанг чунон таъсирнок ва чунон бо сӯзу гудоз мехонд, ки сар то пои ман ваҷаррос зада мерафт:

*Чӣ сайдам ман, ки на бисмил шудам, на зеби фитроке.*

*На аз хунам замин олуда шуд, на домани поке.*

*Нагоҳамро тамошои гулу гулшан намебояд,*

*Ману дар кунҷи узлат ёди рухсори арақноке...*

Қосимҷон метавонист бо як сар карданаш то саҳар шеърхонӣ кунад.

Ман, ки то вохӯрданам бо ӯ ғайр аз якчанд шеъри дар мактаб шунидаам дигар шеъре намедонистам, суруду ғазалҳои ӯро бо шавқу ҳаваси калон гӯш мекардам; суханҳои зебо ва равони он шеърҳо, ки оҳанги сеҳрангезе доштанду касро тасхир мекарданд, ба ман ниҳоят маъқул мешуданд. Дар дили ман чӣ навъ як ҳиссиёти аҷоиберо бедор мекарданд. Вақте ки хониши Қосимҷонро гӯш мекардам, гумон мекардам, ки гӯё дар як завраќи сабуке савораму аз рӯи оби ороми дарёи бузурге секин-секин шино карда, ба кадомин як ҷои дуре равон ҳастам. Он ҷои дур ба назарам як ҷазираи гулу гулзор, сояву салқин, сокиту ором менамуд. Аммо аз чӣ бошад, ки ман он ҷазираи аҷоиброн дар лавҳи хаёли худ бе одам тасаввур мекардам; чунин тасаввур мекардам, ки гӯё дар он ҷо ғайр аз худи ман ягон ҷонзоте нахоҳад буд.

Бале, шеърҳои Қосимҷон ба ман таъсир мекарданд, гоҳе ҳатто диламро фишор дода, аз чашмам об мебароварданд. Аммо ҳаминаш буд, ки он шеърҳо ҳама пур аз ғаму ғусса, пур аз нолаву афғон буданд ва баъзан дилам мехост хониши пуряъси Қосимҷонро бурида гӯям, ки якду байт аз шеърҳои дигар, аз шеърҳои бегиряву нола ҳам хонад.

Шабе аз шабҳо як шеърро фаровард карда, хомӯш шуда буд, ки бо ҳамин мақсад гуфтам:

– Ман ҳам шеър медонам, Қосим-ако.

Қосимҷон, ки хаёл карда монда будааст, пас аз лаҳзае ба худ омада пурсид:

– Чӣ гуфтӣ, Мулло Ҳасан?

Ман гапамро такрор кардам.

– Ку, бихон, ку? – гуфт зиндадилтар шуда Косимҷон. Ман ҳам сар карда гуфтам:

*Баҳор омад, баҳор омад,*

*Баҳори лолазор омад...*

– Куҷо донанд ҳоли мо, сабукборони соҳилҳо! – бо ханда сухани маро бурида гуфт Қосимҷон. – Ҳамин ҳам шеър шуд?

Ман, ки гапам ба даҳонам монда, аз хандаи ӯ ранҷида будам, гуфтам ки:

– Хайр, чӣ буд набошад?

– Э... – гуфта даст афшонд Қосимҷон, – ин ҳамту... барои бачачаҳо гуфта шудагӣ, – ва таклиф кард:

– Ку яки дигар бихон!

Ман лаҳзае фикр карда боз сар кардам:

*– Лайли лапонча*

*Дадом деҳқонча...*

– Пуфф! – гӯён даҳонашро бо дастонаш пӯшида хандида фиристонд Қосимҷон, – хуб шеършинос будаӣ. Ин шеър не, ин масхараи шеър, Муллоҳасан. «Лайлӣ лаппонча. Дадом деҳқонча!» Пуфф!.. – боз худашро дошта натавониста ханда кард ӯ.

Гапҳош ҳам аксар ба мисли шеърҳояш буданд.

...Рӯзе дар назди чойхона истода будам, ки як бачаи зарчашмагӣ оҳиста аз пасам омада, ба тахтапуштам як мушт зада гурехт. Ман давида ба ӯ расида гирифтаму як торсакӣ фаровардам, ки бар баногӯшаш рост омад. Бача қафо гашта, аз гиребони куртаам гирифт. Ман бо тамоми қувватам худамро қафо кашидам. Гиребон дарида дар дасти бача монд. Ман ҳам ба гиребони куртаи ӯ чанг задам. Чоки кифти куртааш шатарросзанон канда шуда рафт. Ҳарду ба якдигар часпида, хуб занозанӣ кардем. Як коргари кон, ки роҳгузар будааст, моро ҷудо кард. Боз

чанд ҷои сару либосам дарида, дар пешониам ғуррии калоне давида баромада буд. Ҳоли бачаи зарчашмагӣ ҳам аз аҳволи ман монданӣ надошт.

Тағоиям аз ин ҳодиса хабар ёфта хеле хафа шуд, маро хеле сарзаниш кард.

Бегоҳӣ Қосимҷон насиҳатомез гуфт, ки беҳуда бо он бача даст ба гиребон шудаам.

Ман ҳайрон шуда гуфтам:

– Охир, вай мана зад!

Хайр, чӣ шудааст? – маро тамом дар ҳайрат мононда гуфт

Қосимҷон. – Як мушт хӯрдӣ – хӯрдӣ-дия! Дар ҷойҳои мо мегӯянд, ки:

«Ман-маниҳо пешаи шайтон бувад. Ҳар кӣ худро кам занад, мард

он бувад». Охир, худат фикр кун, Мулло Ҳасан: агар ба вай бача намечаспидӣ, на куртаат медарид, на сару рӯят сиёҳу кабуд мешуд, аз Абдулатиф-ако ҳам гап намешунавидӣ. Кадомаш беҳтар?

Ба ин гапҳои ӯ, ки ба ман ҳеҷ маъқул набуданд, чӣ гуфтанамро надониста, аз ӯ пурсидам, ки:

– Шуморо ягон кас як торсакӣ занад, хап мешинед? Ҳеҷ чӣ намегӯед?

– Ба ганда муросо, – гуфт дар ҷавоби гапи ман Қосимҷон.

Баъд абрӯвони ғафси сиёҳашро ба ҳам кашида, фурсате хаёл карда истоду ба гапаш шарҳ дод:

– «Ҳар кас кунад, бо худ кунад, ҳар он чӣ неку бад кунад». Ҳар кас ба ман бадӣ кунад, як рӯз ҷазояшро мекашад.

– Аз кӣ?

– Аз худаш.

Бори дигар дар чойхона шоҳиди чунин ҳодиса шудам.

Як шофер, ки мӯзааш ба хокаи ангишт ғӯтида буд, бе пӯшт-пӯшт рост ба пешгаҳи чойхона баромада нишаст. Дар рӯи палоси чойхона, ки як рӯз пеш Қосимҷон ду-се соати дароз овора шуда, дар оби дарёча шуста буд, лакҳои калон-калони сиёҳ боқӣ монд.

Қосимҷон сӯхта ба шофер гуфт, ки пояшро тоза карда

барояд намешавад?

Аммо шофер ба ҷои он ки аз кори кардааш шарм дорад, баръакс, дӯғ зада, Қосимҷонро «бекорхӯҷа»-ву «ҳаромхӯр» гуфт ва дар охири гапаш дашноми қабеҳе дод.

Ман мунтазир будам, ки Қосимҷон ҳам муносиби гапҳои ноҳақи ӯ ягон ҷавоби сахт медиҳад. Аммо ӯ танҳо гуфт, ки:

– Хайр, ако, ҳар чӣ гӯед гуфтан гиред. Худо будагист, охир, – ва сарашро хам карда ба кораш машғул шуд.

Баъд ман аз Қосимҷон пурсидам, ки чаро адаби шоферро надода, гунаҳгор барин ба гапҳои ӯ тоқат карда нишаст?

– Чӣ фоида? – оҳ кашида гуфт Қосимҷон. – Агар ман ба гапаш гап мегардондам, аз вай ҳам бадтарашро мегуфт... Мезад, балки... Ман ягон ҳимоятгар надошта бошам, падару модар надошта бошам...

...Қосимҷон ба ман бениҳоят маъқул шуда буд, ман гапҳои ӯ, шеъру сурудхониҳои ӯро дӯст медоштам, ҳатто аз ӯҳдааш набароям ҳам, гоҳо ба гуфтаҳои ӯ, ба мақоли «ба ганда муросо»-и ӯ нигоҳ карда қадам монданӣ мешудам. Вале бо як гӯшаи дилам ҳис мекардам, ки дар фикру ақидаи ӯ, гапҳои ӯ як чизи нодуруст, як чизи хатое ҳаст, ҳарчанд, ки он чизи нодуруст, он чизи хаторо равшан намефаҳмидам ва бо сухан ифода карда наметавонистам.

## ШОКИРТАРОША

Шиноси дигари ман Шокир ном як коргари шахта буд, ки дар ғайбаш ҳама ӯра «Шокиртарошa» мегуфтанд.

Бо Шокиртароша ман рӯзи аввали ба Зарчашма омаданам шинос шуда будам.

Бегоҳӣ дар назди Қосимҷон омаду рафти чойхӯронро тамошо карда менишастам, ки ногоҳ касе аз як кунҷи чойхона бо овози паст, вале ба ҳама шунавонида гуфт:

– Ана, Шокиртароша ҳам омад!

Аҳли чойхона бо табассумҳои хушҳолона ба якдигар нигоҳ карда гирифта, сарҳошонро ба тарафи зинапояи

чойхона гардонданд.

Ман ҳам бо мароқ ба он тараф нигоҳ кардам.

Дар остонаи чойхона як марди чил-чилупанҷсолаи қадпаст, аммо бакитфу бозуе меистод. Дар зери манаҳаш монанди Чингизхон ҳашт тор риш дошт. Аммо абрӯвонаш ғафсу сиёҳ буда, чун боли фароштурук бар болои қавоқаш хам шуда буданд. Нигоҳи чашмони майда-майдаи тезаш ба ман хеле ҳавобаландона намуд, гӯё аз чойхӯрон ҳеҷ касро назараш намегирифт. Рӯи сабзинаи барҷастаустухонашро тӯри чину оҷингҳои майда пахш карда буд. Ӯ дар тан шиму пиджак дошт, аммо куртааш монанди яктаки деҳқонон пешкушод буд. Ғайр аз ин, аз таги пиджак, аз рӯи тасмаи шимаш рӯймол баста гирифта буд.

Ӯ, ки поҳояшро ба замин васеъ гузошта ва дастонашро аз кисаи пиджакаш нагирифта меистод, сарашро баланд бардошта, чашмонашро нимроғ карда, аҳли чойхонаро як-як аз назар гузарониду ногоҳ бо овози гирифтаи ғафсе, ки ба қади майдаи ӯ ҳеҷ мувофиқат надошт, баланд карда гуфт:

– Салом додем!

Ман дарҳол фаҳмидам, ки чаро ӯро «тароша» номидаанду чаро ҳама хушҳолона табассум карданд: оҳанги саломи ӯ аз табрик дида, ба коҳишу таъна наздиктар буд, гӯё ки аҳли чойхона ҳама дар назди ӯ ягон гуноҳ дошта бошанд.

Баъд ин марди аҷоиб дигар ба касе эътибор надода, ба замин сахт-сахт қадам монда омаду рост ба пешгаҳи чойхона баромада чорзону зада нишаст.

– Қосим! – ба Қосимҷон нигоҳ накарда хитоб кард ӯ бо ҳамон овози баланди ғалатиаш, – якта аз ҳамон чои худҳотон мехӯрдагӣ дам кун! – ва рӯймолашро кушода дар пешаш паҳн кард.

Дар рӯймол як бурдаи калон нон ва андак ҳалвои офтобпарастӣ баста шуда будааст.

Хӯрокхӯрии ӯро дида ҳаваси кас меомад.

Ӯ бо чунон як қиёфаи ҷиддӣ ва бо чунон савлат хӯрок мехӯрд, ки гумон мекардед подшоҳ асту дар пешаш ҳама гуна нозу неъмати ҷаҳонро ҷамъ кардаанд. Вай бо там-

кин, саросема нашуда ва ба касе нигоҳ накарда, хӯрок мехӯрд, гӯё ки дар чойхона ғайр аз худи ӯ дигар ягон кас набошад.

Ӯ нону ҳалворо бо як пиёла чой хӯрда шуда, нонрезаҳои рӯи рӯймолро ҷамъ карда ба даҳонаш партофту рӯймолро ба таги девор афшонда аз нав ба миёнаш баст ва дар ҳамин дам чашмаш ба ман афтод.

Чашмонашро андаке калон кушода, бо нигоҳи тезаш сар то пои маро аз назар гузаронида баромаду гуфт:

– Ин боз кӣ, Қосим?

Қосимҷон ки будани маро гуфта дод.

– Ҳм!.. – гуфта монд Шокиртароша, гӯё аз чизе норозӣ шуда. – Ҳм... якта будам, дута шудам! Ҷои равғанинро ёфта гирифт-дия ин Латиф! – ва ба худи ман рӯ овард:

– Ту ҳам аз тағот намемондагистӣ?

Ман ҳайрон шуда ба Қосимҷон нигаристам. Қосимҷон чашмак зад, ки «мон, гап задан гирад, ин худаш ҳамин хел одам». Ман ҳам рӯямро бо дигар тараф гардондаму гап назада нишастам.

Аммо Шокиртароша аз ман даст бардоштан намехост.

– Ӯй, ман ба ту гап задам! – гуфт ӯ. – Ту ҳам аз Латиф намемондагистӣ, мегӯям?

Ман дигар ба нигоҳҳои Қосимҷон эътибор надода, бо дуруштӣ гуфтам:

– Коратон чӣ?!

Шокиртароша чашмонашро тамоман калон кушода, дақиқае ба ман нигоҳ карда истод, гӯё қадаре ҳайрон шуда буд.

– Ӯҳӯ! – хитоб кард пас аз лаҳзае. – Дуруст-ку!

Баъд чашм аз ман канду дигар ба ман кордор нашуд.

Вале рафта-рафта муносибаташро ба ман дигар кард. Гапҳош мисли пештара сахту дурушт, тарошаи аз бом афтидагӣ барин буданд. Аммо вақте ки бо ман гап мезад, ҳис мекардам, ки нисбат ба ман кинае надорад.

Аммо, умуман, ӯ лақаби «тароша»-ро беҳуда нагирифта буд. Ба ҳар кас, хоҳ хурд бошад, хоҳ калон, дағалона, ҳеҷ рӯи хотир накарда гап мезад. Ман пай мебурдам, ки бисёр одамон ӯро нағз намебинанд,вале ҳеҷ кадоми онҳо

бо ӯ баробар шудан намехостанд. Ҳама медонистанд, ки ҳар кас бо ӯ баробар шавад, албатта шарманда мешавад.

Сухани дӯстоштаи ӯ «аҳмақӣ накун» буд.

Ӯ ҳатто ба Абдулатиф-таға ҳам баъзан бо ҳамин суханҳо мурочиат мекард.

Рӯзе тағоиям ба кадом як гапи ӯ розӣ нашуда, эътироз карда буд, ки Шокиртароша дар пеши як чойхона одам тамоми овозашро сар дода гуфт:

– Аҳмақӣ накун, Латиф!

Тағоиям аз ғазаб ранги рӯяш парида, бо як азоб худдорӣ карду бо оҳанги нарм, вале таҳдидомез гуфт:

– Шокирбой, бародар, аз ту як илтимос: ҳарчӣ гӯӣ – майлаш, лекин ҳамин гапатро дигар ман нашунавам! Ҳар чиз ҳам ҳадду андоза дорад...

Ба чои Шокиртароша ҳар кас мешуд, ё шарм медошт ё худашро гум мекард. Аммо ӯ ҳеч ҳолаташро тағйир надода, бо як оҳанги соддалавҳона гуфт:

Э, аҳмақӣ накун гӯям хафа шудӣ, Латиф? Ин тавр ки бошад, хайр, рав, аҳмақӣ кун!

Қосимчон Шокиртарошаро нағз мешинохтааст. Ӯ, яъне Шокиртароша, аслаш аз ҳамон қишлоқи язнаи Қосимчон будааст, лекин ба ин чо, ба Зарчашма аз Қосимчон андаке пештар омада будааст.

– Дар ҳамон чо, дар қишлоқи худаш ҳам ҳамин хел шартакигӯ, «тароша» буд, – мегуфт Қосимчон, – аз забони тезаш ҳама метарсид.

Шокиртароша зану бача надоштааст, дар умраш зан нагирифта будааст.

– Аз гандагиаш зан ёфта наметавонистагист-дия? – гуфтам ман.

Аммо Қосимчон бо оҳанги мулоим, вале қатъӣ фикри маро рад кард:

– Не, Муллоҳасан, вай одами ганда не. Ту ҳоло ӯро намедонӣ. Ҳамту тундгапи дағал менамояд. Лекин худаш одами дуруст, одами рост.

Ман, ки аз Шокиртароша ғайр аз гапи хунук дигар чизе нашунида будам, бовар накарда пурсидам:

– Чияш дуруст? Агар одами дуруст мешуд, номашро

«тароша» мемонданд магар?. – Не, Муллоҳасан, – гӯён боз гапи маро рад кард Қосимҷон. – Аввалаш ин ки ҳамон гапҳои тундаш ҳам аксараш ҳақ. Сонӣ, агар, ёрӣ пурсида равӣ, ҳеҷ вақт «не» намегӯяд. Ман худам чандин бор ба чашмам дидам, ки кори одамҳоро тӯғрӣ карда дод. Ба як кас ариза навишта медиҳад, ба дигар кас пулашро рӯёнида медиҳад, они дигарро ба кор даровoрда мемонад...

– Дар омади гап, – гӯён нақлашро давом дод Қосимҷон, – ба ман ҳам чанд бор гуфт, ки агар аз чойхона равам, ба ман ҳам кор ёфта медиҳад.

– Чаро нарафтед? – гӯён ранҷишомез пурсидам ман...

– Оҳ, уко, – гуфт Қосимҷон бо ҳасрат, – гӯр ин феълу хӯи зормондаам шавад, ҳамеша аз пушти он дакка мехӯрам. Ба шахта равам бад намешуд-ку, – бин, шахтачиҳо чӣ хел зиндагӣ мекунанд. Лекин аз Абдулатифако шарм мекунам. Ҳар чӣ ҳам бошад, ба мани мусофири ғариб як лаб нон доданд, ҷо доданд... Истиҳола мекунам, намак хӯрда, ба намакдон туф кардагӣ барин нашавад мегӯям.

Муносибати Шокиртароша бо Қосимҷон ҳам хеле аҷоиб буд.

Ӯ чашмони тези майдаҳакашро фурсате ба сари хаму рӯи маҳзуни Қосимҷои дӯхта меистоду бо таассуф сар ҷунбонида мегуфт:

– Э-э, ношуд!.. – ва боз муддате аз Қосимҷон чашм наканда истода илова мекард:

– Дили раҳмгин ҳамеша ғамгин! Сарата боло кунӣ-чӣ, ӯй!

Қосимҷони бечора бо табассуми амонатие, ки гӯё дар рӯяш ларзида меистод, оҳиста сарашро боло мекард. Ин табассуми ӯро дида, Шокиртароша даст меафшонду бори дигар «ношуд!» гуфта аз Қосимҷон рӯ мегардонд.

– Вай худаш чӣ кор мекунад? Касбаш чӣ? – гуфта пурсидам ман аз Қосимҷон.

– Бисёр касби нағз дорад, – гуфт Қосимҷон, – дору монда санг мекафонад. Ба ҳамин ҷо омада ёд гирифт ин корро. Пули калон кор мекунад. Заборниш ҳам ҳаштсад

грамм!

Шокиртароша дар як канори шаҳрча, дар таги кӯҳ, ҳамроҳи коргарони шахта дар як хонаи калони чӯбин зиндагӣ мекардааст ва як сари қоқаш бошад ҳам, ба мисли коргарони оиладор хонаи алоҳида доштааст.

– Ҳатто калонҳои шахта ҳам вайро ҳурмат мекунанд, – мегуфт Қосимҷон.

– Ҳатто калонҳо ҳам аз вай метарсанд гӯед? – мегуфтам ман ба гапи Қосимҷон шак оварда.

Аммо Қосимҷон боз гапи маро рад карда мегуфт:

– Не, Муллоҳасан, ҳурмат мекунанд.

...Ғайр аз ин аз бачагони Зарчашма боз як ду ёру ҷӯра доштам. Аммо бо онҳо сирдону ҳолдон набудам. Танҳо салом-алек будам.

## ГӮСФАНДХАРӢ

Як рӯз пули савдои навбатии худро ба Абдулатифтағо оварда дода, боз кӯча рафтанӣ шуда будам, ки ӯ маро аз роҳам дошта гуфт:

– Ҳеҷ ҷо нарав, ҷиянам, қатӣ авқот мекунем.

Тағоиям одатан пас аз танаффуси коргарон, баъди канда шудани думи чойхӯрон таҳтӯл мекард. Аммо ман, ки ҳамеша аз ӯ пештар корамро буд карда аз чойхона баромада мерафтам, қариб ҳеҷ гоҳ рӯзона ҳамроҳи ӯ хӯрок намекардам. Чӣ шуд, ки имрӯз маро нигоҳ дошта монд.

Тағоиям аз чойхона нону ангур ва ба чойник чой бардошта омад.

– Хӯш, ҷиянам... – гуфт ӯ пас аз хӯрок ва дақиқае хаёл карда нишаста, сарашро боло бардошт. Дар рӯяш табассуми хушнудонае сайр мекард. Чашмонаш гӯё механдиданд.

Ман ҳанӯз ҳам мақсади тағоиямро равшан намефаҳмидам.

– Ман аз ту хурсанд, ҷиянам, – гуфт дар охир тағоиям ва бо мамнуният мӯйлабашро тофта монд.

– Медонӣ, то имрӯз, масалан гӯем, чанд пул кор кар-

дай?

Ман ҳамеша фоидаи савдоро оварда ба дасти тағоиям месупурдам ва ҳисоб ҳам намекардам, ки имрӯз чанд пул фоида ба даст овардааму дина чӣ қадар.

– Намедонам, тағо, – гуфтам ман дар ҷавоб.

Абдулатиф-тағо ангушти ишораташро боло бардошта, бо овози тантананок гуфт:

– Се ҳазор! – ва масрурона ханда кард.

Ман медонистам, ки фоидаи савдои ман бояд хеле пул шуда бошад, аммо рости гап, ҳеҷ хаёл накарда будам, ки дар муддати як моҳ ин қадар пул кор карда бошам.

– Ду пул модари пул, – ба гапаш давом дода гуфт тағоиям – дидӣ, шӯхӣ ба шӯхӣ дар мобайни панҷ-шаш рӯз сесад червон пул ёфтӣ! Ин ҳоло аввали кор, ҷиянам. Агар ту ҳамин хел ба гапи ман дарой ба хату реҷаи тағот нигоҳ карда кор барӣ, даҳ баробари инро меёбӣ! То тағот ҳаст, дар ин дунё хор намешавӣ, ҷиянам!

Тағоиям ба ҳамин оҳанг боз хеле гап заду дар охири гапаш бо қиёфаи маънидор аз ман пурсид:

– Хӯш, ҷиянам, акнун ин қадар пулро чӣ кор мекунӣ?

Ман, ки дар ин бора ягон маротиба ҳам фикр накарда будам, хандида гуфтам:

– Ман надонам, тағо, худатон ягон кор мекунед-дия.

Абдулатиф-тағо завқ карда хандиду аз ҷояш хеста истода гуфт:

– Пагоҳ рӯзи чӣ, ҷиянам?

– Рӯзи бозор, ҷумъа.

– Набошад, тайёр шав, имрӯз ҳамроҳ ба шаҳр меравем.

Бегоҳӣ тағоиям чойхонаро ба Қосимҷон супурду мо савори мошин ба шаҳр рафтем.

Модарам аз омадани мо бениҳоят хурсанд шуд. Ҷой намеёфт, ки моро шинонад. Ӯ акнун дар ҳавлӣ як худаш монда буд ва ҳарчанд ҳафтае ду-се маротиба ба шаҳр омада, шабро дар наздаш мегузаронидам, боз маро пазмон мешуд ва ҳар дафъае, ки аз Зарчашма омадам, аз хурсандӣ намедонист чӣ кор кунад, гӯё ки маро як умри дароз надида бошад.

Модарам ҳам акнун аз ман розӣ буд, «бачаякам пулёву чизёв шудааст» мегуфт. Дигар аз ҳеҷ чиз шикоят намекард. Танҳо як дилсиёҳӣ дошт, ки он ҳам бошад бе дому дарак шуда рафтани падарам буд. Шабона, дар сари хӯрок тағоиям бо оҳанги ризомандӣ боз аз боақлии ман, аз ҳалиму гапдаро шудани ман сухан кард.

– Ақлаша шинохта гирифт акнун ҷиянам! – мегуфт ӯ ба модарам.

Модарам аз гапҳои тағоиям рӯҳ гирифта, ба ман бо чашмони пурмеҳр, ки аз фараҳ тар шуда буданд, дуру дароз чашм медӯхт. Ҳатто як-ду бор сари маро сила карда монд.

Таърифу тавсифи тағоиям ба гӯши ман бисёр гуворо мерасид. Гапҳои ӯро шунида, хурсандии модарамро дида, ба худ меболидам, фахр мекардам. Охир, ман ҳам ба хона ёрдам мекардагӣ шудам, пул меёфтагӣ шудам. Назар ба гуфти модарам, ҳамсояамон Ҳурбибихола як рӯз писараш Каримро ҷанг карда, маро ибрат нишон додааст.

Тағоиям хурсандии ману модарамро даҳчанд карда, дар охири гапаш эълон кард, ки ба пули ёфтаи ман пагоҳ рафта гӯсфанд мехарем.

Модарам, ки шодиву хурсандиаш дигар ба олам намеғунҷид, бо овози ларзон ва оҳанги пурҳаяҷон тағоиямро дуо кард:

– Латифҷон, укоҷон, илоҳи барака ёбӣ, хока гирӣ зар гардад, якат сад шавад, садат ҳазор! Ба бачаи ман дадогӣ кардӣ, ба бағалаш даромада, раҳ нишон додӣ, илоҳи худо умри арчагӣ тияд ба ту!

Баъд «бачаи ман ҳам одам мешудааст-дия» гуфту ногоҳ рӯяшро бо остини куртааш пӯшида гириста фиристод.

Рӯзи дигар саҳарӣ хеста бозори мол рафтем. Дар дасти ман як парча арғамчини борик буд.

Аз паси тағоиям тез-тез қадам монда мерафтаму ба гирду атрофам, ба раҳгузарон, ба хонаву дарахтони ду тарафи кӯча, ба тамоми дунё бо фахр назар мекардам ва ҳар гоҳ даҳонам беихтиёр худ аз худ кушода мешуду ман

қаноатмандона табассум мекардам.

Ман ба пули худам, ба пуле, ки худам ёфтаам, гӯсфанд мехарам! Мурғ не, буз не – гӯсфанд, як гӯсфанди калони чандҳазорсӯма!..

Соате нагузашта ман аз ҳамон кӯча боз гашта ба тарафи хонаамон қадам мезадам. Дар дасти худ нӯги арғамчинро маҳкам дошта гирифта будам. Аз паси ман як шишаки пешонақашқаи фарбеҳ фаш-фашкунон меомад, ки дунбаи калонаш ларс-ларс мекард.

Пеш-пеши ман бо қадамҳои калон-калон Аблулатифт-тағо мерафт. Аксари одамоне, кн аз пешамон мебаромаданд, бо овози баланд ба тамоми кӯча шунавонида мепурсиданд:

– Насиб кунад, чанд пул савдо шуд?

Тағоиям низ бо овози баланд ва мад кашида ба саволи онҳо ҷавоб медоду бо табассум гашта ба ман нигоҳ мекард. Дар нигоҳи ӯ аломати хушнудӣ ва меҳру муҳаббати падаронаро дида, ман ҳам ба табассуми ӯ бо табассуми миннатдорона ҷавоб мегардондам.

Модарам моро дар сари кӯча пешвоз гирифт.

Бачагони маҳалла, ки дар кӯча бозӣ карда мегаштанд, моро дида, «Ҳасанино гӯсфанд гирифтаанд!» гӯён ба хонаашон давида мерафтанд.

Модарам чунон шод, чунон бехуд шуда буд, ки гоҳ сару рӯи маро сила мекард, гоҳ сару рӯи гӯсфандро.

Он рӯз дар ҳавлии мо гӯё ки тӯй шуд.

Модарам занҳои ҳамсояро хабар карда буд, ки «имрӯз гӯсфанд мекушем». Ҷӯраам Карим ҳам ба ёрӣ омада буд.

Гӯсфандро худи Абдулатиф-тағо кушт.

Гӯсфанд хеле фарбеҳ баромад. Гӯшту равғани ӯ якчанд тағораю тағорачаро пур кард. Ҳавлиро бӯи пашми сӯхта ва равған фаро гирифт. Занҳо каллаю почаи гӯсфандро месӯхтанд. Ҳурбибӣ-хола пӯсти гӯсфандро дар тағораи оби ҷӯш андохта, пашмашро меканд.

Модарам пӯстро, ки як қабат равған дорад, баъд майда карда қоқ мекунад, ки дар зимистон барои палав ҷудо соз мешавад. Ин чизро мо «пӯстдунба» меномем.

Бегоҳӣ каллашӯрбо карданд. Аз болои каллашӯрбои серравған ҷазза хӯрдем.

Занҳо дар хона менишастанд.

Абдулатиф-тағо, ду-се кас аз ошноёни ӯ, ки хабар карда омада буд, Карим ва ман дар рӯи суфа ҷой гирифта будем. Дар байни ошноёни тағоиям Султоналихон ҳам буд, ки баробари нишастанаш даст бардошта, барои «кушоиши кори ман, бою бадавлат шудани ман» дуо кард. Ӯ ба сар салла баста, ба ҷои шиму пиджак, куртаэзори сафед пӯшида буд. Дар миёнаш – рӯймол, дар пояш ба ҷои патинка – кафш. Дар банди дасташ – тасбеҳ овезон. Ман аз чашмони сурхшуда ва бӯи даҳонаш пай бурдам, ки боз арақ хӯрдааст. Вале дар ин шаби хурсандӣ Султоналихон барин як одами беҳуда ҳам ба назарам нағз менамуд.

(Ман сонитар хурсанд шудам, ки ҳамон шаб дили Султоналихонро бо ягон гап озор надодам: баъди ду-се рӯзи гӯсфанд куштанамон боз ба шаҳр омада, аз модарам чунин хушхабар шунидам, ки «тӯраро ҳам ба аскарӣ гирифтанд»).

Ба даробарои модарам, ки хӯрок баров요да, косаву табақи холиро ба хона гирифта мерафт, нигоҳ карда, ба гуфтугӯи гарму ҷӯшони занҳо, ки аз тиреза мебаромад, гӯш андохта, нигоҳҳои қаноатмандона ва суханҳои ботамкини тағоиям ва ошноёни ӯро дида, қабат-қабат гӯшт мегирифтам, ки сабаби ин ҳама хурсандӣ мебошам. Дар ин шаб ман аз ҳама хурсанд будам: ҳам аз модарам, ҳам аз худам, ҳам аз меҳмонон. Вале беш аз ҳама аз тағоиям розӣ будам. Дар ҳақиқат маро ба ин хурсандӣ расонидагӣ ҳамин Абдулатиф-тағо аст. Ба ман дилаш месӯзад, мехоҳад, ки ман одам шавам. Аз хонаи худаш ҷо дод, обу нон дод, кор ёд дод. Боз ман гоҳо ба гапи Абдулатиф-тағо намедароям, гарданшахӣ мекунам...

Пагоҳии рӯзи дигар мо як сабад ангуру як ҷувол бодиринг гирифта, боз ба Зарчашма баргаштем.

* * *

Он рӯз тағоиям бо ханда «ҳаққи қассоб» гӯён як парчаи калон гӯштро ба чамадончаи фанеринаш андохта гирифта буд. Аз бозор ҳам биринҷу сабзӣ гирифта, низ дар чамадонча ҷой кард.

– Имшаб дар хоначаи худамон як зиёфатча мекунем, ҷиянам, – гуфта буд ӯ даҳони чамадончаро маҳкам карда истода.

Чойхонаи Зарчашма бе он ҳам хеле барвақт, соатҳои даҳи шаб пӯшида мешуд, чойхӯрон, ки ҳама мардуми коргар буданд, рӯзона хеле кӯфта мешуданд ва ҳаракат мекарданд, ки ҳар чӣ барвақттар хоб кунанду барвақттар аз хоб хезанд. Аммо он рӯз чойхона аз ҳарвақта пештар маҳкам шуд.

Абдулатифт-тағо чойхонаро маҳкам карда, ба ману шогирдаш фармуд, ки ба дег алав карда истем ва худаш баромада рафта, пас аз фурсате панҷ-шаш касро ҳамроҳаш гирифта овард.

Аз меҳмонон ман танҳо ду касро мешинохтам, ки ба чойхона бисёр омада мерафтанд. Яке аз онҳо Одилмагазинчӣ ном дошт, ки дар дӯкони нони ҳамин ҷо кор мекард.

Вақте ки тағоиям меҳмононро шинонда берун баромад, ман аз ӯ пурсидам:

– Инҳо кӣ, тағо?

Аммо тағоиям ба саволи ман ҷавоб надода гуфт:

– Ҳезум кам барин, ҷиянам, камтар тароша биёр.

Фаҳмидам, ки саволи ман бемавқеъ будааст.

Тағоиям ба назди меҳмонон даромада рафта буд, ки ман ҳамон саволро ба Қосимҷон додам.

– Ошноҳои худашон ҳамааш, – гуфт Қосимҷон. – Фақат яктааш бегона, ҳамон қаддарози сарлучаш. Лекин ман вайро мешиносам, дар анбор кор мекунад, ба наздикӣ омад худаш.

Баъд, хеле хомӯш истода, илова кард:

– Хуб одами усто-куя, ҳамин Абдулатиф-ако! Морро ҳам аз хонааш мебароранд.

Шӯрбо пухта буд, ки ман ҳам ду косаро гирифта, аз паси тағоиям ба пеши меҳмонон даромадам. Аз остонаи хона ба дарун қадам монда салом додам.

– Ин ҷияни мо мешавад, – гӯён ба меҳмонон шиносонд маро Абдулатиф-тағо.

Ман косаро ба тағоиям дода берун рафтанӣ шуда будам, ки Одилмагазинчӣ ба ӯ гуфт:

– Мон, ҷиянат ҳам ҳамин ҷо шиштан гирад, ҳама азони худӣ-ку?

– Хайр, шин, – гуфт тағоиям.

Ман ҳам дар пойгаҳи хонача, ба як лаби гилем нишастам.

Баробари нишастанам яке аз меҳмонон, ки бинии калони хандаовараш картошкаи серчашми хунукзадаро ба хотир меовард, ба як пиёла шароб рехта ба ман дароз кард.

Ман пиёларо нагирифта бо ҳайронӣ ба тағоиям нигоҳ карда истодам.

– Монед, натед, – гуфт тағоиям ба мардаки биникалон – ҳеҷ нанӯшидааст.

– Аз барои!.. – гуфт бардурӯғ қаҳр карда он мардак. – Гапа бисёр накун, Латиф! Ин бачаҳои охирзамон ба ману ту дарс медиҳанд, дарс! – ва ба ман рӯ овард.

– Гир, ука, арақ не-ку ин, сурхаш! Аз барои!..

Пиёларо гирифтам.

– Канӣ, бардор, шери амак, бардор, ҳа! – гӯён маро саросема мекард меҳмони биникалон.

Ман ҳам пиёларо бардоштам.

Даҳонамро як чизи тезу тунде сӯзонда гузашт. Гулӯям гӯё оташ гирифт. Нафасам гашт, аз чашмам об баромад.

– Ҳо-ҳо-ҳо!.. – шикамашро дошта қоҳ-қоҳ зад картошкабинӣ – Ҳо-ҳо-ҳо!.. Аз барои!

Дигарон ҳам гуррос зада хандиданд.

Танҳо тағоиям ба ханда ҳамроҳ нашуда гуфт:

– Нагуфтам, ки натед...

Ман давида берун баромадам.

– Об! – гуфтам нафаскашон ба Қосимҷон. – 0б тед, об! Як косаи калон оби сардро нӯшида ба худ омадам.

– Арақ дод вай падарлаънат... – мегуфтам ман оби чашмамро пок карда.

Ман шубҳа надоштам, ки шогирди тағоиям ба ҳоли ман хуб ханда мекунад, аммо вай ба гапҳои ман чизе нагуфта, танҳо бо таассуф ва ҳайрат сар меҷунбонд.

Шароб сурх бошад ҳам хеле зӯр будааст. Вақти хоб маро маст кард. Ҳамин ки сарамро ба болишт мондам, дилам беҳузур мешуд, хона ба мисли чархи фалак давр

мегашт ва ман боз давида аз ҷоям мехестам. Оқибат қай кардаму ором гирифтам ва то пагоҳирӯзӣ наҷунбида хоб кардам.

Аз он ҳодисаи майхӯрии нахустинам дар хотири ман танҳо фарёди «Аз барои!..», бӯи турши қай ва як ҳисси кароҳат боқӣ монд, гӯё ки ба ягон чизи ифлосе олуда бошам.

## ВОҚЕАИ ПАТИНКА

Ман дар тамоми муддати омаду рафт карданам ба Зарчашма ягон бор ҳам надида будам, ки Қосимҷон ба пояш чизе пӯшида бошад. Ӯ пойафзол надошт.

Фасли тобистон дар шаҳр ҳаво бисёр гарм мешавад, ҳатто шабона ҳам аз гармӣ халосӣ нест, аммо чунон ки дар боло гуфта гузашта будам, обу ҳавои Зарчашма аз шаҳр дида басе салқинтар буд, шабҳояш бошад, ҳатто хунук мешуд, ба дараҷае ки дар берун кас бе як қабат кӯрпа хоб карда наметавонист.

Ғайр аз ин Зарчашма, ба қавли тағоиям, як ҷои «сангистон» буда, сангу сангмайдаи тезу серқирраи он ба пои луч хеле сахт мерасид. Ба гирду атрофи Зарчашма бошад, бе пойафзол баромадан ҳеҷ имкон надошт. Хусусан, хорканаи калон-калонаш бисёр буд, ки агар мабодо ба пой халад, ду-се рӯз дард кунонда мегашт.

Қосимҷон бе пойафзол, албатта, хеле азоб мекашид. Кафи пойҳои ӯ торс-торс кафида, ҳамеша як-ду нохунаш кӯчидагӣ буд.

Аммо сарфи назар аз ин ҳама ба Қосимҷон, ки як йигити каппа-калон шуда буд, умуман пойлуч гаштан намезебид. Ӯ ҳамсинну ҳамсолони худ – коргарони Зарчашмаро медид, ки сару либос ва пойафзоли ду кас диданӣ пӯшида мегаштанд ва афти кор, ба либоспӯшии онҳо ҳавасаш меомад.

Қосимҷон чанд маротиба дар пеши ман ба Абдулатифтағо гуфта буд, ки:

– Ако, якта пойафзол гирифта медодед...

Ҳатто боре ман худам ба тағоиям аз ин хусус гап зада гуфта будам, ки ба Қосимҷон ягон патинка гирифта

диҳед хуб мешуд.

Аммо чунин мешуд, ки Абдулатиф-тағо, ҳамон рӯзҳо ё пули барзиёдӣ намеёфт, ё ба шаҳр мерафту илтимоси Қосимҷонро фаромӯш мекард ва ё патинкаи дуруст пайдо карда наметавонист.

Як рӯз Қосимҷон чойникҳоро регшӯ карданӣ шуда ба лаби дарёча фаромад, аммо дере нагузашта лангонлангон бо пои хуншор баргашта омад.

– Шиша бурид... – аз дард рӯяшро бурма карда ҷавоб дод ӯ ба нигоҳи саволомези ман.

Ӯ ба пояш йод рехта, бо як латта баста монд.

– Хайрият, дар поям ҳеҷ чӣ набудааст, набошад ба ямоқчӣ пул додан лозим мешуд. – гуфт ӯ шӯхӣ карда. Вале чашмонаш дар ин лаҳза аз чи ҳиссиёте пури об шуда буданд.

Бегоҳӣ, чун одат, Шокиртароша омад. Тағоиям набуд. Вай рӯзона ба идораи кон рафта, аз он ҷо бо димоғи сӯхта баргашта буд. Ба мо нагуфт, ки дар идора чӣ гап шуд, аммо ман баъдтар фаҳмидам, ки ӯро сарзаниш кардаанд, ки дар чойхона газетаву китоб нест, чаро шоҳмоту шашка намехарад, чойхона барои истироҳати коргарон аст ё барои кайфу сафои ӯ... Тағоиям то бегоҳӣ хиратабъ шуда нишаста, баъд чойхонаро ба Қосимҷон партофта ба хонаи Одилмагазинчӣ рафт.

Шокиртароша лангида-лангида роҳ гаштани Қосимҷонро дида, фурсате ба пои латтапечи ӯ нигоҳ карда истода гуфт:

– Ҳа, боз чико кард? Ланг шуда мондӣ?

– Шиша бурид, ако... – гуфт оҳиста Қосимҷон.

Шокиртароша даме ришчаашро даст-даст карда истоду баъд бо овози нофорами худ ба сари Қосимҷон, ки чойники чойро ба пеши ӯ мемонд, дод зад:

– О гӯли Худо! Ба ана вай хушмӯйлабат гӯӣ намешавад, ки ба поят ягон чиз харида пӯшонад? Чӣ, давлаташ кам мешавад? – ва ногоҳ ба тарафи ман, дурусттараш ба туфлии нави ман нигоҳ карда гуфт:

– Хешбачаи худашро-ку пойлуч сар дода намондааст.

Ман ба ин дӯғи ӯ бо нигоҳи пурхашме ҷавоб додам.

Қосимҷон бошад, сарашро хам карда, ҳарфе назад.

– Ҳӯ аз зоида шуданат пушаймон шудагӣ! – гуфт боз Шокиртароша. – Ландаҳур!

Шабона, дар сари хӯрок, Қосимҷон оҳиста сар бардошта, илтиҷокорона ба тағоиям гуфт:

– Ако, кай ба ман ягонта пойафзол гирифта медиҳед?

Абдулатиф-тағо, ки аз хонаи Одилмагазинчӣ кайфаш хеле баланд шуда омада буд ва чашмонаш хумор мешуданд, як ба пои Қосимҷон нигоҳ карду гуфт:

– Мегирем, уко, мегирем... Андаки дигар сабр кун...

Қосимҷон даме таваққуф карда, боз гуфт:

– Шокир-ако имрӯз бисёр хорӣ кард...

– Ҳа, чӣ мегӯяд?

– Мегӯяд, ки ана вай... Абдулатиф-ако ба поят ягон чиз харида диҳад намешавад? Муллоҳасан ҳам буд, – гӯён маро шоҳид овард Қосимҷон.

Тағоиям лабханд карда гуфт:

– Ҳм... ҳамту гуфт? Харқишлоқӣ...

Ранги Қосимҷон канд.

– Лекин, – гуфт лаҳзае хаёл карда истода тағоиям, – лекин, «Абдулатиф-ако» нагуфтагист-куя? Вай тароша мурад ҳам мана «ако» намегӯяд... Чӣ гуфт? А? Канӣ, росташа гӯ?

Қосимҷон дам намезад.

Тағоиям ба ман рӯ овард.

– Чӣ гуфт?

Аммо дид, ки аз ман ҳам садое намебарояд, аз пурсуҷӯ даст кашиду чашм ба косаи холӣ дӯхта, дуру дароз хаёл карда монд.

Ман ҳис мекардам, ки ҳозир гуфтугӯи ҷиддие рӯй медиҳад. Тағоиям ҳарчанд, ки хеле нӯшидааст, овозашро баланд намекунад, дашному ҳақорат намедиҳад (вай ҳар қадар арақ, хӯрад ҳам, маст намешуд), вале бо гапҳои мулоим Қосимҷони бечораро хуб қин мекунад.

Тахмини ман дуруст баромад.

Тағоиям хуб фикр карда нишаста, баъд гуфт:

– Қосим, уко, якум рӯзи ба Зарчашма омаданат ба хотират ҳаст? – ва аз ҳамон рӯзи ба Зарчашма омадани Қосимҷон чӣ нағзиҳо кардани худро як ба як ба ёд овард.

Гилагузории Абдулатиф-таға хеле кашол ёфт, ҳатто ба дили ман зад. Аммо тағоиям овози ширадорашро баланд накарда, ҳамчунон гап мезаду гап мезад...

Дар охири гапаш ӯ гуфт:

– Акнун, имрӯз ки нону намаки маро хӯрда, бо гапи дигарҳо кор мекардагӣ бошӣ, кӯрнамакӣ мекардагӣ бошӣ, ҳоло ҳам сари вақт, Қосим, «нағзӣ куну ба дарё андоз» гуфтаанд, ман туро дошта намешинам, чор тарафат қибла, рав, куҷое ки почакат расад – рав, бо ҳамон тарошаат рав, ба ман ҳам, масалан гӯем, нонхӯри барзиёдӣ даркор не...

Қосимҷон умуман як бачаи вазнину ҳалим буд, ҷангу ҷанҷолро дӯст намедошт, ҳеҷ вақт ба гапи кас гап намегардонд, вале ин дафъа, аз афташ, корд рафта ба устухонаш расид, ки худашро дошта натавониста гуфт:

– Чӣ гуфтед, ако? Наход ман ҳамин қадар хизмат карда, имрӯз нонхӯри барзиёдӣ шуда бошам? Аз саҳар то нисфи шаб ором нагирифта ҷунбаму...

– Ӯҳӯ! – сухани Қосимҷонро бурида бо ханда нидо кард тағоиям, – Хеле усто будааст муаллимат! Забонат анча дароз шуда мондааст-мӣ? Боракалло, Қосимбой, боракалло! Канӣ, гап задан гиред, мо ҳам камтар гап ёд гирем!

Қосимҷони бечора, ки гапаш ба даҳонаш монда буд, суп-сурх шуда менишаст.

– Рост, – гуфт оҳанги гапашро ҷиддӣ карда тағоиям, – рост, кори чойхона кори сабук не. Лекин, охир, туро ҳеҷ кас ба сутуни чойхона баста намондааст. Гап ҳамин, Қосим: агар ба ту маъқул набошад, рав, ба куҷо ки хоҳӣ, рафтан гир. Исо ҳам ба роҳи худ, Мӯсо ҳам!

– Ҳамту гӯед... – гуфта монд Қосимҷон, ки ҳеҷ интизори чунин анҷом набуд...

– Ана ҳамту! – гуфт Абдулатиф.

Қосимҷон дигар чизе нагуфта, оҳиста аз ҷояш хесту бо сари хам берун рафт.

Ман ба худ омада оҳиста гуфтам:

– Кори нағз нашуд-дия, таға. Бечорая хафа кардед...

– Ту корат набошад, ҷиянам, – гуфт дар ҷавоб Абдулатиф-таға. – Рав, рафта хоб кун.

Ман ҳам дигар гапназадаму ба ҷои хоби худ, бар болои боми чойхона рафтам, ки кӯрпа-бистари мо дар ҳамон ҷо печондагӣ меистод.

Ман гумон карда будам, ки Қосимҷон аз пеши мо баромада, рост рафта дар ҷояш хобидааст, аммо болои бом холӣ буд. «Хайр, меомадагист-дия!» гуфтаму ҷогаҳи худамро андохта хоб кардам.

Аммо саҳарӣ хеста дидам, ки кӯрпаи Қосимҷон даст нарасонидагӣ истодааст. Диламро ваҳм гирифт. «Боз худашро ягон кор накарда бошад?» мегуфтам ман.

Аммо тағоиям аз ман ин гапро шунида ханда кард.

– Ҷон-а, ҷон! – гуфт ӯ. – Девона нашудааст, ки худашро кушад. Ба пеши ҳамон тарошааш рафтагист балки...

Баъд каме ба фикр фурӯ рафта ба ман гуфт:

– Акнун, ҷиянам, то вай масчоҳии кӯрнамак омадана ту ба ман ёрӣ мекунӣ-дия!

– Гашта меомада бошад? – боввариам наомада пурсидам ман.

– Дигар куҷо мерафт вай сакалту... – гуфт тағоиям. Ман ҳам аз суханони тағоиям ором ёфта, ба худ гуфтам, ки Қосимҷон то ҳамин бегоҳ ё агар ҷудо сахт ранҷида бошад, рӯзи дигар боз гашта меояд.

Вале бегоҳӣ, ки Абдулатиф-тағо ба маҷлис рафта, дар чойхона танҳо худи ман монда будам, як бачаи ношинос омада гуфт, ки Қосимҷон ӯро барои сандуқаш фиристодааст.

Ман сандуқро ба пушти бача бор карда истода пурсидам:

– Қосимҷон худаш дар куҷо?

Бача бо дили нохоҳам гуфт:

– Дар хонаи Шокир-ако...

Ман боз пурсидам:

– Чӣ кор мекардааст дар он ҷо?

Аммо бача ба гапи ман ҷавоб надод.

– Хайр, – гуфтам ман, – ба ман ҳеҷ чиз гуфта нафиристодааст?

Бача ба ман назарногирона нигоҳе карда гуфт:

– Не, ҳеҷ чиз нагуфтааст.

Ман мехостам бо бача дурусттар гапзанон кунам, ҳолу

аҳволи Қосимҷонро дурусттар фаҳмида гирам, аммо зормонда фурсат набуд. Ман ба бача, «Хайр, ба Қосимҷон салом гуфта мон» гӯён дари хоначаро қуфл кардаму ба чойхона давидам. Аз он, ки Қосимҷон сиҳат ва саломат будаасту дар ҳамин ҷо, дар Зарчашма меистодааст, хеле хурсанд шудам, хотирам аз ӯ ҷамъ шуд, аммо дар айни замон аз ӯ як қадар норозӣ будам, ки барои ман ақаллан як даҳан сухани хуш наёфтааст, ки гуфта фиристонад. «Ӯро-ку Абдулатиф-тағо хафа кард – мегуфтам ман худ ба худ, – лекин аз ман чӣ бадӣ дидааст?»

Тағоиям ин хабарро аз ман шунида аввал ҳайрон шуд.

– Сандуқашро гирифта рафт? – гуфт ӯ боввариаш наомада, – наход?

Аммо пас аз лаҳзае бепарвоёна даст афшонда гуфт:

– Ошу нони тайёр, ки нафорида бошад, – ихтиёраш! Худашба қин! Чӣ гуфтӣ, ҷиянам?

Вале рафтани Қосимҷон аз афти кор ба ӯ хеле сахт расида будааст, ки ҳамон рӯз ба Шокиртароша гап парронда гуфт:

– Охир ба гапат даровардӣ? Аз раҳ задӣ?

Шокиртароша бе он, ки дар ҷавоб чизе гӯяд, ба тағоиям чашм дӯхта истод.

– Қосимро аз раҳ задӣ, мегӯям? – такрор карда гуфт Абдулатиф-тағо.

– Ҳой Латиф! – гуфт дар охир Шокиртароша. – Шукр кун, ки ба ҷои вай ландаҳур ягон каси дигар набудааст! Чӯби мулоима кирм мехӯрад-дия-а? Ҳӯ морбоз!

– Хайр, хайр! – гуфт хандида тағоиям. – Ба ман гӯӣ пухта хур ҳамқишлоқита! – ва дигар ба Шокиртароша кордор нашуд.

Ба ҳамин тариқ вазифаи Қосимҷон акнун ба гардани ман бор шуд.

Ин «хизмати холис» ба ман хеле гарон меомад. Ман мебоист саҳарии барвақт ҳанӯз пардаи торикӣ бардошта нашуда, аз хоби ширин хезам ва бо ҳамроҳии тағоиям параха кафонда ангишт майда кунам, аз дарёча об кашонда, ба самовор алав андозам, баъд чойхонаро об зада рӯбаму палос паҳн кунам, чойнику пиёлаҳоро гирифта

дар оби гарм чайқонам...

Қосимҷонро ёд мекардам. Мулоим-мулоим гап заданҳои ӯ, шеърхониҳои ӯ, чашмҳои калон-калони ҳалиму меҳрубон, вале маҳзуни ӯро ба хотир оварда, мегуфтам, ки наход дигар баргашта наояд, наход ақаллан барои дидани ман наояд? Гоҳ мегуфтам, ки худам рафта Қосимҷонро дида биёям, вале, рости гап, аз Шокирта-роша, аз забони тези ӯ метарсидам.

Боре бо супориши Абдулатиф-таға ба тарафи хобгоҳи коргарон мерафтам, ки аз дур Қосимҷонро дидам. Аммо ӯ маро дидан ҳамоно худашро ба дигар тараф зад, дар паси хонае аз чашмам ғоиб шуд. Аз ин кораш ман сахт ҳайрон шудам. «Бегона боз бегонагиашро мекардааст-дия!» гуфтам ман бо димоғи сӯхта ва дигар аз баргаштани ӯ умедамро кандам.

Аммо Қосимҷон нохост бо пои худаш даромада омад.

Аз рафтани ӯ ягон ҳафта гузашта буд, ки як пагоҳӣ Абдулатиф-таға «хунук хӯрда истодаам, як дам дароз кашам-чӣ» гӯён чойхонаро ба ман монда ба хоначааш рафт.

Хеле вақт гузашта, танаффуси коргарон ҳам наздик расид, аммо аз тағоиям дарак набуд. Хавотир шуда, ба хонача рафтам.

Тағоиям сарашро ба кӯрпа печонида гирифта буд. Аммо хоб набудааст.

Ӯ ғирчоси дарро шунида, сарашро кушод.

– Ҳа, ту-мӣ, – гуфт бо овози хаста, – об те, ҷиянам.

Рӯяш суп-сурх тафсида, таб бароварда буд.

– Нотоб шуда мондам ман, аз афташ, – гуфт як коса обро то охираш нӯшида.

Ҳамин тавр карда, чойхона ба дасти як худи ман монд. Даву ғеҷи чойхона ду касро ҳам монда мекард, аммо як касро батамом аз ҳол меравонд.

Ҳамон рӯз ман бо як азоб кори чойхонаро то бегоҳ саришта карда нишастам. Аз чойхона саг барин кӯфта шуда омадаму худамро ба рӯи бистар партофтам. Аммо дере нагузашта, тағоиям маро бедор карду об талабид. Бо ҳамин дигар то пагоҳӣ мижа хам накардам.

Бечора тағоиям дар таб месӯхт. Лабонаш торс-торс

кафида, дар гирди даҳонаш табхол дамид. Дар бадали як шаб хеле аз гӯшту пӯст фаромада монд. Устухонҳои рӯяш ҷаста баромада, чашмонаш чуқур шуда буданд. Сулфа мекард.

Пагоҳӣ духтур овардам. Духтур гуфт, ки тағоиям сахт шамол хӯрдаасту бояд ҳафт-ҳашт рӯз аз хона набаромада хоб кунад.

Ман духтурро гуселонида омада, ба пеши Абдулатиф-тағо хӯрок монда, хостам, ки ба чойхона равам.

Аммо ӯ ба чашмони хоболуд ва сурхшудаи ман нигоҳ карда истоду гуфт:

– Биё, имрӯз чойхонаро накушо. Шабаш қатӣ хоб накарда баромадӣ Дам гир, ҷиянам.

Ман ҳам «не» нагуфта, дар як гӯшаи хонача ҷой андохтаму хоб кардам.

Вале бисёр хоб карда натавонистам.

Пас аз андаке садои гуфтугӯро шунида бедор шудаму дидам, ки дар пеши тағоиям Қосимҷон нишастааст.

– Аз гуноҳам мегузаред-дия, ако, – мегуфт Қосимҷон. – Шайтон бераҳа кард...

– Ҳеҷ гап не, – гуфт дар ҷавоб Абдулатиф-тағо, – ман аз ту хафа не, аз ҳамон хирси калон хафа! Майлаш, ҳеҷ гап не...

Соате нагузашта, сандуқи Қосимҷон боз ҷои пештараашро ишғол кард, худи Қосимҷон бошад, боз рафта дар пеши самовар нишаст.

Аз гашта омадани Қосимҷон ман бениҳоят шод будам. Чойхона ҳам, хоначаи тағоиям ҳам ба назарам дигар шуд, хушрӯйтар, равшантар менамуд. Ҳар гоҳ беихтиёр табассум карда мемондам. Ба ҳар ҳол, аз рӯзе, ки ба Зарчашма омадам, ин хел хурсанд нашуда будам.

Аз омадани Қосимҷон тағоиям низ гӯё хурсанд буд.

Вай ҳатто «имшаб кинои нав будааст, як рафта тамошо кунетон» гӯён ба мо пул дод.

Аммо бегоҳӣ Шокиртароша шодии моро як қадар талх кард.

Вай, ки, ба тахминам, рост аз кор баромада омада буду аз гашта ба пеши мо омадани Қосимҷон хабар надошт, ба остонаи чойхона қадам гузошту якбора дар

паси самовар Қосимҷонро дида, дар ҷояш шах шуда монд.

Ман ягон бор ӯро дар чунин ҳолат надида будам. Ин одами аҷоиб, ки ҳеҷ гоҳ гапашро ба кас намедод ва ба худ боварии комил дошт, эҳтимол нахустин дафъа дар умраш ин тавр ҳайрон шуда бошад.

Ӯ даме мижазанон рост истоду баъд, гӯё ки ба чашмони худ бовар накарда пурсид:

– Қо-сим?

Қосимҷон сарашро аз замин намебардошт.

– Ӯҳ, ҳароммурда... – гуфт пас аз дақиқае Шокиртароша ва ногоҳ қафо гашту аз зинапоя фаромада рафт.

Ман гумон карда будам, ки Шокиртароша бо ҳамин чанд рӯз қадамашро ба чойхона намемонад, охир ӯ дар назди тағоиям мулзам шуда буд, гӯё онҳо ҳарду гарав баста буданду Шокиртароша гаравро бохта буд, аммо бегоҳи рӯзи дигар ӯ боз дар чойхона пайдо шуда монд. Дигар дар рӯяш аз аломати ҳайрату тааҷҷуб осоре намонда, вай боз ҳамон Аҳмади порина, боз ҳамон Шокиртарошаи пештара шуда буд; боз бечораи Қосимҷонро хорӣ мекард, «ландаҳур», «гӯл» мегуфт.

Шабона мо аз кино омада, боз ба ҷои хоби пештараи худ, бар болои боми чойхона баромадем. Тағоиям акнун хеле ба худ омада буд, дигар таб азобаш намедод.

Мову Қосимҷон дар зери чодари шоху барги харсеб дароз кашида, ба ҳамдигар дарду ҳасрат мекардем.

Ман аз хавотир кашиданам, ҳатто ба гумонҳои бад рафтанам гап задам, Қосимҷон бошад, ин панҷ-шашрӯза саргузашташро ҳикоя карда дод.

Қосимҷон ҳамон шаб аз пеши мо баромада, рост ба хонаи Шокиртароша рафтааст.

– Гапи тағот ба ман бисёр таъсир кард, «нонхӯри барзиёдӣ» гуфтанд... Гап задан гирӣ, гунг ҳам меғунгад, охир, – шарҳ дода гуфт Қосимҷон.

Шокиртароша Қосимҷонро аввал ба хандаю истеҳзо пешвоз гирифтааст, хуб масхара кардааст, ҳатто гирёндааст, аммо баъд шикамашро сер кунонида, дар як гӯшаи хонааш ба ӯ ҷой андохта додааст.

Шокиртароша хаёл доштааст, ки Қосимҷонро ба кор

дароварда монад. Қосимҷон ҳам розӣ шудааст. Шокиртароша ба Қосимҷон ариза нависонда гирифта ба идораи кон бурда додааст.

Аммо имрӯз Қосимҷон кор накардани чойхона ва касал шудани Абдулатиф-тағоро шунавида, ҳатто ба Шокиртароша ҳам хабар надода, ба чойхона омадааст.

– Ҳарчанд гуфтам, ки баъд аз он гапҳои тағот дигар гашта набиёям ҳам мешавад, не, боз нашуд. Гӯр ин дили раҳмгини ман шавад, – гуфта монд дар охири гапаш Қосимҷон. – Акнун Шокир-ако як умр аз ман хафа будагист...

Ман дар назди хобгоҳи коргарон маро дида гурехтанашро хотиррасон кардам.

– Чиба аз ман руст шудед, Қосим-ако? – гуфтам ман.

– Э, напурс... – шарм доштагӣ барин шуда гуфт дар ҷавоб Қосимҷон.

Ман мехостам боз аз ӯ гила кунам, ки ягон маротиба ҳам маро пурсида наомад, вале дидам, ки шарм мекунад, гапро ба дигар тараф гардонданӣ шуда, ба як ҷуфт потинкаи ямоқин, аммо ҳанӯз мазбут, ки дар поёни пояш меистод, ишора карда гуфтам;

– Муборак шавад патинка гирифтед-ку?

Қосимҷон гуфт, ки патинкаро ба ӯ Шокиртароша додааст.

– Аҷоиб одам будааст ин Шокиртарошаатон, – гуфтам ман ин гапро шунида. – Ба дағалиаш ҳам тараф не, ба меҳрубониаш ҳам!

– Не, Шокир-ако одами нағз! – гуфта монд Қосимҷон.

...Ба ҳамин тариқ, Қосимҷон боз ба чойхона баргашт.

Аммо агар ӯ пешояндашро медонист, ба ҳеҷ ваҷҳ ин корро намекард.

## ТУРФА ШОГИРДЕ, КИ ДАР ҲАЙРАТ КУНАД УСТОДРО

Одам ба ҳар чиз одат мекардааст. Аввалҳо мевафурӯшӣ ба ман ҳеҷ

маъқул набуд, онро як кори маҷбурӣ медонистам, ба бозор бо гардани баста мерафтам. Аммо рафта-рафта

нисбат ба харидуфурӯш як ҳисси шавқмандӣ пайдо мекардам.

Чӣ тавр ба ин кор шавқманд намешудаам ман, вақте ки аз паси он гӯсфанд харидам, сарулибосамро нав кардам, дар ҳар рафтанам ба хона ё як буханка нон, ё гӯшту равған, ё боз ягон чизи дигаре мебарам?.

Аз шаҳр ба сад-саду панҷоҳ сӯм чиз харида, дар Зарчашма ба дусад-сесад сӯм пул кардан, яъне дар бадали як рӯз (як моҳ не, ҳафта не, танҳо як рӯз!) сад- саду панҷоҳ сӯм фоидаи нақд бозёфт кардан маро ҳақиқатан ба шавқ меовард.

Гоҳо тааҷҷуб мекардам, ки чаро дигарон ҳам ин роҳи осони пулёбиро намебинанд. Баъзе одамон як моҳи дароз кор карда чорсад-панҷсад сӯм пул мегиранд ва ҳол он ки ин қадар пулро ман дар як ҳафта меёбам. Аммо мақоли тағоиямро ба хотир меовардам, ки «ошхӯр ошаша мехӯраду атолахӯр атолааша».

Гоҳи дигар ин кори осону серпул дар назарам як мӯъҷизаи афсонавӣ барин менамуд, хаёл мекардам, ки ба мисли чароғи Аловаддин тилисме ба даст овардаам.

Хулласи калом, кори мевафурӯшӣ ба ман то рафт бештар маъқул мешуд.

Ман акнун ангури даҳсӯмаро чордаҳ-понздаҳсӯмӣ фурӯхта, дигар сурх намешудам, баръакс, ҳар дафъа пули фоидаро гаштаю баргашта бо иштиёқ шумурда мебаромадам. Баъзан агар аз байни пул ягон коғази даҳсӯма ё сисӯмаи миёнаш нашикастагӣ баромада монад, онро ба даст гирифта, дуру дароз тамошо мекардам, мисли тағоиям дар мобайни ангуштонам гирифта, шақаррос мезанондам. «Ин пули ман аст, ин пулро ман, худам ёфтам!» гӯён аз дил мегузаронидам.

Дар ин гуна лаҳзаҳо дар дилам чунин орзуи пурзӯре пайдо мешуд, ки аз ин ҳам зиёдтарашро ёбам, бо дусадсесад сӯм не, бо ҳазору даҳ ҳазор бозӣ кунам ва чунин суханҳои тағоиям ба ёдам меомаданд, ки боре бо оҳанги ҳазломез, вале маънидорона гуфта буд:

– Дар ин дунё касе ба касе кор надорад, ҷиянам! Ҳар кас ба мурдаи худ мегиряд, ғами худро мехӯрад, дар рӯзи сахтӣ ҳеҷ кас ба фарёдат намерасад. Тавону пул ёв, чиз

ёв, маишат кун!

Дар дил, ки орзӯе пайдо шуд, кас мехоҳад онро ба рӯи об барорад.

Ман ҳам аз паи орзӯи худ шудам.

Аввалин чизе, ки дар роҳи иҷрои ин орзу кашф кардам, ин буд, ки чаро аз Зарчашма ба шаҳр бо дасти холӣ меравам, чаро фоидаро ду баробар карда, аз ин ҷо ҳам ягон чизи даррав, ягон чизи бозоргир бурдан мумкин нест?

Дар Зарчашма, ки тақрибан ҳамаи коргарон дар корҳои вазнинанд ва нону паёкашон калон аст, ба нархи арзон орду нон ёфтан мумкин аст. Дар ин бора бо Одил-магазинчӣ гапзанон кардан лозим. Вай ҷӯраи Абдулатиф-тағо аст, албатта «не» намегӯяд.

Чанд рӯз пеш Абдулатиф-тағо ба як қишлоқи боло рафта, махсус барои оши палав гӯён ба нархи арзон як чова пур равғани чормағз гирифта омада буд. Ин ҳам – пул.

Боз агар кас фикр кунад, чизи серфоида бисёр аст.

Вақте ки ман ин нақшаи худро ба тағоиям арз кардам, хурсандии ӯ ҳадду андоза надошт.

– О ҷиянам, о ҷияни худам, шери тағо! – мегуфт ӯ бо ҳаяҷон мӯйлабашро даст-даст карда. – Кор ана ин хел шудааст, боракалло! Қандата зан, ҷиянам, офарин! – ва ваъда дод:

– Бо Одил ҳам ман худам гапзанон мекунам, равғанро ҳам ман худам ёфта медиҳам. Ту фақат бурда лояшро гирифтан мегирӣ!

Баъд аз ин ман аз Зарчашма ҳам албатта ягон чиз гирифта мерафтагӣ шудам.

Ин кашфиёт ба ман боз як кашфиёти тоза овард.

Як-якуним моҳ нагузашта боз якуми сентябр меояду мактаб сар мешавад ва ман дигар Зарчашмаравию мевафурӯшӣ карда наметавонам. Абдулатиф-тағо барин як одамро фиреб додан, албатта, кори хуб нест, аммо, охир, агар ҳамон гӯсфанду сарулибоси нави маро ҳисоб накунем, вай дигар чизе харида надодааст, балки баръакс, мегӯяд, ки ба пули ман қоқ харида монданист, ки дар зимистон ба фоидааш фурӯхтан мумкин. Ғайр аз ин

тағоиям як одати бад дорад, ки ҳеҷ вақт ба дасти ман пул намедиҳад. Пас чаро ман ба Абдулатиф-тағо ҳамаи пулро медиҳам? Чаро як миқдорашро ба худам гирифта намемонам? Хусусан дар шаҳр, ки Абдулатиф-тағо нест ва ба чанд пул чиз фурӯхтани маро намебинад? Охир, пул-пули худам-ку?

Дар натиҷа дар як муддати кӯтоҳ ман рустӣ аз тағоиям бештар аз панҷсад сӯм пул ҷамъ кардам ва ин пул рӯз аз рӯз зиёд мешуд.

Аммо ҳирси пул, ки дар дили ман пайдо шуда буд, то рафт пурзӯр мешуд, маро то рафт бештар ба худ ҷазб мекард.

Аввалҳо ман аз фоидаи савдои шаҳр бисёр кам «мезадам», ҳар дафъа зиёдаш панҷоҳ-шаст сӯм пул руст мекардам, вале иштиҳои ман рӯз аз рӯз калонтар шуда, ҷуръатам меафзуд. Ман қарор додам, ки акнун дар ҳар шаҳр рафтанам бояд камаш сад сӯм «занам».

Аммо ман эҳтиётро фаромӯш карда, иштиҳои худро хеле калон сар дода будаам. Аз афти кор, Абдулатиф-тағо аз фиреби ман пай бурдааст.

Ман гоҳ-гоҳ ба шаҳр ба ҷои орду нон карасин ҳам мебурдам. Дар Чорчинор карасин хеле камчин буд, аммо дар Зарчашма карасинро озодона, ба нархи арзон харидан мумкин буд. Дуруст аст, ки карасинро танҳо ба коргарон мефурӯханд, вале Абдулатиф-тағо ин тарафи корро ба осонӣ ҳал кард.

Рӯзе ман шаҳр рафта истода, як човаи бистлитраро аз карасин пур карда гирифтам.

Дар шаҳр нархи карасин одатан аз сӣ сӯм боло намебаромад. Ман ҳар дафъа карасини худро ба нархи бозор нигоҳ карда мефурӯхтам.

Аммо ин дафъа кор дигар хел шуд.

Аз дарвозаи калони бозор даромадан ҳамон ба кунҷи аз ҳама дуртари бозор, ки ҷои карасинфурӯшӣ ҳамон ҷо буд, нигоҳ партофта, дидам, ки дар он ҷо касе нест.

Дар лаҳзаи аввал хурсанд шудам, ки карасинро зуд фурӯхта тамом мекунаму барвақттар ба хона бармегардам.

Аммо панҷ-шаш қадами дигар намонда, ба сарам

фикре расид.

Ҳозир-ку дар ин бозори калони серодам ғайр аз ман карасинфурӯши дигаре нест, пас чаро ман нархи моли худамро зиёдтар накунам? Чаро сисӯмӣ неву сивупанҷсӯмӣ нафурӯшам? Аз ҳар литр панҷ сӯм ба кисаи худам мемонад, аз ҳар литр панҷ сӯм! Аз бист литр – сад сӯми роҷеъулнақд!.. Ба тағоиям бошад, мегӯям, ки мисли ҳарвақта сисӯмӣ фурӯхтаам. Ҳатто метавонам гӯям, ки имрӯз дар бозор карасин бисёр будаасту бистуҳаштсӯмӣ фурӯхтам! Кӣ дониста шиштааст?

Ман ҳанӯз ба бозори карасин нарасида, қарор додам, ки ҳар як литри карасинро сивупанҷсӯмӣ мефурӯшам. Вале чанд қадами дигар монда, ба қарори худислоҳ дароварда гуфтам, ки сивупанҷсӯмӣ неву сивушашсӯмӣ мефурӯшам, зеро барои касоне, ки танҳо ним литр карасин мегиранд, ним сӯм майдаро аз куҷо меёбам?

Човаю қуттии нимлитраи консерваро ба замин мондаnам ҳамон дар гирди сарам харидорон ҷамъ шуданд.

Нархе, ки ман имрӯз ба моли худ монда будам, хеле калон буд, аммо харидорон илоҷе надоштанд. Бозори ман зуд авҷ гирифт.

Дастам ба дастам намерасид. Фурсати сархорӣ надоштам. Дар як сония қуттии консерваро пур мекардаму зуд онро ба човаи харидор холи карда, пулро дар бағал меандохтам. Харидоре аз пеши ман дур нарафта, харидори дигаре пайдо мешуд. Аммо, чунон ки мегӯянд, «фалокат аз таги по мебарояд».

Чова қариб холӣ шуда буд, ки як занаки фаранҷидор ним литр карасин гирифта, ба ман якта бистсӯмаро дароз кард. Ман мебоист ба ӯ ду сӯм гардонда диҳам. Аммо ҳамин қадар кофтам, ягонта ҳам яксӯмӣ наёфтам.

– Холаҷон, – гуфтам ба занак, – як дамакак истода истед, ҳозир ягон кас биёяд, пули майда медодагист.

Занак ҳам гап назада, дар болои сарам рост истод.

Баъди ӯ як марди лӯндаи ҷомапӯш омад. Аз афташ шитоб доштааст, ки нархи карасинро ҳам напурсида гуфт:

– Як литр рез, писарам!

Қутии консервро ба човааш холӣ карда истода будам,

ки аз кисааш пул бароварда пурсид:

– Чанд пул мешавад як литраш?

Ман сар бардошта ба ӯ ҷавоб доданӣ шуда даҳан кушодам, аммо гапам дар даҳонам монд.

Ба сӯи мо тез-тез қадам монда Абдулатиф-тағо меомад! Дар байни мову ӯ ягон понздаҳ қадам роҳ монда буду бас.

Дасту по хӯрдам. Фурсати фикр кардан набуд.

Ман дар болои сарам рост истодани занаки фаранҷидорро аз хотир бароварда, ба мард гуфтам:

– Сӣ сӯм!

Ана дар ҳамин вақт занаки фаранҷидор бо овозе, ки ба гӯши ман аз гулдурроси раъд ҳам сахттар расид, маро карахту лол карда ба гап даромад:

– Аҳа, ту чӣ хел бача, уко? О, ба ман сию шаш сӯм гуфтию? Ин хел, ки бошад, ду сӯм не, панҷ сӯм, гардонда метӣ-дия. Ҳамту-не?

Абдулатиф-тағо, ки кайҳо ба назди мо расида омада буд, гапҳои занакро аз аввал то охир шунавид албатта ва дарҳол фаҳмид, ки таги гап чист.

Намедонам, ду-се литри боқимондаро чи тавр карда фурӯхтам.

– Канӣ, хез, – гуфт тағоиям вақте ки охирин литри карасинро ба човаи харидор андохтам.

Ман оҳиста, бо гӯшаи чашм ба рӯи ӯ назар андохтам. Ӯ қавоқашро андохта буду хеле хашмгин менамуд.

– Гард! – гуфт ӯ бори дигар ва қафо гашта ба роҳ даромад.

Ман ҳам бо биниам заминро хат кашида, аз паси ӯ равон шудам.

Абдулатиф-тағо маро ба чойхона сар карда бурд. Ин ҳамон чойхонае буд, ки мо бори аввалин бодиринг харида, интизори мошин шуда нишаста будем.

Абдулатиф-тағо ба ман аз рӯ ба рӯи худ ҷо нишон дода, ба самоварчӣ чой фармуд. Самоварчӣ чой оварда монд. Ман бо тапиши дил интизорӣ мекашидам, ки кай ӯ ба гап сар мекунад. Аммо ӯ гӯё маро дурусттар азоб доданӣ буд, ҳеҷ гап сар намекард. Ман, ки бо сари хам менишастам, танҳо ҳаминро ҳис мекардам, ки ӯ чашм

наканда ба ман нигоҳ мекунад.

Ба худаш чой рехт. Саросема нашуда, чои гармро пуф-пуфкунон пиёларо холӣ кард.

Гумон мекардам, ки агар боз як дақиқаи дигар гап назада нишинад, дилам торс мекафад.

Аммо ӯ бо оҳистагӣ, шитоб накарда, пиёларо боз аз чой пур намуда, ба ман дароз кард. Ман пиёларо гирифта бо як иштиҳои тамом ба лабам бурда будам, ки дар охир кафид.

– Турфа шогирде, ки дар ҳайрат кунад устодро! – маро як қад парронда гуфт ӯ бо як навъ хандаи шикоятомез. – Қандатона хӯред, ҷиянам, қандатона хӯред!.. Моро ба як нӯл задед, қоил мо!

Боз хеле вақт хомӯш шуда монду баъд бо оҳанги дигар, бо оҳанги ҷиддии дурушт гуфт:

– Ту тағотро чи фаҳмидӣ, Ҳасан? Дониста бош, ба гӯшат ҳалқа карда овез, ки маро фиреб медодагӣ одам ҳоло аз шиками модараш зоида нашудааст! Хандиданба ёзидӣ-дия! А? Тағот рӯзи мурданаша намедонаду халос, набошад дар таги замин мор ҷунбад – мефаҳмад! Ман ба ту роҳ нишон диҳам, пул диҳам, ки ризқу рӯзиатро ёфта хӯр, ту ба ҷои раҳмат маро аллонӣ-а? Тушбераро хом шумурдӣ, бача! – баъд якбора овозашро паст карда, фармон дод:

– Ин ҷо те пула! Канӣ!

Ман даст ба бағал дароварда, пулҳоро як қабза кардаму ба пеши ӯ партофтам.

Тағоиям пулро гирифта ба кисааш андохту нохост ханда кард.

– Ҳа, устокор! – гуфт ӯ.

Ман бо ҳайрати беандоза ҳис кардам, ки дар овози ӯ дар баробари коҳишу сарзаниш як оҳанги таҳсинкоронае ҳам садо дод.

...Бовариам намеомад, ки аз Абдулатиф-тағо ин хел осон халос хӯрдам, вале ӯ на дар пеши модарам гуноҳи маро ошкор кард (ки ман хусусан аз ҳамин метарсидам), на ягон маротиба ин кори маро ба хотир оварда таъна кард. Баръакс, баъди ин воқеа ӯ маро гӯё бештар дӯст медоштагӣ, бештар ҳурмат мекардагӣ шуд. Ҳатто, баъзан

ба ман маслиҳат мекард, фикри маро мепурсид, ки:

– Ҳамту кунем, чӣ мешавад-а, ҷиянам? Масалан гӯем, ҷомаи бамаслиҳат кӯтоҳ намебиёяд, ба ҳамин кор ту чӣ мегӯӣ?

Аз ин муносибати тағоиям ман шердилтар мешудаму роҳҳои тоза ба тозаи пулёвиро меҷустам ва аксар дар ин роҳ корам омад мекард.

Ман акнун танҳо ҳаракат мекардам, ки Абдулатифтағоро нафаҳмонида фиреб диҳам.

Дар ин айём ман худро ҳақиқатан як бачаи кордону корфаҳм ва хеле хушбахт ҳисоб мекардам.

## БАХТ БЕҒАШ НАМЕШАВАД

Оре, дар ин айём ман худро умуман хушбахт ҳис мекардам, вале кадом бахт бе қилу қол, беғаш шудааст? Ҳамин тарз, дар рӯи моҳи бахти ман ҳам гоҳ-гоҳ доғи нохушӣ пайдо шуда, диламро сиёҳ мекард.

...Чунон ки дар мавридаш гуфта будам, ман бисёр мехостам даруни шахтаро бубинам, аммо чуръат намекардам, ки ба касе аз ин хусус даҳан кушоям.

Вале аз воқеаи карасин дере нагузашта, ба ин орзуи худ расидам.

Дар байни коргарони шахта як марди чорпаҳлӯи паҳлавонсурат, вале хушҳолу беозоре буд, ки хурду калон ӯро Вася-амак гӯён ном мегирифтанд. Вася-амак дар рӯи сафеди калонаш доғҳои зиёди кунҷитак дошта, мӯи сараш чунон зарди баланд буд, ки гумон мекардед дар болои сараш оташ аланга мезанад.

Вася-амак якчанд бор аз ман чиз харида буду маро мешинохт, ҳатто ба ман бо забони ширини худ «ашно!» гӯён хитоб мекард. Ман аввалҳо гумон мекардам, ки вай танҳо маро ҳамин тавр меномад, аммо баъд дидам, ки ба ҳама ҳам бо ҳамин «ашно»-и хандаовари худ муроҷиат мекардааст.

Рӯзе дар гирду пеши шахта пилмида гашта будам, ки Вася-амак аз тарафи завод як аробачаи чорчархаро аз болои релсҳо ронда овард. Аробача бо шакли худ паллаи тарозуи анборро ба хотир меовард.

Ман ба Вася-амак салом додам.

– Ин ҷо биё, ашно! – гуфт ӯ ба ҷои алек, – корат бисёр аст?

– Не, ҳеҷ кор надорам, Вася-амак.

– Гард набошад, андак ёрӣ кун.

Ман, ки аз шодӣ қариб буд дилам аз хонааш барояд, аз паси ӯ ба даруни шахта қадам мондам.

Посбон, ки гуфтугӯи байни мову Вася-амакро шунида буд ва маро мешинохт, чизе нагуфт.

Вася-амак ба хамгашти шахта расида, аробачаро ба тарафи чап гардонд.

Дар пеши назари ман як ғори калони рост ва дуру дарозе кушода шуд, ки охираш дида намешуд.

Ман чашмонамро ба дард оварда, ба пеш нигоҳ мекардам, аммо касеро намедидам. Дар шахта гӯё ҷонзоте набуд. Танҳо аз як ҷои дуре ғарроси бероми чизе аранг-аранг ба гӯш мерасид.

Вася-амак боз андаки дигар пеш рафту баъд ногоҳ бозистода аробачаро ба як шохчаи роҳи оҳан, ки ба мисли ангушти шашуми модарзодӣ аз роҳи асосӣ ҷудо шуда меистод, гузаронд ва аз кисаи сари корҷомааш калиди дарозеро гирифта, ба девори сангини шахта наздик шуд.

Ман ба девор назар андохта, даричаи хеле баланди камбареро дидам, ки ба рӯяш тахта-тахта оҳан зада шуда буд. Ба рӯи дарича гарду чанги маъдан нишаста, онро ба девори сангини шахта ҳамранг карда буд.

Вася-амак даричаро кушода, ба дарун даст кард. Чароғ даргирифт.

Ман, ки худро ба яке аз хазинаҳои зеризаминии «Ҳазору як шаб» афтода мондагӣ барин ҳис мекардам, бо чашмони аз ҳайрат бузургшудаи худ ба дарун нигоҳ карда, як хонаи сангини хеле васеъро дидам, ки тақрибан тамоми сатҳи он бо қуттиҳои болоиҳам чидашуда банд буда, танҳо дар як кунҷи он, дар наздикии дарча столу стул гузошта шуда буд.

Вася-амак аз таҳи стол як яшики холиро гирифту оварда бар болои аробача гузошт. Баъд гашта ба хонача даромаду сарпӯши яшикеро кушода, аз даруни яшик як

қуттичаи чоркунҷаи дарози коғазинро берун овард. Ӯ қуттичаи коғазинро бо чунон эҳтиёт дар даст нигоҳ медошт, ки гумон мекардед, зарфи булӯрини ниҳоят нозук ва бебаҳоеро бардошта меояд. Вася-амак бо ҳамон эҳтиёт, нӯг-нӯги по қадам монда, ба назди аробача омад ва қуттичаро беозор ба як кунҷи яшик гузошт.

Ман ба даруни қуттича нигоҳ карда, чор дона чизи сафеди дарозакро дидам, ки бо шакли худ пилтаи коғазини мушакро ба хотир меовард.

– Ашно, – гуфт Вася-амак, – ин ҷо биё. Ту болои стул баромада, як яшики ин қуттичаҳоро гирифта медиҳӣ, ман бурда ба аробача мемонам. Лекин эҳтиёт шав, ки наафтӣ. Капсул надорад-ку, лекин ба ҳар ҳол, гуфта намешавад...

Яшики аробача пур шуда буд, ки Вася-амак дари ҳоначаро қуфл карду гуфт:

– Донистӣ, ин чӣ будааст?

– Не, – гуфтам ман, – нафаҳмидам.

– Ҳе, ашно! – ба китфи ман тап-тап зада гуфт Вася-амак. – Кӯҳро талқон мекардагӣ ана ҳамин чиз-дия!

Баъд бо ханда илова кард:

– Агар ҳозир, Худо накарда, ба ин яшик ягон чарахса оташ афтад, ҳардуямон ҳам рост ба ҷаннат меравем. Наметарсӣ, ашно? – ва бо табассум, чашмонашро нимроғ карда, ба ман нигоҳ карда истод.

– «Аз чумчуқ тарсӣ – арзан накор» гуфтаанд; метарсидам – ҳамроҳатон намеомадам, – гуфтам ман далерона.

Ҳарду хандида фиристодем.

– Канӣ, рафтем, – гӯён Вася-амак аробачаро оҳиста ба ақиб тела тода, боз ба роҳи асосӣ даровард.

Аробача аз рӯи релсҳои силиқи ҷилодор ҳамвор шино карда мерафт.

Ман аз паси Вася-амак қадам монда, бо мароқ ба чор тарафи шахта назар мекардам.

Ғори шахта то рафт васеъ шуда, шифташ баландтар ва баландтар мешуд. Ҳавои шахта ҳам дараҷа ба дараҷа салқинтар мегардид.

Ногоҳ ман ҳис кардам, ки патинкаам тар шудааст ва

ба замин нигоҳ карда, дар равшании хираи чароғи шифт дидам, ки зери поямро об гирифтааст.

– Ҳамин қадар тоза мекунем, боз мебарояд ин об, – гуфт Вася-амак.

Садои ғарросие, ки пеш базӯр шунида мешуд, акнун то рафт пурзӯр мегардид.

Аз пеш боз як хамгашт баромад.

Аз хамгашт гузашта будем, ки ногоҳ дар пеши назар як дастгоҳи чоркунҷаи хонамонанде намоён шуд.

Дастгоҳ аз ғӯлачӯбҳои ғафс-ғафси мазбут сохта шуда буд. Дар болои дастгоҳ ғарғараи электрикӣ шинонда буданд. Ғарғара аз таг, аз кадом як ҷои чуқуре сатили калонеро, ки аз санг пур шуда мебаромад, боло мекашид. Коргаре, ки дар назди дастгоҳ, як пояшро дар зарчӯби он монда меистод, сатилро хам карда, ба вагонеткаҳо холӣ мекард. Сатили холӣ боз поён мерафту дар баробари поён рафтани он сатили пури дигаре боло мебаромад.

Дар назди дастгоҳ боз як коргари дигар меистод, ки вагонеткаҳои пуршударо пеш-пеш аз назди дастгоҳ дуртар ронда, ба ҷои онҳо вагонеткаҳои холиро кашида меовард.

Шамоли сарди ҳамешагии шахта аз чаҳи зери ғарғара мевазидааст.

Вася-амак аробачаро ба наздикии дастгоҳ бурда, қоматашро рост карду ба коргарон салом дод.

Коргаре, ки бо вагонеткаҳо сару кор дошт, бо сараш ба тарафи ман ишора карда аз Вася-амак пурсид:

– Ин каллакалон бачаи кӣ? Хеш-пешат намешавад?

– Не, – гуфт ба аломати рад низ сар ҷунбонда. Вася-амак. – Ҷияни чойхоначӣ, мева фурӯхта мешинад-ку.

– Ҳо-о... – гуфт коргар, – шинохтам, шинохтам, – ва ба ман рӯ овард.

– Даруни шахтаро мебинӣ? – таклиф кард ӯ бо табассум, аммо ман дар табассуми ӯ як чизи таҳдидомезеро дидам, ки хандаашро ба заҳрханд монанд мекард.

– Мебинӣ? – такрор кард ӯ ва ба ҷавоби ман мунтазир нашуда, ногоҳ аз гиребони паси гарданам ва аз як поям гирифта маро озод бардошту бар болои чоҳ хам кард.

– Партоям? Партоям? – гӯён боз баланд қаҳқос зад

коргар.

Аз тарс чашмонамро маҳкам пӯшида гирифтам. Дилам қариб буд, ки аз бандаш канда шавад. «Наход партояд? Наход партояд?» мегуфтам худ ба худ.

– Партоям? Партоям? – гӯён боз баландтар ханда мекард коргар.

Намедонам, ин азоб чӣ қадар давом кард. Ман гӯё аз ҳуш рафта будам.

Чашм кушода дидам, ки дар рӯи замин истодааму Вася-амак он коргарро сарзаниш мекунад.

– Ин чӣ номаъқулӣ? – мегуфт ӯ, – қизиқӣ ҳамин тавр мешудааст магар?

Аммо коргар ба гапҳои Вася-амак эътиборе надода, бо ҳамон табассуме, ки аз ханда дида, ба заҳрханд наздиктар буд, ба ман рӯ овард:

– Хуб тамошо кардӣ? Чӣ хел будааст?

Мани бечора, ки мунтазири чунин муомила набудам, дар лаҳзаи аввал гаранг шуда, гӯшам ҷарангос мезад. Ман ҳайрон-ҳайрон гоҳ ба Вася-амак нигоҳ мекардам, гоҳ ба он коргари мулоимхунук.

Аммо баъд аз дақиқае ба худ омадам, ҳатто ба коргар чизе гуфтанӣ шуда даҳон кушодам, вале овозам набаромад. Ба ҷои ин як табассуми зӯракӣ ва оҷизонае карда, қафо гаштаму ба сӯи дарвозаи шахта равон шудам. Сарам хам ва қадамҳоям суст буд.

Он рӯз тамоми рӯз хаёлам ба ҳамин воқеа банд буд.

Худро тасаллӣ дода мегуфтам: «Хайр, одами қилиқхунук будааст-дия! Ба тавре шӯхӣ карданӣ, маро тарсонданӣ шуд». Аммо дилам гувоҳӣ медод, ки ин шӯхӣ набуд, чизи дигар буд.

Ман нағз мефаҳмидам, ки агар ба ҷои ман, яъне ба ҷои «ҷияни чойхоначӣ, ки мевафурӯшӣ мекунад», ягон бачаи дигар, бачаи ягон ҳамкасби худаш мешуд, он коргар ин тавр шӯхии хунук намекард.

Ин гуна воқеаҳо бисёр рӯй намедоданд, аммо, ба ҳар ҳол аҳён-аҳён рӯй дода меистоданд.

Ҳар дафъа, баъд аз чунин ҳодисаи нохуш, ман ду-се рӯз хаёлӣ ва димоғсӯхта, ё худ, чунон ки дар тарафҳои мо мегӯянд, «пашмалоғдум» шуда мегаштам.

## МУКОФОТИ ҚАДРШИНОСӢ

Баъди гашта омадани Қосимҷон тағоиям ба ӯ тамом дигар хел муомила мекардагӣ шуд. Ба Қосимҷон гапи сахт намезад, озор намедод, ба ӯ «уко», «укоҷон» гуфта муроҷиат мекард. Ҳатто, Қосимҷон гап назада бошад ҳам, ба гӯри Ҳотам лагат зада, як курта-эзори нав карда дод.

Ман шодӣ мекардам, ки тағоиям акнун ба қадри шогирдаш мерасидагӣ шудааст, ба ӯ ғамхорӣ мекунад.

«Аз як ҷиҳат қаҳр карда рафтани Қосимҷон ҳам дуруст будааст, – мегуфтам ман дар дилам. – Қадрашро шиносонд!...»

Қосимҷон ҳам розӣ менамуд. Дар лабаш бештар ханда медамид.

Аммо шодиҳои ман бармаҳал будааст.

...Абдулатиф-тағо кайҳо аз касалӣ хеста, кори чойхонаро боз ба дасташ гирифта буд.

Як рӯз ба шаҳр рафта, чун одат, шаб дар хона мондам. Пагоҳии рӯзи дигар мева гирифта, пеш аз ношто ба Зарчашма гашта омадам.

Борамро дар назди дари хонача монда ба чойхона рафтам. Дидам, ки дар назди самовор тағоиям нишастаасту Қосимҷон бошад, наменамояд.

Ман аз дасти тағоиям калиди хоначаро гирифта истода пурсидам:

– Қосимҷон канӣ?

– Қосим? Қосим рафт, – гуфт дар ҷавоб тағоиям ва каме фикр карда эзоҳ дод:

– Қишлоқашро ёд кардааст, ҷавоб гирифта рафт.

Чун дид, ки ман аз ӯ чашм наканда дар ҷоям рост истодаам ва гӯё ба суханаш бовар намекунам, қатъитар карда гуфт:

– Рав, ҷиянам, бевақт нашуда молатро пул кун, баъд гапзанон мекунем.

Тамоми он рӯз ҳушам ба Қосимҷон буд.

Мева баркашида медодам ё пул мегирифтам, ба чойхӯрон чой бурда медодам ё самоворро об пур мекар-

даму аммо худ намедонистам, ки чӣ кор карда истодаам: дар пеши назарам чеҳраи маъсуму маъюсонаи Қосимҷон, чашмони ғамгини ӯ меистод.

Ман ҳис мекардам, ки тағоиям ба ман рости гапро нагуфт, пай мебурдам, ки дар таги коса нимкосае ҳаст, «Қосимҷон ба ихтиёри худаш нарафтааст» – мегуфтам ман, аммо боз худро тасаллӣ дода мегуфтам, ки шояд гапи тағоиям рост бошад, шояд Қосимҷон аз ростӣ қишлоқашро ёд карда бошад? – Аммо дар қишлоқашон ягон каси наздик надоштани Қосимҷонро ба хотир меовардаму боз ба шубҳа меафтодам, боз дилам ба ҳазор кӯча даромада мебаромад.

То охири рӯз ягон фурсат нашуд, ки воқеаро аз тағоиям дурусттар пурсида гирам. Акнун, ки Қосимҷон набуд, на тағоиям ба сархорӣ вақт дошт, на ман.

Аммо бегоҳӣ, баъд аз кори чойхона, тағоиям боз ҳамон гапҳои пагоҳинаашро такрор кард, ки Қосимҷон худаш рафтанӣ шудаасту вагарна тағоиям ба ӯ ягон гапи пасту баланд назадааст.

– Ба ман ҳеҷ чӣ нагуфтааст? – пурсидам ман бо умед.

– Не, ҷиянам,: – гӯён ҷавоб дод тағоиям ва оҳе кашида ва бо ҳасрат даст ба зонуяш зада гуфт:

– Оҳ, ҷиянам!... – Ҳазор ҷоната фидо кунӣ, ки боз ҷигар-ҷигару дигар-дигар будааст! Ҳамин қадар гуфтам, ки ҳо, бача, нарав, дар қишлоқат чӣ номаъқулӣ мекунӣ? Не, «юҳ, меравам» гуфту истод. Ман ҳам, масалан гӯем, зорӣ дорам, ки зӯрӣ не, ҷиянам. Дидам, ки нашуд, монам, ки равад. «Хайр, – гуфтам, – рав, аз ин ҷои беҳтарро, ки ёфта бошӣ, рав!»

Гапҳои тағоиям ба назарам рост намуданд. Дар ҳақиқат агар Қосимҷон ду пояшро ба як мӯза қава карда «меравам» гуфта бошад, тағоиям ҳам чӣ кор карда метавонист?

Аммо Абдулатиф-тағо косаашро лесида шуда боз гуфт, ки:

– Лекин, рости гап, ҷиянам, рафтанаш ҳам бад нашуд. Вақтҳои охир дилу бедилон, нӯг-нӯги даст кор мекард, аз кори чойхона дилаш хунук шуда буд...

Ин гапҳоро шунида боз ба шубҳа афтодам.

– Тағо, – гуфтам ман оҳиста ва аз шаккокии худ хиҷолат кашида, – тағо, мабодо-ку, Қосимҷона худатон ҷавоб надодед? Он рӯз ба вай «баро, рав» гуфта будед, охир...

Вале Абдулатиф-тағо сухани маро бурида бо озурдагӣ гуфт:

– Як гап задам ба мастӣ, ба қабчуқат бубастӣ! Он рӯз як шуда монд-дия, ҷиянам. Наход ба гапи ман бовар накунӣ?

– Пурсидам-дия, тағо... – нафаси дарозе кашида гуфтам ман дар ҷавоб.

Бо ҳамин дигар на ман аз ваҷҳи Қосимҷон гап кушодам, на тағоиям.

Гумон кардан мумкин буд, ки ин ҷо Қосим ном касе набуд, танҳо як хобу хаёле буд, ки омаду рафт.

Аммо ҷои холии сандуқи кирмхӯрдаи безанҷири ӯ, ки чангу ғубори тагаш ҳанӯз нарӯфтагӣ меистод, бо забони ҳол мегуфт, ки не, Қосимҷон, ном як бачаи бехонумон ва ғарибу дилшикастае чандин ҳафтаву моҳро дар ҳамин ҷо, дар ҳамин даргоҳ гузаронд, бо умед хизмат кард, аммо мукофоте надида боз ёди ватани номеҳрубонашро карду баромада рафт...

Ман аз рӯи одоб боз андак дигар нишастаму баъд аз ҷоям хестам, ки рафта хоб кунам.

Мисли ҳарвақта бо як даст гурми калони танаи харсеб ва бо дасти дигар нӯги берунбаромадаи болори хоначаро дошта, ба миёнаи душохаи дарахт баромадам ва аз он ҷо худро бар болои бом гирифтам.

Кӯрпа-бистари ману Қосимҷон ҳамеша дар ҳамин ҷо, дар сояи шохи барги харсеб лӯла кардагӣ меистод. Аммо акнун ин ҷо танҳо як кӯрпаи ман боқӣ мондааст...

Оҳиста кӯрпаро кушодам.

Болиштро дуруст мемонам гуфта будам, ки дар таги он латтапораи сафед барин як чиз ба назарам тофт. Гирифта бинам, чизе навишта шудагӣ. Давида лаби бом рафтаму дар рӯшноии чароғи шифти чойхона, ки ба "лаби бом наздик буд, коғазро аз назар гузаронидам.

Коғаз аз лӯндаи нимқадоқаи чой канда гирифта шуда, дар рӯи он бо ҳарфҳои калон-калони каҷу килеб чунин навишта шуда буд:

«Муллоҳасан.

Тағот мана пеш кард. Рав гуфт.

Ман меравам. Ба қишлоқамон.

Хонаи Шокир-ако нарафтам. Рӯм нашуд. Худат медонӣ-ку.

Хайр, уко. Мебахшӣ».

Ман бо дастони ларзон пушти коғазро гардонида дидам, ки он ҷо ҳам ду-се калимаи дигар навишта шудааст:

«Муллоҳасан.

Ягона дӯсти ман ту будӣ.

Ман туро ҳеҷ вақт аз ёдам намебарорам. Ту ҳам гоҳ-гоҳ ёд карда ист мани бекаса.

Хайр, укоҷон».

Муддате коғаз ба даст дар ҷоям шах шуда истодам.

Мисоли барқе, ки як лаҳза тофта, сар то сари осмони тираро чун рӯз равшан мекунад, ин коғаз тамоми воқеаро ба назари ман аз аввал то охир аён кард.

Вақте ки Қосимҷон хабари нотобии тағоиямро шунида бозгашта ба чойхона омад, тағоиям ӯро аз пешаш наронд, балки баръакс, ба ӯ забони хуш нишон дод, меҳрубон шуд, чунки мехост, ки Қосимҷонро аз ягона одами ғамхораш, яъне аз Шокиртароша ҷудо кунад. Чун дид, ки дар ин кор пурра ба мақсадаш расидааст ва Қосимҷони бечора дигар дар тамоми Зарчашма ягон паноҳгоҳе, ягон парасторе надорад, бе ҳеҷ ибо ӯро баровварда пеш кард. Пухтакориро бинед, ки ӯ ҳатто масъалаи маро ҳам фикр карда, мабодо монеъ нашавад гӯён Қосимҷонро дар набудани ман бароварда фиристодааст.

«Қишлоқашро ёд кардааст, ҷавоб гирифта рафт...»

«Морбоз» гуфта буд як рӯз Шокиртароша тағоиямро. Ҳақиқатан морбоз будааст ин тағоии ман, морбоз!.... Чӣ тавр ман ӯро дӯст медоштам, ҳурматаш мекардам, аммо ӯ...

Ногоҳ ба худ омада, тирвор ба замин фаромадам ва давида рафта дари хоначаро тела додам. Дар аз дарун баста буд. Даст бардоштам, ки дарро кӯбам. Аммо дастам худ аз худ паст шуд, ман якбора сусту беҳол шуда, бо китфам ба сутуни дар такя кардам.

Чӣ лозим? Аз ин кори ман фоидае мерӯяд магар?

Хуб, гуфтем, ки ман тағоиямро аз хобаш хезонда, доду фарёд бардоштам. Аммо ин хел як одами сангдил, ин хел одами бераҳм оё ба гапи ман гӯш медиҳад? Ба гапи ман даромада Қосимҷонро гардонда мебиёрад?

Хаёли хом!

Ханда мекунаду мегӯяд, ки ман, масалан гӯем, девонагӣ накунаму ба ҳар дег кафлес нашавам ва ба ҳар нон ҷазза ва беҳтараш, ки рафта хоб кунам.

Аз ӯ гапи мебаромадагӣ ҳамин.

Айёр, фиребгар, морбоз...

Морбоз...

Ба сарам ногоҳ фикре расид: ба пеши Шокиртароша равам- чӣ?

Дуруст аст, ки Қосимҷон ба гапаш надаромада, ӯро хеле хафа кард, аз худ ранҷонид, аммо охир ӯ Абдулатиф-тағо нест, одами дигар аст, бояд фаҳмад, ёрӣ диҳад!

Ман боз ҷон гирифта, аз остонаи дари хоначаи тағоиям ҷаҳида ба кӯча фаромадаму ба сӯи хобгоҳи коргарон давидам.

Шокиртароша хоб будааст, тирезааш торик буд. Аммо ӯ маро бисёр интизор накард, дарашро дарров кушода чароғ даргиронд.

Вай ба ман, ки ҳашшосзанон нафас мекашидам ва аз сару рӯям арақ мерехт, лаҳзае хоболудона назар карда истоду ҷомаашро, ки ба китфаш партофта буд, дуруст карда гуфт:

– Ҳа, чиба истодӣ? Модом, ки омадӣ – даро! – ва дарро аз паси ман пӯшида хамёзае кашиду паси столро нишон дод:

– Ку, бишин!

Баъд худ дар муқобили ман, дар он тарафи стол нишаста ва ба ҷомааш сахттар печида бо оҳанги истеҳзоомез гуфт;

– Хӯш, ҷияни Латиф! Кадом шамол парронд? Ба тарафҳои мо омада мондӣ?

Ман чизе нагуфта хати Қосимҷонро, ки ҳанӯз дар дастам буд, ба ӯ дароз кардам.

Шокиртароша хатро гирифта лаҳзае бо тааҷҷуб ба сӯи ман нигоҳ карда истоду баъд аз ҷояш нахеста ба болои

сараш – ба токчаи сари стол даст дароз карда, аз он ҷо айнакашро гирифт.

– Ҳм! – гуфта монд ӯ хатро хонда шуда ва аз ҳамон токча як носдони нуқракӯбро гирифта нос кашиду ришчаашро дошта хеле вақт хаёл карда монд.

Баъд, гӯё ба як қароре омада, хатро ба пеши ман партофту гуфт:

– Хӯш, чиба пеши ман омадӣ, ҷияни Латиф? Аз ман чӣ мехоҳӣ?

– Овардан даркор Қосимҷона, – гуфтам ман оби даҳонамро фурӯ бурда.

Шокиртароша шартӣ рӯяшро ба тарафи ман гардонда бо қиёфаи тамасхуромез ва овози баланд тез-тез гап зада гуфт:

– Чия?! Овардан даркор? Қосима? Ҳа, устокорҳо! Чӣ, кори чойхона бе Қосим раҳ нарафта монд? Даркор бошад, рав, худат гирифта биёр, ана вай хушмӯйлаби туро фиристодагӣ гирифта биёрад!

Ман оҳиста гуфтам:

– Мана Абдулатиф-тағо нафиристодааст. Ман худам омадам.

Аммо Шокиртароша ҳамчунон бо оташинӣ ба гапаш давом медод:

– Худат омадӣ ё вай рӯбоҳ туро фиристодааст – чӣ фарқ дорад? Алихӯҷаю Хӯҷаалӣ! – баъд якбора ором шуда, секин-секин, гӯё ба худаш гап зада гуфт:

– Вай ландаҳури ношуд, вай фариштаи аз зоида шуданаш пушаймон, вай хари аҳмақ кирои оворагӣ ҳам намекунад. Даъвогари суст қозиро муттаҳам кардааст. Аҷаб мекунад тағот, хуб мекунад. Қандаша занад!

Шокиртароша боз нос кашиду ба тиреза нигоҳ карда монд.

Ман, ки ба умеди оташ омада аз оташгиракам ҳам ҷудо шуда будам, тамом моту мабҳут, тамом гаранг шуда менишастам.

Охирин умед ҳам аз даст рафт. Акнун чӣ кор кунам? Ё худам Қосимҷонро кофта равам? Аммо ба куҷо? Роҳи қишлоқи ӯро надида бошам...

Ин буд Шокиртароша маро як қад парронда дод зад:

– Ҳой, ландаҳури дуввум! Ҳамин хел шиштан мегирӣ? Мемонӣ ё намемонӣ одамҳо хоб кунанд? Ба хаёлат ҳама ту барин бекор ҳастанд? Хез, аробаатро каш!

Ман ҷаста аз ҷоям хестаму тирвор худро берун задам.

Берун баромада дақиқае ҳайрон истодам, баъд соямро базӯр кашида ба сӯи чойхона равон шудам.

Оҳиста рафта болои боми чойхона баромадаму рӯ ба осмон дар ҷогаҳ дароз кашидам.

Қосимҷони берӯзӣ... ҳозир дар кучо бошад вай?

Боз ба дари ягон одамӣ бегона рафта даромада бошад? Ё ҳанӯз ҳам ба қишлоқашон нарасидаасту дар ин шаби тираву тор дар кадомин як пайраҳаи кӯҳистон қадам мезанад?

«Ношуд, ландаҳур» гуфт нав ӯро Шокиртароша.

Чаро баромада рафтан гирифтӣ? Наход дар Зарчашма ғайр аз чойхона ҷои дигаре ва ғайр аз тағоии қадрношиноси ман одами дигаре ёфт нашуд? Ақаллан то омадани ман сабр мекардӣ, ду кас шуда ягон илоҷе меёфтем, охир...

«Одам, ки бадбахт шуд, ба ӯ дигар рӯзи беҳбудӣ набудааст» мегуфт Қосимҷон.

Наход гапи ӯ рост бошаду дар дунё раҳму шафқат, ҳақиқат гуфтанӣ чизҳо набошад?

Нафасам танг шуда, гулӯямро чизе фишор медод.

Шаҳрро гӯё об бурдааст, чор атроф – хомӯшӣ, пашшае пар намезанад. Танҳо шаввоси дарёча ба гӯш мерасад. Он ҷо оби беқарор сар ба сангҳои хоро зада, нолаву афғон мекунад...

* * *

Баъд аз он ки Қосимҷон ба қишлоқашон баромада рафт, Зарчашма дар назари ман ҳусну ҷозибаи пештараашро гум карда буд. Дар Зарчашма ман дигар ягон ҳамдаме надоштам, ки ба ӯ дарди дил кунам, дигар касе набуд, ки ба ман шеъру афсона гӯяд, саргузашташро нақл кунад.

Чойхона ҳам ба назарам сел рӯфтагӣ барин, ноободу холӣ менамуд.

Бо тағоиям ҳам муносибатам сард шуда буд.

Ноодамие, ки ӯ дар ҳаққи Қосимҷон раво дида буд, ҳеҷ аз хотирам намерафт. Ман худ ба худ мегуфтам, ки агар лозим ояд, вай маро, ҷияни худашро ҳам, бе ҳеҷ як истиҳолаву рӯихотир аз хонааш зада пеш мекунад.

Хафаву бедимоғ мегаштам, дамдузд шуда будам. Кӯшиш мекардам, ки ба чашми тағоиям камтар намоям, гап пурсад – ҷавоб медодам, – вагарна-не. Хулласи калом, аз ӯ тамом дилмонда шуда будам. Ҳатто, бар рӯяш «тағо» гуфта гап занам ҳам, дар ғайбаш ба «тағо» гуфтан ҳеҷ забонам намерафт ва ман дигар ӯро дар дилам танҳо «Абдулатиф» гуфта ном мегирифтам.

Абдулатиф ҳам гӯё инро ҳис мекард, аммо сир намедод.

...Пештарҳо ман ҳанӯз ба дари ҳавлиамон нарасида, ҳаракати гашта ба Зарчашма рафтанро мекардам, аммо акнун кӯшиш мекардам, ки ягон баҳонае ёбаму як-ду рӯзи дигар дар шаҳр монам…

## ҲАСАД

Қосимҷон боре аз як китоби арабӣ шеър хонда гуфта буд, ки «касеро бахт баргардад, шикаст андар шикаст афтад».

...Як бегоҳӣ аз мошин фаромада, ба кӯчаи худамон рост шуда будам, ки аз пеш Карим, ҳамон ҳамсоя ва ҷӯраи худам Карими Калпеса баромада омад.

– Ҳа, савдогар, – гуфт ӯ маро дидан замон.

Аз рӯзе, ки ман ба Зарчашма рафтуомад мекардагӣ шудам, вай ба ман ҳамин тавр «савдогар» гуфта хитоб мекард. Ман ҳам, ки на аз рӯи кина гуфта шудани ин суханҳоро мефаҳмидам, хафа нашуда, дар ҳол мегуфтам:

« – Ҳа, бекорхӯҷа!»

Аммо ин дафъа ҷавоби ман дар даҳонам монд.

Дар тани Карим ба монанди корҷомаи коргарон як камзӯлчаи кабуди сатин буда, тарафи пеш ва гирди остинҳои он аз ранг сиёҳ шуда буд. Дастони Каримро низ ранг сип– сиёҳ карда буд. Дар як тарафи рӯяш ҳам як доғи сиёҳи дарозе нақш ёфта буд. Карим гӯё дигархелтар

шуда, ба назарам аз будаш калонсолтар, сипоҳтар менамуд. Вай ба ман гӯё ҳавобаландона нигоҳ мекард.

Туфамро фурӯ бурда:

– Ӯҳӯ, хар ҳамон, тӯқум дигар-ку! – гуфтам ман ба ҷои ҷавоби одатӣ.

– Худат хар! – гуфта ҷавоб дод Карим, вале зуд аз савлаташ фаромада, ҳикоя карда дод, ки қариб як ҳафта инҷониб дар газетахона кор мекардааст. Ҳоло ҳозир шогирд будааст, шогирди ҳуруфчин. Коргароне, ки ҳарфи газетаро мечинанд, ҳамин хел, «ҳуруфчин» номида мешудаанд. Кори ҳуруфчинҳо барин кори зарур набудааст дар газетахона.

– Бе мо газета намебарояд-дия! Он тарафаша худат фаҳмидан гир! – гуфт Карим дар ин ҷои гапаш.

Баъди ду-се ҳафта, зиёдаш баъд аз як моҳ Карим ҳам ҳуруфчин мешудааст. Умуман, мӯҳлати шогирдӣ ду-се моҳ будаасту аммо устои Карим гуфтааст, ки зеҳни Карим тез будаасту вай, усто, амин будааст, ки як моҳ нагузашта Карим ба ҳуруфчинӣ мегузарад.

– Ҷудо одами нағз баромад устои ман! – гуфта монд Карим.

Карим инчунин гуфт, ки корхонаашон ошхона ҳам доштаасту таомҳояш арзон-арзон будааст. Заборнияш ҳам акнун 600 грамм будааст. Ғайр аз ин ҳар моҳ ба коргарон барои сарулибос ва авқотворӣ талон ҳам медодааст.

Дар ин ҷои ҳикояташ Карим тарошаи аз бом афтодагӣ барин карда, нохост гуфт, ки ба ӯ аз корхонаашон ҳар литраш яксӯмӣ карасин додаанд ва ҳол он ки ман, ба Каримино ҳамсоя ва ба худи Карим ҷӯра ҳисоб шавам ҳам, дирӯз як литр карасинро ба онҳо бистсӯмӣ пул кардаам.

Агар вақти дигар мешуд, ман ба ин пичинги Карим дамхӯр шуда намемондам, албатта мегуфтам, шукр кунад, ки ман карасинро ба онҳо бо нархи бозор, яъне 28 – 30 сӯм нафурӯхтаам. Аммо ҳоло гӯшамро ба карӣ андохтаму гапро ба дигар тараф гардонида гуфтам.

– Исто, ки Карим, расми газетаро чӣ хел карда мегирифтаанд?

Дар ҳақиқат ин савол чандин маротиба маро гаранг

карда буд. Ҳар гоҳ ки дар газета расмеро дидам, ҳайрон мешудам, ки онро чӣ хел мекашида бошанд. Охир ба чунин қарор омада будам, ки дар газетахона як мошини махсусе мешаваду шахсеро, ки расмаш ба газета бояд барояд, дар рӯ ба рӯи ҳамон мошин оварда мешинонанд ва он мошин барои ҳар як нусхаи газета як бор сурати он шахсро мегирад. Лекин боз дар дилам шубҳа пайдо мешуд, ки хуб, гуфтем, ки сурати хонаву иморатҳо, сурати дарёву кӯҳҳоро чӣ тавр мекашанд? Кӯҳ, ё дарёро ба пеши мошини газетахона оварда намешавад-ку, охир! Хулоса, ин чиз барои ман як муаммои сарбаста буд.

Вале Карим ба саволи ман ҳеҷ фикр накарда гуфт:

– Клише мекунанд-дия!

– Чӣ мекунанд? – гуфта пурсидам ман ки аз гапи ӯ чизе нафаҳмида будам.

– Клише, ҳафтафаҳм! – гуфт Карим мисли муаллимҳо гап зада, аммо ногоҳ даст афшонду илова кард:

– Зӯр назан, то ба чашмат набинӣ – намефаҳмӣ, – ва таклиф кард, ки: – Агар хоҳӣ, пагоҳ охирҳои кор биё, ҳамаашро нишон медиҳам.

Ман хурсанд шуда гуфтам, ки албата меравам, вале ба ҳар ҳол аз рӯи эҳтиёт пурсидам, ки маро ба он ҷо роҳ медода бошанд?

– Ман, ки гуфтам – тамом, мондан мегиранд! – гуфт дар ҷавоб Карим, аммо бояд аз ҳад боло рафтанашро ҳис карда бошад, ки худашро дошта натавониста баланд хандида фиристод.

– Расо калонгап шудай-мӣ? – гуфтам ман ҳам хандида.

– Гард, оббозӣ мекунем, – гуфт Карим ба ҷои ҷавоб, – ман ҳоло сару рӯямро шустагим не.

Ман ҳам лингаву сабадамро бурда ба хона партофтаму ба лаби дарё фаромадам ва мову Карим то фурӯ рафтани офтоб оббозиву обпошӣ кардем.

Карим аз дидани ман шод бошад, хурсандии ман дучандон буд: ҳам шодӣ мекардам, ки Каримро дидаму мисли пештара бо ӯ шӯхиву бозӣ мекунам, ҳам хурсанд будам, ки бо баҳонаи тамошои газетахона боз як рӯзи дигар дар шаҳр мемонам.

Аммо афсӯс, ки шодиву хурсандии ман аз биниам ба-

ромад.

Рӯзи дигар наздики корбаро ба газетахона рафтам, ки Карим ба таги дарвоза баромада истодааст.

– Як ҳафта баъд меомадӣ ҳам мешуд! – гуфт ӯ ки аз афташ хеле интизор шуда будааст.

Мо аз қаровулхона гузашта, ба рӯи ҳавлии газетахона баромадем.

Рӯи ҳавлии корхонаро, ки сар то сар хиштфарш буда, тоза рӯфта шуда буд, биноҳои сурхи хиштини газетахона монанди ҳарфи «П» аз се тараф иҳота карда буданд. Аз нисф зиёдтари рӯи ҳавлиро ток соя мекард.

– Ангур пухтааст-ку!- гуфтам ман бар болои сарам назар афканда.

– Лекин ангури мо намефурӯхтагӣ-дия, тақсир! – гӯён ҳазл кард Карим.

Мо рост ба пешгаҳи ҳавлӣ рафта, аз дари калони кушодагӣ дохили бино гардидем.

- Ман аз остона гузашта, дар ҷоям истода мондам.

Дар сар то сари хонаи дарози сертиреза қуттиҳои чӯбини партамонанд, вале аз парта баландтар ба тартиб қатор гузошта шуда буданд. Дар рӯи ҳар як қуттӣ боз як қуттии борикак, вале паҳн ва монанди орухона серхонача меистоду ҳар як хонача аз оҳанпораи майдамайдаи сиёҳу равғанин пур буд. Дар сари бисёрии қуттиҳо коргарон хам шуда, бо он оҳанпораҳо ким-чӣ коре мекарданд. Аз ҳар тараф, аз сари ҳар як куттӣ чириқ-чириқ садои маҳине ба гӯш мерасид, ки хониши гунҷишконро ба хотир меовард.

Ба машом як бӯи аҷоибе мерасид, ки ҳам бар бӯи карасин монанд буд, ҳам бар бӯи оҳан ва ҳам бар бӯи мум.

– Ана ҳамин ҷо сехи мо, сехи ҳуруфчинӣ! – бо ғурур хитоб кард Карим ва аз остини ман кашид, ки «рафтем!»

Вай маро ба як кунҷи сехашон гирифта бурд.

– Ана ин кассаи ман! – гуфт ӯ дар пеши як қуттии партамонанд истода. – Ана ин тагангӣ қуттии калонаш – реал, ана ин хоначадораш – касса! – гӯён ба ман фаҳмонд ӯ, – дар ин хоначаҳо бошад, ҳарф меистад. Мана бин! – ва ӯ як дона оҳанпораро гирифта ба дасти ман дод.

Ҳарфе, ки Карим ба дасти ман дод, ба донаи гӯгирд

монанд буда, аммо аз донаи гӯгирд кӯтоҳтар ва хеле паҳнтар буд. Дар миёнааш хурдакак ковокие дошт, гӯё ки бо нӯги кордча андак тарошида бошандаш.

– Ҳарф ҳамин аст, Карим? – гуфтам ман ҳайрон шуда. – Оҳанмайда-ку ин!

Карим, ки ду даст ба камар монда, бо табассуми олими кимёгаре ба ҳаракатҳои ман назар карда меистод, хандида гуфт, ки ба нӯги оҳанпора нигоҳ кунам.

Ман ба оҳанпора дурусттар нигариста, дар ҳақиқат дидам, ки дар сари он ба монанди ҳарфи «а» шакли барҷастае ба назар мерасад, аммо аҷоиб, ки ин ҳарф гӯё чаппа рехта шуда буд.

– «А», – гуфтам ман ба оҳанпора синча карда, – ҳарфи «а». Лекин чаппа барин-мӣ, Карим?

– Ҳо, чаппа, – гӯён тасдиқ кард Карим ва эзоҳ дод ки:

– Мӯҳрро надидаӣ? Ҳарф ҳам мӯҳр барин чаппа мешавад. Вақте ки нақшаш ба коғаз гузашт, роста шуда мебарояд. Мана! – гуфт ӯ ва ҳарфро аз дасти ман гирифта, ба кафаш зер кард, баъд дасташро нишон дод, ки ҳақикатан нақши ҳарф роста баромадааст.

– Номата чинам? – гӯён таклиф кард Карим ва аз паҳлӯи кассааш як асбоби оҳанинро гирифт, ки шаклаш ва ҳатто хурдию калониаш ба қаламдони мактаббачаҳо мемонду танҳо бо ҳаминаш аз қаламдон фарқ мекард, ки сарпӯшаш набуду фақат ду тарафаш девора дошт. Ғайр аз ин дар миёнааш ҳам як парча оҳан дошт, ки Карим онро ғеҷонда болотар баровард.

– Номи ин – верстатка, ҳарфро ба ҳамин мечинанд, – гӯён шарҳ дод Карим ва ба яке аз хоначаҳои касса даст бурда ҳарферо гирифту «чириққӣ» кунонда, ба верстатка гузошт. Вай боз се-чор маротибаи дигар дасташро ба хоначаҳои касса бурда оварду шуд! гӯён коғазпораеро гирифта бар болои ҳарфҳои чидагиаш пахш намуд ва коғазро ба ман дароз кард.

Дар рӯи коғаз бо ҳарфҳое, ки айнан монанди ҳарфҳои китоб буд, номи ман, яъне калимаи «Ҳасан» нақш ёфта буд!

Маро чунон як хурсандие рӯй дод, ки даҳонамро ба як ҷо ғун карда наметавонистам.

– Ҳа-сан – ҳиҷҷа карда хондам ман. – Ҳа-сан! Э, ту бутун усто шудаӣ, Карим!

Карим қаноатмандона ханда карда, боз якчанд калимаро чида нишон дод: «Ҳасан ва Карим», «Дадои Ҳасан дар ҷанг», «Ҳасан, корхонаи мо читу» ва ҳатто: «Ҳасан Мукаррамро нағз мебинад».

Баъд Карим ба ман оҳанмайдаҳои дигарро ҳам нишон дод, ки аз оҳанпораҳои аввала дида кӯтоҳтар буданду дар нӯгашон нақши ҳарф надоштанд.

– Ману ту вақти навиштан баъди ҳар калима ҷои холӣ монда меравем, лекин дар газета байни калимаҳо ана ҳамин чизро мемонанд, – гуфт Карим.

Карим маро ба кунҷи дигари сехашон бурда, як қатор кассаҳоро нишон дод, ки дар хоначаҳошон танҳо понздаҳ-бистоӣ ҳарф буду бас, аммо ҳама ҳарфҳои калон-калон.

Сарлавҳаро ана аз ҳамин ҳарфҳо мечинанд, – гуфт Карим.

Ин ҳарфҳои калон ҳам ҳар хел мешудаанд, як хелашон ғафс-ғафс, хели дигар – маҳин, баъзеҳошон монанди хати бо қалам навишта шудагӣ каҷ, баъзеи дигар – дароз-дарози рост.

Баъд аз он Карим як кассаро рафта нишон дод, ки ҳарфҳои он аз ҳарфи кассаи Карим дида, бориктару маҳинтар буданд.

– Ин хел ҳарфро «петит» мегӯянд,- – гӯён шарҳ дод Карим. – Агар дида бошӣ, дар саҳифаи чоруми газета аз ҳама поёнашба «Адреси идора» гуфта менависанд-ку? Ана ҳамон хатро аз ҳамин ҳарфи петит мечинанд.

Ман қоил шуда гуфтам:

– Расо майда будааст-дия; қариб, ки чашмам нагузарад!

Карим дар ҷавоб хандида гуфт:

– Э, ин чӣ? Ту ана инаша-бин! – ва аз кассае, ки дар паҳлӯи кассаи ҳарфҳои «петит» меистод, як ҳарфро гирифта ба ман дароз кард.

Ҳақиқатан ин ҳарфи нав аз майда ҳам майдатар буд. Дар борикӣ мисли сӯзан ва дар тунукӣ мисоли пардаи пиёз буд он ҳарф.

– Ӯҳӯ, ба ин ҳарф микроскоп даркор шуда монд-ку! – гуфтам ман. – Чинданаш хуб азоб будагист-куя, Карим!

Аммо Карим боз хандида гуфт, ки не, чидани он ҳеҷ азоб нест, чунки ҳар як ҳарф хоначаи алоҳида дорад (масалан, гуфт Карим, барои ҳарфи «а» як хоначаву барои «б» хоначаи дигар) ва ҳуруфчинҳо ҳар як ҳарфро аз хоначаи худаш, ба нӯги он нигоҳ накарда гирифтан мегиранд.

Ҳарфро аз дасти ман гашта гирифта Карим гуфт: – «Нонпарел» мегӯянд номи ин ҳарфро, ҷӯраҷон «нонпарел»!

Ман номи тоҷикии онро ёфта аз номи аҷоиби ҳарф завқ карда гуфтам:

– Нонпар гӯ, Карим, нонпар! Худи сими нонпар барин будааст худаш ҳам.

Карим маро бо устояш ҳам шинос кард. Аз чӣ бошад, ки ман устои Каримро мард хаёл мекардам, аммо вай як зани миёнақади хеле калонсол ва чашмкабуд будааст, ки мӯйҳои маллатобашро ба зери рӯймол гирифта, як пойҷомаи дарозро, ки камарбанд низ дошту агар сафед мешуд, аз яктаки духтурҳо фарқ намекард, пӯшида гирифта буд.

Баъд мо аз бино набаромада, ба сехи дигар гузаштем, ки сехи чоп будааст.

Дар он ҷо чорта мошини чоп меистод, ки ҳама аз мошини боркашон ҳам калонтар буда, бо гур-гури худ гӯшро кар мекард. Аз паҳлӯи ҳар як мошин, аз замин қариб як метр болотар зиначаҳои оҳанин дуруст карда шуда буд, ки дар болои онҳо якнафарӣ коргар меистод. Коргарон аз рафи васеъ ва андаке хамидаи болои мошинҳо яктахтагӣ коғаз гирифта, ба чархи ғафси мобайни мошин фароварда ҷафс мекарданд ва чарх, ки чустакҳои оҳанин дошту он чустакҳо кушодаву пӯшида мешуданд, бо ғарроси баланд тахтаи коғазро ба гирди худаш печонида, аз болои ҳарфҳои чидашуда, ки ду саҳифаи газетаро ташкил мекарданд, пеш меғелид ва коғазро, ки акнун як рӯяш газетаи тайёр шуда буд, бар болои як панҷараи аз газета калонтар партофта, боз пас мегашт. Он асбоби панҷарамонанд бошад, ҳамин ки чарх ақиб рафт, рост шуда, газетаро ба пештахтаи мо-

шин мепартофт.

Гулдурроси мошинҳо чунон баланд буд, ки замини зери по якзайл-меларзид. Сирри сурати газетаро ҳам Карим ба ман дар ҳамин сех нишон дод.

Як навъ асбоб мешудааст, ки номашро «синкограф» мегуфтанд. Ана ҳамон асбоб сурати одиро, ки дар фотография тайёр мекунанд, гирифта ба рӯи порчаи қӯрғошим мегузаронидааст, ки номи он мешудааст «клише». Баъд клишеро оварда, дар байни ҳарфҳои чи- дашуда, дар «саҳифа» ҷо мекардаанд ва сурат ҳам дар баробари ҳарфҳо чоп шуда баромадан мегирифтаст.

– Ана худат бин! – гӯён Карим маро ба паси яке аз мошинҳои чоп кашола кард.

Он ҷо як аробачаи оҳанин меистод, ки ба аробачаҳои бағочкашонии роҳи оҳан монанд буд. Дар рӯи суфтаву силиқ ва равғанини он ду «саҳифа»-и қӯрғошимини газета гузошта шуда буд.

– Он ду саҳифа, ки чоп шуд, – гуфт Карим ба сӯи мошин ишора карда, – баъд ин дутаашро ба мошин мегиранд, – ва бо ангушт миёнҷои яке аз «саҳифа»-ҳоро нишон дода хитоб кард: – Ана клише!

Ман дар миёнаи «саҳифа» ҳақиқатан як тахтача қӯрғошимро дидам, ки рӯяш пур аз нуқтачаҳои холмонанди майда буд. Кас дурусттар нигоҳ кунад, медид, ки ин холчаҳо дар баъзе ҷо зичтар ва дар баъзе ҷо сирактар шуда, расми одамеро ташкил медиҳанд.

Мо чунон саргарми тамошо шудаем, ки аз бевақт шудани рӯз бехабар мондем. Танҳо пас аз он, ки якбора дар тамоми сехҳои корхона чароғ даргирифту ҳама ҷо рӯз барин равшан шуд, Карим ба соати девории сех нигоҳ карду гуфт:

– Ӯҳ, соат нӯҳ шудааст-ку қариб! Бас будагист тамошо-а, Ҳасан?

Мо боз ба сехи Каримино гузашта, ба рӯи ҳавлӣ баромадем.

Дар сехи Каримино тақрибан касе намонда буд, танҳо ду-се кас чароғи сари кассаҳошонро даргиронда, ҳарф мечиданд.

Дар рӯи ҳавлӣ, дар назди қаровулхона, бар рӯи нимкати чӯбин ду кас нишаста чой менӯшид.

Яке аз онҳоро, ки ришу мӯйлаби сафед дошту рӯймолро ба сараш салла карда печонида буд, ман рӯзона дида будам. – Вай – қаровули газетахона буд.

Аммо шахси дигареро, ки дар тарафи дигари нимкат пиёла дар даст ба гапи қаровул гӯш андохта менишаст, ман бори аввал медидам. Вай як марди қоқинае буда, дар тан гимнастёрка ва дар по мӯза дошту нӯги як остинашро, ки холӣ буд, ба тасмаи командирӣ тиққонда монда буд.

– Директор! Нав аз ҷанг омадагӣ. Орденаш ҳаст! – маро нихта карда пичиррос зад Карим ва пеш рафта салом дод.

Ман ҳам ба директор «салом» гуфтам. Директор рӯяшро ба тарафи мо гардонда ва чашмонашро нимроғкунон ба мо нигариста алек гирифт ва аз Карим пурсид:

– Ҳа, Салимов, нағз ҳастӣ?

(Ман бори аввал медидам, ки ғайр аз муаллимон касе ба Карим номи падарашро гирифта гап зада бошад: аз чӣ бошад, ки ба Карим рашкам омад).

Баъд директор маро нишон дода ба Карим гуфт:

– Ин кӣ? Ин ҳам ба кор даромаданӣ аст?

Чӣ сабаб, ки Карим дар ҷавоб андаке дасту по хӯрда ва сурх шуда гуфт:

– Не, муаллим... Ин – Ҳасан, ҳамсояи мо... Тамошо кунам гуфта омадааст.

– Бисёр нағз, бисёр сара, – гуфт директор ва ба худи ман муроҷиат карда пурсид:

– Ту дар кучо кор мекунӣ, писар?

Ман, ки аз хиҷолат сарамро хам карда ва қавоқамро андохта ва бо нӯги поям заминро хат кашида меистодам, ҳеҷ чиз нагуфтам.

Аммо Карим ба ёрии ман омада гуфт:

– Не, ин ҳамту, муаллим... Ҳеҷ ҷоба кор намекунад.

– Ҳо-о... – гӯён мад кашид директор ва дигар ба ман кордор нашуд.

...Мо бо директор хайрухуш карда берун баромадем.

Вақт хуфтан шуда, кӯча тип-торик гардида буд. (Он вақтҳо танҳо ба корхонаҳо қувваи электрик медоданд). Мо шитоб нокарда, ба таги поямон нигоҳ карда қадам мезадем.

Ман тамошои газетахонаро бори дигар аз пеши назарам мегузаронидаму худро дар як ҳолати аҷоибе ҳис мекардам: гӯё ки ба Карим ҳасад мебурдам, рашк мекардам, вале намедонистам, ки чаро?

– Читу корхонаи мо, Ҳасан? – гӯён риштаи фикру хаёли маро бурид Карим.

– Бад не, – гуфтам ман дар ҷавоб ва худам савол кардам, ки:

– Хайр, лояш чӣ хел будааст?

Карим гапи маро нафаҳмид.

– Лояш? Чӣ хел лой? – гуфта пурсид ӯ.

– Пулаш-дия, афандӣ!

Карим хандида гуфт:

– Кай мефаҳмам ман ин гапҳои савдогарита! Ҳамту гӯйдия! – ва ба саволи ман ҷавоб дода гуфт:

– Ҳоли ҳозир, то усто шуданама, дусаду чанд сӯм. Баъд ба устогӣ, ки гузаштам, шашсад – ҳафтсад сӯм мегирифтагӣ мешавам.

– Намур бузакам, баҳор мешавад, алаф мехӯрӣ! – гуфтам ман. – Дусад сӯм! Пфф!.. Ҳамин ҳам пул шуд? Ман ин хел пулро дар як рӯз меёбам! Аммо Карим қаҳр накарда, балки баръакс, бо тамкин ва оромона гуфт:

– Пули ту ёфтагӣ дигару пули ман ёфтагӣ дигар...

Гапи Карим ба ман сахт расид.

– Ӯҳӯ! – гӯён хитоб кардам ман аз роҳам бозистода. – Ба газетахона рафта хеле гапдон шуда мондаӣ, Каримҷон! Хайр, чиба пули шумо дигар будаасту пули мо дигар?

Карим, ки низ аз роҳ бозистода буд, бо ҳамон ҳавобаландӣ гуфт:

– Чунки мо, Ҳасан, меҳнат карда пул меёбему шумо ҳамту... миёнатона дард накунонда пул кор мекунед!

Дар торикии кӯча рӯи якдигарро дуруст дида намешуд, вале бо вуҷуди он ман пай бурдам, ки дар рӯи Карим як табассуми истеҳзоомезе сайр мекунад, табассум мекунад, ки гӯё ӯ аз ман дар ягон чиз бартарӣ дошта бошад.

Ман худамро базӯр аз дастбагиребоншавӣ нигоҳ дошта, бо таҳдид гуфтам:

– Даҳоната пӯш, Калпеса! Дониста гап зан!

Дар ҷавоб Карим хандида гуфт:

– Майлаш, мо – калпеса! Баъзе касҳо барин савдогар набошем шуд! – Вале бо ҳамин ҳам қаноат накарда илова намуд:

– Ҳаромхӯр набошем шуд!

Агар Карим ҳамин гапи охиринашро намезад, яъне маро «ҳаромхӯр» намегуфт, маншаву моҷарои мо аз ҷанги даҳонакӣ ба ҷанги ҳақиқӣ мубаддал намешуд, албатта. Аммо, вақте ки ӯ ҳамин хел як гапи ифлосро оварда ба ман часпонд, ҷонам баромаду «чӣ гуфтӣ, падарлаънат?» гӯён бо як даст аз гиребонаш гирифта, бо дасти дигар ба рӯяш задам. Карим ҳам ба ман часпид.

Аммо Карими бечора, ки як бачаи газгӯшти лоғараке буду назар ба гуфти модарам, дар хонаашон баъзе шабҳо дег намеҷӯшид, бо зарби муштҳои ман, ки умуман аз ӯ фарбеҳу тозатар будаму аз паси мевафурӯшӣ рӯзам нағз мегузашт, дер тоб оварда натавонист.

Фурсати қулай ёфта, бори дигаре ба зери гӯшаш зада будам, ки ӯ ногоҳ калавида-калавида, як-ду қадам қафо гашту рафта ба девор такя кард, аммо аз афти кор ба такя карда истодан ҳам қувваташ нарасид, ки ногоҳ поҳош худ аз худ қат шудаңду оҳиста ба замин нишаст.

Ман, ки дастам дар ҳаво монда буд, дар ҳамон ҳолат фурсате дар ҷоям шах шуда истодам.

Карим сарашро хам карда дам намезад, ақаллан намеҷунбид. Танҳо ҳашшасзанон тез-тез нафас мегирифт.

Сар то поям ваҷаррос зада рафт. Тарсидам. Давида рафтаму аз ду дасти Карим гирифта, ӯро аз замин бардоштанӣ шудам. Аммо ӯ оҳиста, вале ба таври қатъӣ оринҷҳояшро аз дасти ман кашида гирифту бо як дасташ деворро дошта рост шуд. Баъд сарашро набардошта, бо овози хиррӣ гуфт:

– Рав... рав, набошад сарата зада мекафонам...

Ман ба дасти Карим нигоҳ карда дидам, ки як қайроқсангро бардошта гирифтааст. Санг, аз афти кор, дар таги девор хобида будаст.

Ман лаҳзае чӣ карданамро надониста рост истодаму баъд гуфтам:

– Охир... охир, ба хона намеравем, Карим? Қатӣ... равем, охир...

Аммо Карим аз девор ҷудо шуда, як қадам ба пеш монду дасти сангдорашро бардошта, бо оҳанге, ки гӯё сагро пеш мекарда бошад, такрор кард:

– Рав!..

Ман боз лаҳзае дар рӯ ба рӯи Карим беҳаракат рост истодаму баъд сарамро хам карда, ақиб гаштам ва якта-якта қадам монда, аз ӯ дур шудам.

– Ҳаромхӯр, – гуфта монд боз аз паси ман Карим.

...Карим маро не, ман Каримро зада ғалтонда будам, вале чӣ сабаб, ки аз ин ғалабаи худ нӯги нохун барин ҳам хурсанд набудам, балки баръакс, худро шаттахӯрда, мағлубшуда ҳис мекардам ва мисли хурӯсчӯҷае, ки дар ҷанг мағлуб шуда, ба катакаш мегурезад, торафт қадамамро тезтар мекардам.

Ман танҳо баъдтар фаҳмидам, ки Карим маро ҳанӯз пеш аз мушт заданам мағлуб карда будааст ва бо яроқе мағлуб карда будааст басо сахттар ва басо дардноктар аз мушту торсакӣ...

Саҳарии барвақт чашми рӯз пурра кушода нашуда, аз хоб хестаму ҳатто бо модарам хайрухуш накарда, роҳи бозорро пеш гирифтам.

Дуру дароз савдо карда нанишаста, як линга себи ростомадаро гирифтаму ба роҳ баромада истодам.

Дере нагузашта, мошин ҳам омаду ман лингаро бар болои он бор карда, худам дар кабина дар паҳлӯи шофер нишастам.

Мошин бо ғурроси ноφорами худ кӯчаҳои шаҳрро бесаранҷом карда гузашта, ба роҳи дашт баромад.

Дашти беҷон, ки офтоби бераҳми тобистон алафашро тамом сӯхта партофта буд, аз пештара ҳам бенуру бесафотар шуда буд. Осмон абр, ҳаво дам буд.

- Нотоб менамоӣ, Ҳасанбой? – гуфта пурсид ногоҳ шофер, ки ба мисли аксари шоферҳои Зарчашма маро нағз мешинохт.

– Не, ҳеҷ гап не... – гуфта ҷавоб додам ман.

Аммо дар ҳақиқат худамро касал ҳис мекардам.

Шаб то дер вақт хоб карда натавониста будам ва ҳоло сарам гаранг буд. Дар оиначаи пеши тирезаи кабина дидам, ки чашмонам суп-сурх шудаанд. Намедонам, аз бӯи

бензин бошад ва ё аз гуруснагӣ (дина шаб ҳеч чиз нахӯрда хоб карда будам), ки дилам беҳузур мешуд.

Даштро қафо гузошта, ба кӯҳсор даромада будем, ки шофер об гирифтанӣ шуда, мошинашро нигоҳ дошт. Ман аз мошин фаромада, гуфтам, ки болои кузов мебароям.

– Ангишт ҳамаата сиёҳ мекунад, – гӯён огоҳ кард маро шофер.

Ман «майлаш» гӯён болои мошин баромадам.

Мошин боз ба роҳ даромад.

Имрӯз осмони кӯҳсор ҳам монанди осмони дашт пурабру бедимоғ ва ҳавояш дам буд. Дар кадом як ҷои болооби дарё бояд сел зада бошад, ки оби дарё лой ва ҳамчун сафол заб-зард буд. Кӯҳҳо, ки ду тарафи дарёро иҳора гирифта, дунёро аз назари кас панаҳ ва осмонро танг мекарданд, низ тираву берӯҳ гардида буданд. Ин қадар санги бисёреро дар ин ҷо кӣ ҷамъ карда бошад ва аз ин манораҳои сангин чӣ фоида? Танҳо ҷоро банд мекунанду бас, ин кӯҳҳо. Ҳатто буттаву паттазор ва алафу пистазори кӯҳсор ҳам имрӯз ранги сабзи худро гум карда, хира метофт ва нодаркору бемаънӣ менамуд. Мисли мани раҳгумзада...

## «ТАҒЙИРИ НАМУД»-И СУЛТОНАЛИХОН

Пагоҳӣ осмонро абри сиёҳ фаро гирифта, дунёро тираву тор кард, то бегоҳ, албатта, ягон ҳодиса мехезад: ё раъду барқ мешавад, ё сел, ё борон ва ё худ ҳар се...

Дар ёдам намондааст, ки ҳамон бегоҳӣ борон шуд ё сел, аммо нағз дар хотир дорам, ки барои ман он рӯз бо раъду барқи сахте анҷом ёфт.

Себро фурӯхта аз дахмасаи бозор халос шудаму ба саргаҳи дарёчаи Зарчашма рафтам ва тамоми рӯзро дар ҳамон ҷо гузаронидам.

Вақти хуфтан ба шаҳрча баргашта дидам, ки Абдулатиф ба дег алав монда, ош мепазад.

– Ҳа, ҷиянам, зиёратҳо қабул? – гуфт ӯ ба дег сабзӣ андохта, аммо дигар гилагузорӣ накарда, гуфт:

– Ба хона даро, меҳмон омадагӣ.

Дарро кушода дар пешгаҳи хонача Одилмагазинчӣ ва боз як марди ношиноси ришкалонеро дидам. «Ин кӣ

бошад?» гӯён дурусттар синча кунам, ки... Султоналихон, ҳамон Султоналихонтӯраи ҳамсояамон аст!

Бовариам намеомад. Охир, ӯро ба аскарӣ гирифта буданд-ку!

Афту андоми Султоналихон тамом ранги дигар гирифта, аз он қиёфаи муллоёна осоре намонда буд. На салла монда буду на фаш, на тасбеҳ дошту на яктаки дарози сафед. Вай акнун як шиму камзӯли нимдошти русӣ пӯшида, ба ҷои кафш патинкаи калони ямоқине гирифта буд, ки он ҳоло дар пойгаҳи хонача меистод. «Тағйири намуд»-и ӯро дида, кам монда буд, ки баланд хандида фиристонам. Аз куҷо ёфта бошад вай ин сарулибосро? Аммо бештар аз ҳама риши калонаш тамошо дошт. Чанде пеш, рӯзи гӯсфанд куштанамон ҳам дида будам, ки ӯ риш мондааст, аммо он риш ҳатто ба як тори ин риши бузурги ҷангалмонанд баробар шуда наметавонист! Он вақт Султоналихон танҳо дар манаҳаш чанд тор мӯй монда, рӯ ва чаккаҳояшро тарошонида буд. Вале ҳоло ришаш чунон расида, чунон ғафсу паҳн шуда рафта буд, ки бинию пешонааш мисли ҷазира менамуданд. Гӯё ки аз пашми даҳ уштур тӯрбае бофта, ба сараш овехта бошад.

Ман медонистам, ки синну соли Султоналихон аз чиҳил беш нест, аммо ҳоло дар пеши назари худ як одами шастсоларо медидам.

Хулоса, Султоналихон тӯқумро ба куллӣ дигар карда буд. Ҳоло ҳар бинандаи ношинос ӯро ҳатман як шахси коргар, як коргари куҳансол мепиндошт. Танҳо дастони сафедаш мегуфтанд, ки ин «коргар» дар умраш на дастаи зоғнӯлро доштаасту на калиди дастгоҳро.

Султоналихон бо ман гарму ҷӯшон мулоқот кард, чунон мулоқот, ки гумон мекардед, ягон хешбачаашро дидааст.

Бояд пеш аз омадани ман ҳар ду чақ-чақ карда нишаста бошанд, ки дарҳол пас аз вохӯрии ману Султоналихон Одилмагазинчӣ бесаброна гуфт:

– Хайр, тақсир, баъд чӣ шудааст?

Султоналихон дар рӯи кӯрпача дурусттар нишаста гирифта, ба гап даромад:

– Хӯш, ки бошад, ба самъи ҷанобашон арз кунам, ки дар вақти видоъ заифа ба аскар мегӯяд: «Чӣ мешуд, ки барои

хотираи муборак карточкаатонро медодед?» Аскарбача бо мамнуният аз ҷайбаш як дона акси худашро бароварда медиҳад. Аммо – заифаи мӯҳтарама хафа! Ба самъи ҷанобашон арз кунам, ки мақсад аз илтимос карточкаи нон будааст.

Одилмагазинчӣ шикамашро дошта қаҳ-қоҳ зад. Қаҳқоҳи ӯ чунон баланд ва чунон гулдурросӣ буд, ки гумон мекардед, ба даруни хуми холӣ нишаста механдад.

– Э, намуред, тақсир! Э, намуред тақсир! – мегуфт ӯ хандааралаш ҳар замон.

Абдулатиф, ки «газак» гӯён аз зирбак як табақча гӯшт гирифта даромада буд, ба пиёлаҳо арақ рехта, низ бо ханда гуфт:

– Ин ҳоло ҳеҷ гап не, Одил! – ва ба Султоналихон рӯ овард:– Дар касалхона хоб карданатона гуфта тед!

Баъд аз он, ки нимпиёлагӣ арақ (ба қавли Султоналихон «оби замзам») нӯшида, бо гӯшти зирбак газак карданд, Султоналихон қиссаи ба касалхона хобиданашро ҳикоя кард.

Султоналихонро, ки дар «Рабочий баталон» будааст, рӯзе ба хиштрезӣ мондаанд. Аммо Султоналихон, назар ба гуфти худаш, «ягон савобҷӯи дигарро аз савоби ин кор маҳрум накунам» гуфта худро ба касалӣ андохтааст.

– Ба самъи ҷанобашон арз кунам, ки, – гуфт Султоналихон, – ба духтур мардум температура бошад, бас. Каминаи камтарин чӣ кор мекардам гӯед? Вақти омад-омади духтурҳо, ки шуд, термометрро мегирифтаму ба бистари пашмина сахт-сахт мемолидам ва ҳамин ки шарфаи пои духтур шуд, термометрро дар бағал мемондам. Ана баъд ҷаноби духтур термометри каминаро гирифта мебинанд, ки – чилчилу як! Ба самъи ҷанобашон арз кунам, ки банда ҳамин тарз як ҳафта зиёдтар аз неъматҳои беморхона файзёб шудам.

Султоналихон, ки афти кор аз арақи нӯшидааш хеле рӯҳбаланд шуда буд, аҳсану офарини Одилмагазинчӣ ва Абдулатифро шунида гуфт:

– Э, ин чӣ? Шумо аз ман пурсед, ки аз баталон чӣ хел ҷавоб шудӣ?

Султоналихон ҳикоя кард, ки рӯзе ба хобгоҳи баталон

як одами калоншаванда омадааст. Вай барои тафтишу назорат омада будааст.

– Ба самъи ҷанобашон арз кунам, ки, – гуфт Султоналихон бо табассуми мутакаббирона, – мартабаашон калон бошад ҳам, ақлу идрокашон муносиби мартабаашон набудааст.

Тамоми баталонро дар саҳни ҳавлии хобгоҳ ҷамъ кардаанд. Он шахси калоншаванда ба сафи одамон нигоҳ карда, Султоналихон ва ришу мӯйлаби пайғамбаронаи ӯро мебинаду дар назди ӯ таваққуф карда, мегӯяд, ки: «Пиракӣ, ту ин ҷо чӣ кор мекунӣ?» ва мепурсад, ки: «Ба чанд даромадӣ?».

Султоналихон бо шавқ давом дод:

– Намедонам, аз ғайб башорат шуд ё худ арвоҳи қиблагоҳи бузургвор, алайҳурраҳмата[1], мададгор шуд, ки камина бе ҳеҷ фикру хаёл гуфта фиристодам, ки: «тавориш полковник, следуши месиц моя будит шисад два гӯд»[2]. Он кас, – ҳамон рӯз говашон гӯсола карда будааст-мӣ, – ба ман дилаш сӯхта ва бо раҳму шафқат сар ҷунбонида гуфт: «Э, бабай...» Камина ҳам тасдиқ карда гуфтам, ки «Ҳа, тавориш, моя бобой, бобой!». Баъд он кас ба сардори баталон сиёсат карда гуфтанд, ки чаро одами пирро нигоҳ дошта гаштааст? Сардори баталон хеле дасту по хӯрда гуфт, ки «дар коғазҳояш синну солаш ҷавон нишон дода шудааст». Полковник ба ман тааҷҷуб карда нигоҳ карда буданд, ки камина бо ҳамон ҷасорату шуҷоат гуфтам, ки вақти паспорт додан хато карда, соламро хурд нишон додаанд. Дар хотимаи сухан: «Моя как ислепой, читать-писать неумей, аткуда изнай»[3] гуфта будам, ки сад фоиз бовар карданду монданд. Ана, чӣ мегӯед, ки ба самъи ҷанобашон арз кунам, рӯзи дигар ба дулдули оташнафас нишаста, «аз марҳаматҳот гардам, Худо» гӯён баромада омадан гирифтем.

Ин дафъа Одил чунон хандид, ки аз чашмонаш об ҷорӣ

---

1. Ман баъд фаҳмидам, ки ин маънои он «аллайҳурраҳматӣ »-и Султоналихон «худо раҳматаш кунад» будааст.
2. «Рафиқ полковник, моҳи дигар ман шастудусола мешавам».
3. «Ман ба мисли як одами кӯ р ҳастам, хондану навиштан наметавонам, кай медонистам».

шуда, қариб буд нафасаш ба дарун афтад.

Абдулатиф, ки ҳикояти Султоналихонро бо табассум гӯш карда менишаст, боз пиёлаҳоро пур карда ва пиёлаеро ба Султоналихон дароз карда, гуфт:

– Шумо бало, Султонхон, бало шумо!

Султоналихон пиёларо холӣ карда ва ришашро аз чакраҳои равғани гӯшт пок карда хушнудона гуфт:

– Одами дуруст дар ин дунё хор намешавад, бародар, хор намешавад!

Абдулатиф хеста ба сари дегаш рафт.

Ҷоғи «одами дуруст» хеле тасфид. Муллоӣ ва эшониаш ба хотираш расид магар, ки ҷилави гапро ба дигар тараф кашида ва ҳазлу шӯхиро як сӯ гузошта, дар ҳар қадам «ба самъи ҷанобашон арз кунам, ки...» гӯён аз дину диёнат ва авлиё гап зада рафт.

Вай асосан барои Одилмагазинчӣ гап мезад.

Ман, ки дар як канор, назди пойгаҳ менишастам, сафсаттахонии мастонаи Султоналихонро хоҳу нохоҳ гӯш карда на механдидам, на ҳайрон мешудам.

Аммо як маротиба, тоқат карда натавониста, ба қавли шоферҳои Зарчашма, «ба гапаш тормоз додам».

Султоналихон ривояти ба Нил хат фиристодани Алиро нақл карданӣ шуда, гапро чунин сар кард:

– Агар ҷанобашон шунида бошанд, дар мамлакати Миср Рӯди Нил ном дарё будааст. Ба самъи ҷанобашон арз кунам, ки як замонҳо халқи Миср ҳар сол пеш аз обхез зеботарин духтари мамлакатро оварда, ба дарёи Рӯди Нил мепартофтанд, ки қурбониро гирифта замину кишташонро хароб накунад...

Ман ҳанӯз дар мактаб маънои «рӯд»-ро нағз дониста гирифта будам. Султоналихон бори дигар «дарёи Рӯди Нил» гуфта буд, ки хандида гуфтам:

– Дарёи Рӯди Нил?

Султоналихон, ки то ин вақт аз ман ягон калима нашунида ва гӯё маро фаромӯш карда буд, ба ман ҳайрон шуда нигоҳ кард.

– Ҳо, дарёи Рӯди Нил, – гуфт ӯ, – чӣ шудааст?

Ман бо табассум гуфтам:

– Ҳеҷ чиз нашудаасту амаки Султонхон, лекин як кас

гуфта буд, ки дарёву рӯд ҳарду як гап аст.

Аммо Султоналихон аз ҷумлаи он одамон набуд, ки банд кардани онҳо кори осон бошад.

Вай дар ҳамин ҷо ҳам худашро гум накарда, «ба миёни гап лагад назан, вай дарёи дигар аст, ука»-гӯён нақлашро давом додан гирифт.

Ман ҳам дигар гапашро аз пеши гӯшам гузаронида, ба фикру хаёлҳои худ овора шудам. Танҳо як бор Султоналихон боз диққати маро ба худ ҷалб кард, ки аз нақлу ривоят ҳам даст кашида, овозашро андаке паст карда бо оҳанги маҳрамона аз Одилмагазинчӣ пурсид:

– Бародар, пурсидан айб надорад, рост аст, ки коргарони ин ҷоро ба аскарӣ намегиранд?

– Бале, тақсир, рост, – гӯён тасдиқ кард Одилмагазинчӣ. – Ҳар киро, ки дар Зарчашмаи мо кор мекунад, ба аскарӣ намегиранд.

Султоналихон нафаси озодонае гирифта гуфт:

– Хайр, як ёру бародарӣ мекунетон-дия! Қаровулӣ-мӣ, фаррошӣ-мӣ – ҳар чӣ бошад, майлаш, ба ягон ҷо даровarда монетон! Мо ҳам, охир, ба самъи ҷанобашон арз кунам, ки қарздор шуда намемонем...

Абдулатиф ошро кашида овард.

Пиёлаҳо бори дигар пур карда шуданд.

Абдулатиф гӯштро пора карда шуда, ба ҳама таклиф кард:

– Канӣ, гиранд, ош хунук шуд.

Меҳмонону мизбон дастҳояшонро ба табақ дароз карданд, аммо ҳам дасти ангуштонаш борик-борики заифу сафед, вале нохунаш расидаи Султоналихон, ҳам дасти фарбеҳу серпашм ва ангуштонаш калта-калтаи Одилмагазинчӣ ва ҳам дасти серрагу пай ва печон ва чун панҷаи гурба чусту чолоки Абдулатиф лаҳзае дар болои табақ шах шуда монданду баъд, якдонӣ ҳам биринҷ нагирифта ҳамчу море, ки сарашро гашта ба хонааш мекашад, оҳиста аз сари табақ дур шуданд.

Касе дар мекӯфт.

## ДАР САРИ ДУРОҲА

Ҳама ҳайрон шуда, ба якдигар нигоҳ кардем.

Султоналихон аз чӣ бошад, ки ба тарс афтода буд. Вай гардани борикашро ба пеш ёзонда ва тез-тез мижа зада, гоҳ ба дар, гоҳ ба Абдулатиф менигарист; гӯё гуфтанӣ мешуд, ки «ба самъи ҷанобашон арз кунам, боз ин чӣ гап буд?» Одилмагазинчӣ бо тааҷҷуб ва норозиёна лабони ғафсашро ба ҳам ҷафс карда, чашмашро аз дар намеканд. Танҳо тағоиям худашро гум накард. Вай як лаҳза фикр карда истоду баъд бо як ҳаракати даст шишаҳои арақро ба таги каравоташ тела дода, бо овози баланд гуфт:

– Марҳамат!

Дар ғиҷирроскунон кушода шуд.

Мо ҳама, ки ба он тараф чорчашма шуда нигоҳ мекардем, оҳиста ва беихтиёр аз ҷоямон хестем.

Ба хона Шокиртароша, аз паси ӯ як марди палтои чарминпӯш (ман медонистам, ки ӯ дар идораи кон кор мекунад, баъд фаҳмидам, ки аъзои месткоми кон будааст) ва аз қафои ӯ... Қосимҷон даромаданд.

Шокиртароша аз болои либоси одатиаш ҷома пӯшида гирифта, ба сараш телпак монда буд. Вай чун одат бо нигоҳи чашмони тезаш ҳамаро як-як аз назар мегузаронид.

Аммо Қосимҷон ким-чӣ тавр дигар хелтар шуда буд. Осори ҳамешагии маҳзунӣ ва ҳалимӣ аз рӯяш барҳам хӯрда, чашмонаш аҷоиб нигоҳ мекарданд: вай ба Шумо нигоҳ мекарду гӯё Шуморо намедид. Ранги рӯяш хеле сиёҳ шуда, гӯш ва ду рухсорааш гӯё пӯст партофта буд.

Ҳайрату тааҷҷуби Абдулатиф сонияе беш давом накард. Вай дарҳол ба худ омада, бо оҳанги меҳмоннавозона, ҳатто бо хандаю табассум бо меҳмонон вохӯрдӣ карда, онҳоро ба кӯрпача шинонд.

Марди палтои чарминпӯш сулфида гуфт:

– Мо...

Вале Абдулатиф бо ханда сухани ӯро бурида гуфт:

– Аввал таом, в-онгаҳ калом! Ҳамаатонро ҳам модарарӯсатон нағз медидааст, канӣ, ба ош марҳамат кунанд. Ҳозир кашида будем.

Марди палтои чарминпӯш саволомез ба Шокиртароша нигоҳ кард.

Шокиртароша қиёфаи ҷиддиашро дигар накарда, остинашро бар зада гуфт:

– Худамон ҳам хеле гушна монда будем, – ва ба марди палтои чарминпӯш: «Ку, бигир!» гӯён панҷаи васеъ ва серчин ва аз кори вазнин ноҳинҷоршудаи худро калон кушода, ба табақ ҳуҷум овард ва дигар то тамом шудани ош аз болои табақ сар набардошт.

Вале Қосимҷон аз ош як даҳан чашиду дарҳол дасташро пок кард ва ба ҳеҷ кас нигоҳ накарда, беҳаракат, наҷунбида нишастан гирифт.

– Гиред, Қосим-ако, – гуфтам ман оҳиста.

Аммо ӯ гӯё гапи маро нашунид.

Иштиҳои Султоналихон ва Одилмагазинчӣ якбора баста шуда монд. Онҳо танҳо нӯг-нӯги даст чанд дона биринҷ мегирифтанду онро дуру дароз мехоиданд.

Лекин Абдулатиф маро қоил кард. Вай ҳеҷ сир бой надода, баробари Шокиртароша ош мехӯрд; рафтори ӯро дида, гумон кардан мумкин буд, ки ҳеҷ воқеае рӯй надодааст. Танҳо як бор дида мондам, ки чашмонашро нимкоф карда, ба сари Шокиртароша санҷишкорона нигоҳе андохт. Вале зуд чашмашро аз ӯ канд.

Ҳарчанд, ки як қисми меҳмонон ба ош он қадар иштиҳо надоштанд, табақ зуд холӣ шуд.

– Дасти пазандааш дард набинад, бисёр палави нағз омадааст, – гуфт Шокиртароша дасташро пок карда истода.

Ҳама омин карданд.

Ман дастархонро ғундошта, чой дам карда омадам.

Чой ҳам нӯшида шуд.

– Хӯш... – пиёлаи холиро аз рӯи гилем ба сӯи ман ғелонда гуфт Шокиртароша. – Хӯш, ки бошад, Латиф, барои зиёфат – раҳмат, лекин мо бо ин кас, – вай ба марди палтои чарминпӯш ишора кард, – ба як кор омада будем.

Абдулатиф тааҷҷуб накарда, бо лабханди шахси хушодоб гуфт:

– Марҳамат, Шокирбой.

Шокиртароша ногоҳ чашмони оташборашро ба Абдулатиф равона карда якта-якта гуфт:

– Вақти ана ин бачаро, Қосимро пеш кардан, аз хотир

баровардаӣ, ки пули шашмоҳа хизматашро бидиҳӣ. Фаромӯшхотирӣ-дия! Ин ландаҳур ҳам гап назада баромада рафтан гирифтааст. Ман ба қишлоқаш рафта, ӯро гардонда овардам. Дар ағба қариб сару рӯяшро хунук зада будааст. Намурдааст ҳам давлати калон. Хӯш... Акнун ин, Қосим, дар шахта кор карданӣ. Лекин аз худат гап намемонад, пули дар чойхона кор кардаашро бояд бигирад. Ана, мо ҳам омадем, ки ҳаққи ӯро гирифта диҳем.

– Бояд, – илова карда гуфт Шокиртароша, – бояд ба ҳисоб гирӣ, ки мо аризабозиву судбозӣ накарда, рост ба пеши ту омадем, ки корро хушӣ ба хушӣ ҳал кунем, – ва ба марди палтои чарминпӯш нигариста гуфт:

– Гапи ман тамом.

Марди палтои чарминпӯш қаноатмандона сар ҷунбонда гуфт:

– Агар ин бача дар чойхона шаш моҳ хизмат карда хақ нагирифта бошад, бояд пулашро гирад.

Абдулатиф тез-тез нафас кашида, гӯё базӯр худдорӣ карда гуфт:

– Ту ин касро беҳуда аз корашон мононди, Шокирбой. Ин бача ҳаққашро пурра гирифтагӣ.

Ҳама ба Қосимҷон нигоҳ карданд.

Марди палтои чарминпӯш ба ӯ, ба Қосимҷон савол дод:

– Ин гап рост аст?

Қосимҷон бо азоб лаб кушода (эҳтимол, рӯяш дард мекард) ва ҳамчунон ба ҳеҷ кас нигоҳ накарда бо овози гирифтаи хиррӣ гуфт:

– Дурӯғ.

Дар оҳанги ҷавоби ӯ на хашму ғазаб ҳис карда мешуд, на дарду алам, вале ин ҷавоби хушку беҳис чунон батаъсир баромад, ки ҳама бовар карданд, ки Абдулатиф дурӯғ мегӯяд.

Инро танҳо худи Абдулатиф нафаҳмид.

Вай гӯё аз ҳақношиносии Қосимҷон моту мабҳут шуда гуфт:

– Ҳамаи моро фиреб дода истодааст ин! Ҳар моҳ ба дасташ сесад сӯм медодам ман!

Ҳама боз ба Қосимҷон нигоҳ карданд. Аммо вай дигар чизе нагуфт. Ҳаракате ҳам накард.

Як дақиқа хомӯшӣ ба миён омад.

– Кӯрнамакиро бинед-а! – даст ба даст зада гуфт боз Абдулатиф.

Шокиртароша, ки то ин дам бо як азоб худашро ором нигоҳ дошта менишаст, баъд аз ин гапи Абдулатиф сабру таҳаммулро як сӯ партофта, тамоми овози ғафсашро сар дода, бонг зад:

– Аҳмақӣ накун, Латиф!

Аммо марди палтои чарминпӯш аз остини ӯ кашиду ба Абдулатиф рӯ овард.

– Хуб, – гуфт ӯ бо тамкин ва оҳанги бетарафона, – ягон кас доред, ки гапи шуморо тасдиқ карда тавонад?

Ба каллаи Абдулатиф қоил шудан даркор аст!

Дар ҷои ӯ ҳар кас ҳам аз ин саволи ғайримунтазира дасту по мехӯрд, худашро гум мекард, вале ӯ як лаҳза, танҳо як лаҳза фикр карда, ногоҳ гуфт:

– Ҳаст, чаро набошад? Мана, агар «хешаш» нагӯетон, ҳамин ҷияни ман шоҳид шуда метавонад, – ва ба ман муроҷиат кард:

– Ҳамту не, Ҳасан?

Лаҳзаи аввал ман ҳатто нафаҳмидам, ки ин гапҳо ба ман дахл доранд. Ман танҳо ҳайрон-ҳайрон ба Абдулатиф нигоҳ мекардам.

Ӯ гӯё ба ман чизе гуфт? Гӯё, ки маро шоҳид овард? Ба чӣ?

Сесад сӯм... Агар «хешаш» нагӯетон...

Ҳо, ҳо; Абдулатиф мехоҳад ман баромада гӯям, ки ба Қосимҷон пул додаасту ман инро дидаам.

Лекин кай ӯ пул дода буд? Магар пул дода буд? Ва ба ин кор ман чӣ дахл дорам?

Ман ба чашмони Абдулатиф дурусттар нигоҳ кардам. Чашмони ӯ, ки дар назари аввал гӯё танҳо дӯстона табассум мекарданд, дар асл ҳам фармон медоданд, ҳам дилдорӣ, ҳам зорию тавалло мекарданд.

– Ҳасан? – гуфт боз Абдулатиф.

Аммо хаёли ман дар дигар ҷо буд. Воқеаҳои ин семоҳа саргузаштам як-як ба пеши назарам меомаданд.

Баъд ба зинапояи вагон баромада гирифтам...

Дар зинапоя менишастаму бо ҳама хайрухуш мекардам: бо модарам, бо тағоиям, бо ҷўраам Карим, бо Мукаррама...

Мукаррама... Аҷоиб! Он вақт орзў карда, мегуфтам, ки аз ҷанг баргашта, рост ба хонаи Мукаррамаино меравам ва мо зану шў мешавем... Аммо чанд рўз пеш дар шаҳр Мукаррамаро дида, ҳайрон шудам, ки наход ҳамин духтарбачаи сиёҳаки почадарозро нағз медидам?...

Баъд маро милитсионер дошт. Дошта ба пеши милитсионери калон бурд... Он ҷо дар пеши милитсионери калон гўё касе менишаст? Ҳо, ҳо, як савдогар. «Ҳаромхўр» гуфт ўро милитсионери калон...

Ногоҳ дилам ҷиғғос зада рафт. Ҳамин динаяк Карим ҳам маро ҳамин хел гуфт, «ҳаромхўр» гуфт маро!

Дадоҷон, дадоҷонакам, ту дар куҷой? Ин Абдулатиф аз ман чӣ мехоҳад, барои чӣ маро азоб медиҳад?

Риштаи хаёлҳои маро ҳамон марди палтои Чарминпўш канд.

– Писар, – гуфт ў, – гапи тағоиятон рост аст ё не?

Ман боз чизе нагуфта, ба ҳама нигоҳ мекардам.

Мана, Қосимҷон...

Вай ҳамчунон наҷумбида ва рост ба пеш нигоҳ карда менишинад.

Дар рў ба рўи ў, дар он тарафи хона – Абдулатиф. Чашмаш ба ман.

Одилмагазинчӣ... Вай ба тарафи дари хона нигоҳ мекунад, гўё гурехтанӣ аст...

Султоналихон... Даҳонаш яла, аз қабати ришаш ба ман чашм дўхтааст.

Марди палтои чарминпўш босаброна мунтазири ҷавоби ман аст.

Шокиртароша... Вай ришчаашро дошта, сарашро андак ба як тараф хам карда оромона ба ман нигоҳ мекунад.

Ба гўшам овози Абдулатиф расид:

– Ҷиянам, ҳама маътали гапи ту.

Бале, ҳама маътали гапи ман. Ман бояд ҷавоб диҳам. Пул гирифтан ё нагирифтани Қосимҷон ба ҳамин ҷавоби

ман вобаста аст.

Аммо натанҳо ин. Ман ҳис мекардам, ки ҷавобе ки ҳозир мегӯям, ба худам низ дахл дорад. Мефаҳмидам, ки гӯё дар пеши ду роҳ истодам: яке роҳи Абдулатиф, Одилмагазинчӣ ва ин Султоналихон, дигаре роҳи Шокиртароша, Қосимҷон, чӯраам Карим.

Ман мебоист аз ду роҳ якеро интихоб кунам.

*с. 1954 – 1958.*

# ҲИКОЯҲО

## ЛОЛАЧИНӢ

Агар шумо Ленинободи моро дида бошед, бояд нағз донед, ки аз тарафи шимол шаҳрро дарёи Сир давр зада мегузарад ва аз он канори дарё, аз худи лаби об дашти санглохе сар мешавад, ки хеле паҳновар буда, рафта-рафта дар таки кӯҳи Муғул ба охир мерасад.

Кӯҳи Муғул на пирях дорад ва на шаршараҳои пурғулғула, на бешазор дорад ва на сайди дурусте. Аммо баҳорон, ки ҳама ҷоро сабза пӯшида, ҳазор ранг гул мешукуфад, кӯҳ хеле серодам мешавад. Аксари «сайёҳон» аз бачагони шаҳр иборат мешавад, ки онҳо аввал барои бойчечак, баъд аз чанд рӯз барои лолаи сурх ва сонӣ барои ревоҷ (чукурӣ) кӯҳбаройӣ мекунанд.

Аз ин чанд сол пеш, дар яке аз рӯзҳои аввали моҳи апрел ман ва ҷӯраи ман Юсуф маслиҳат кардем, ки ба ҳамин кӯҳи Муғӯл ба лолачинӣ равем.

Як рӯз пеш тайёриамонро дида, рӯзи дигар ҳанӯз офтоб сурхӣ накарда ба роҳ баромадем.

Ба лаби дарё расида, шишаҳоро аз об пур кардем ва аз кӯпрук гузашта ба дашт баромадем.

Шамоли саҳарӣ мевазид.

– Ҳаво хунук анча, – ларзида гуфтам ман.

– Офтоб барояд, гарм мешавад, – гуфт Юсуфи сергӯшт, ки ҳатто тугмаи камзӯлашро нагузаронида буд.

Ман беихтиёр ба фарбеҳии ҷӯраам ҳасад бурда, ба шиками ӯ тап-тап зада гуфтам:

– Қорӣ Ишкамба!

– Чӯби қоқ! – ҷавоб гардонд Юсуф ва қадамашро суст накарда, бо китфаш маро тела дод.

Ман ҳам, гапи будагӣ, қарздор шуда намондам ва мо дигар тамоми дунёро фаромӯш карда, ба ҳаёҳу ва ханда-ву қаҳқаҳа сар кардем ба «хурӯсҷанг».

– Бас! – ҳашшосзанон гуфт дар охир Юсуф ва арақи сару рӯяшро пок карда илова намуд: – Акнун гарм шудӣ?

Аммо дере нагузашта, ман боз хунук хӯрдам. Шамол

торафт сахт мешуд ва кайҳо рӯзи калон шуда бошад ҳам, аз офтоб ҳеҷ дарак набуд.

Ба осмон нигоҳ карда, аз остини Юсуф кашидам.

– Юсуф, ҳаворо бин, абр.

Юсуф ҳам бо диққат ба осмон нигоҳ карда гуфт:

– Ҳаво ганда... Чӣ кор мекунем, рафтан мегирем?

– Надонам... – гуфтам ман.

– Ҳар чӣ ҳам бошад, мо бачагони хурд будем, акнун ба ёздаҳ-дувоздаҳ қадам монда будем ва дар шаҳр калон шуда, чӣ будани селу туманро дуруст намедонистему аз ғурроси раъд ва ҷасту хези барқ ба ваҳм меафтодем.

– Гашта равем ҳам мешавад-ку, Ҳошим, лекин обрӯ мерезад-да, – монанди одамони солхӯрда гап зада гуфт Юсуф, ки аз ман як сол калон буда, баъзан ба ман гӯё панду насиҳат мехонд. – Баъд бачаҳо масхара мекунанд, ки «фалониҳо тарсончак».

– Ҳамин ҳаво ҳам! – бо ҳасрат хитоб кардам ман. – Омада-омада, ҳамин рӯз қавоқу димоғ мекунад. Қасд кардагӣ барин!

Юсуф чашмони калон-калони наздикбинашро ба осмон дӯхта гуфт:

– Зоро кушода шавад?

– Э, Юсуф! – бепарвоёна даст афшонда гуфтам ман. – Биё, рафтан мегирем, гург намехӯрдагист, охир!

Юсуф, ки ҳанӯз чашм аз осмон намеканд, хеле вақт фикр карда истоду оҳиста гуфт:

– Ба ягон рӯзи дигар мононем-чӣ, Ҳошим?

– Қанд занед, Муллоюсуф! – бо истеҳза гуфтам ман. – Тарсидам гӯй!

– Чӣ? Ман тарсидам? – гӯён гашта ба ман нигоҳ кард Юсуф. – Рафтем набошад!

Дашт то рафт сералаф шуда, қади майсаҳо баланд мегашт. Лолақазоқ хирман-хирман гул карда буд. Ба димоғамон бӯи хуши гули шибоғ ва боз ким-чӣ гуна гулҳои дигар мерасид. Аз зери поямон гоҳ малахе ба ҳаво мепарид, гоҳ калтакалосе, ки пӯсти баданаш ҳамранги санг буд, ширрос зада мегурехт.

– Ӯҳ! – беихтиёр нидо кард баногоҳ Юсуф. – Ина бина, Ҳошим...

Дар пеши пои Юсуф пату пар, дил ва почаҳои нозуки кадом паррандае паҳну парешон хобида буданд. Дар ҳар ҷо-ҳар ҷо қатраҳои хуни шахшуда намоён буданд.

– Бечора... – гуфтам ман.

– Каҳлик бошад даркор, – тахмин кард Юсуф.

– Ҳо, кабк барин...

– Рӯбоҳ хӯрдагист...

– Ё гург...

– Дар ин ҷо гург намешавад, – гумони маро рад карда гуфт Юсуф.

– Балки будагист, – эътироз карданӣ шудам ман.

– Агар гург мешуд, дилаш он тараф истад, нохунашро ҳам тоза хӯрда мемонд. Ин – кори рӯбоҳ...

Баъд аз ин мо хеле вақт хомӯшона қадам задем. Қисмати кабки бечора ба мо сахт таъсир карда буд. Балки бача доштагист ва кабкбачаҳои бепушту паноҳ ба модарашон интизор будагистанд, гурусна мондагистанд...

– Дар табиат ҳамеша муборизаи беамон давом дорад, – айнан, монанди муаллими дарси ботаника гап зада гуфт ногоҳ Юсуф.

Мо беихтиёр хандида фиристодем ва дере нагузашта манзараи ҳузнангез аз ёдамон баромада рафту мо боз ба хандаву шӯхӣ сар кардем.

Дашт дар оқиб монд ва мо ба мобайни деворҳои баланди кӯҳсор даромадем. Шамол якбора ором шуда монд, танҳо аз боло, аз қуллаи кӯҳҳо шаввоси сусти он ба гӯш мерасид.

Хониши паррандагон ва фаррос зада паридани кабкон шунида мешуд. Алафи кӯҳ аз алафи дашт хеле баланд буда, пойҳоямонро то ба зону аз шабнам тар мекард. Пуштаҳои сабзи дилфиреб, ки паси ҳам дар пеши назари мо падидор мешуданд, дилҳои моро ба сӯи худ мекашиданд. Ҳавои ин ҷо ҳам дигар хел, софу беғубор буд ва кас бо ҳаловат нафас мегирифт.

Манзараи кӯҳсор чунон зебо ва гуворо буд, ки мо беихтиёр дар ҷоямон нстода мондем.

– Чангу тӯфаланги шаҳрро хӯрда гашта будем-да? – гуфтам ман ва бо хурсандӣ фарёд кардам: – Рафтем. Юсуфҷон, рафтем!

Аммо хурсандии мо дер накашид. Ягон сад қадами дигар роҳ гашта будем, ки ногоҳ аз кадом гӯр як саги калони бадвоҳимае пайдо шуда монд. Саг дандонҳояшро гиз карда ғурросзанон ба сари роҳ баромад ва бо овози хирриаш ак-аккунон ба сӯи мо давид.

Чашмони сагро суп-сурх хун пахш карда буд. Мӯйҳои хокистаррангаш сих хеста буданд. Ҳар як пояш дасти одами калонсол барин ғафс буд. Дандонҳояш дароз-дароз, забонаш суп-сурх... Хайрият, гӯшҳояш буридагӣ буданд, вагарна мо ӯро гург мегуфтем.

Бо гӯшаи чашм оҳиста ба Юсуф нигоҳ кардам. Ранги рӯи ӯ сап-сафед канда, дар болои лабаш донаҳои калон-калони арақ пайдо шуда буданд. Вай чашмони сиёҳи бузургшудаи худро аз саг канда наметавонист.

– Санг меғурронем, – гуфтам ман пичиррос зада.

– Мабодо ин номаъқулиро кунӣ, ки хом мехӯрад, – низ пичиррос зада гуфт Юсуф. – Хап истодан гир. Рост ба чашмаш нигоҳ кун, метарсад.

– Наметарсад...

– Аҳмақ, ба гапи одам гӯш кун! – гуфт боз Юсуф.

Намедонам, гапи Юсуф ҷон доштааст магар, ки саг аз мо ягон панҷ қадам дуртар омада таққӣ дар ҷояш истод. Бо тааҷҷуб дидем, ки мӯйҳояш ҳам сих нахеста будаанду дандонҳояш ҳам дандони саги оддӣ барин будааст. Саг ҳатто бехашму ғазаб, гӯё моро назараш нагирифта аккос мезад.

Дилам андаке ба ҷояш омад.

Оҳиста аз кисаам бурдаи нонро бароварда, ба саг дароз кардам.

– Маҳ. Йӯлбарс, маҳ!

Аммо саг ногоҳ ғуррос зада, бо пойҳои пешаш заминро ханҷол кард ва баланд-баланд аккос задан гирифт. Ҳар дам, гӯё ҳамла карданӣ шуда, пеш меомад. Ҳис кардам, ки аз тарс зонуҳоям ба ларза даромаданд.

– Наҷунб нагуфтам ман, наҷунб! – фашшос зада гуфт Юсуф.

Саг беш аз пеш хашмгин мешуд...

Намедонам, ин ҳолат чӣ қадар давом кард: эҳтимол аз панҷ дақиқа зиёд набошад, лекин ба назари ман як соли

дуру дароз барин намуд.

Саг дум ҷунбонда, ором шуд.

Мо аз саг чашм канда, дар паҳлӯи худ як марди қадбаландеро дидем, ки дар даст таёқи дарози нӯгкаҷе дошт. Дар сараш телпаки қирғизӣ. Миёни ҷомаи сиёҳи дарозаш бо тасмаи паҳни командирӣ баста шудагӣ. Аз таки ҷома гиребони гимнастёркаи хокиранг менамояд. Аз паси китфаш нӯки милтиқи шикорӣ баромада меистод. Рӯяш дар офтоб сӯхта, сиёҳча метофт. Чашмони танги бодомиаш ба мо беилтифотона назар мекарданд.

Ин одам, бешубҳа, чӯпон буд.

Ӯ ба мо дуру дароз нигоҳ карда истод. Ҳеҷ гап намезад.

– Чӣ кор мекунед дар ин ҷо? – гуфт дар охир бо овози ғафсаш. Ӯ ба мо бо забони тоҷикӣ гап зад, аммо аз гап заданаш маълум буд, ки худаш тоҷик нест.

Мо чӣ гуфтанамонро надониста, ҳайрон -ҳайрон ба ӯ нигоҳ карда меистодем.

– Чӣ кор мекунед мегӯям, – бо дуруштӣ такрор кард марди милтиқдор. – Чӣ гуфта омадед ба ин ҷоҳо?

«Кӯҳ мулки падарат не-ку! гуфтам ман дар дилам ва якбора шердил шуда, низ бо дуруштӣ ҷавоб додам.

– Ба лолачинӣ омадем!

– Ҳм... лолачинӣ... – зери лаб ғур-ғур кард чӯпон. – Аз даҳонаш бӯи шир меояду ба кӯҳ омадааст! Ягон фалокат шавад, ана баъд мебинед лолачиниро! Қаро! – сагашро ҷеғ зад чӯпон ва ҳамон зери лаб ғур-ғуркунон дар байни алафҳо ғоиб шуда рафт.

– Бадҷаҳл мардак будааст, – арақи рӯи фарбеҳашро пок карда гуфт пас аз фурсате шах шуда истодан Юсуф. – Афташ тоҷик барин не-а?

– Қирғиз бошад даркор, – гуфтам ман.

– Қирғизҳо ҳамаашон ҳамин хел бадҷаҳл мешаванд?

– Не, – гуфтам ман, – дар байни ҳар як халқ яктанимта одами бад ёфт мешавад-да! Як сол дар ҳавлии холаам як оила қирғизҳо иҷора нишаста буданд, бисёр одамони нағз буданд.

Юсуф ногоҳ хандида гуфт:

– Лекин аз сагаш хуб тарсидем-куя, Ҳошим!

– Ин гапҳоро мону ба роҳ даро, – гуфтам ман. – Рӯз пешин шуд, охир!

Ягон сад қадам роҳ гашта будем, ки ба лаби як селроҳаи васеъ ва чуқуре расидем ва поён нигоҳ карда дидем, ки дар он канори селроҳа як авули сафед истодаасту дар наздикии он галаи бузу гӯсфанд чарида гаштааст. Дар паси авул бояд дег гузошта бошанд, ки аз он ҷо дуди сафеди борике мебаромад. Дар назди авул як бача тани курта дастаки як асбоби бочкашаклро мегардонд.

– Маска ҷудо карда истодааст, – гуфтам ман.

Ба тарафи гала нигоҳ карда, як шахси сиёҳпӯшро дидем, ки хам шуда шикамҳои гӯсфандеро даст-даст мекард.

– Ҳамон мардак, – гуфт Юсуф.

– Афташ дар гӯр, - рафтем, - Юсуф.

Мо маслиҳат карда, қарор додем, ки ба селроҳа нафуромада, лаб-лаби ҷарӣ равем, то ки боз ба он чӯпон вонахӯрем.

Пайраҳаи мо то рафт борик шуда, кӯҳҳо баландтар ва баландтар мешуданд. Мо ба тамошои гирду атроф ғарқ шуда, чӯпони бадқаҳрро зуд фаромӯш кардем. Беҳад хурсанд будем ва хеле роҳ гашта бошем ҳам, ҳеҷ хастагиро ҳис намекардем. Кӯҳсор бошад, дар пеши назари мо манзараҳои нав ба нави аз якдигар зеботарро мекушод... Танҳо ҳаминаш буд, ки паррандагон дигар хониш намекарданд, пашшае пар намезад, хомӯшии сахте ҳукмфармо буд.

– Лола! – хитоб кард ногоҳ Юсуф ба сӯи бағалаи кӯҳе давида. (Вай бо вуҷуди хирагии чашмаш ҳамеша ҳар чизро аз ман пештар медид, ки ин хислати ӯ маро бисёр ҳайрон мекард).

Ҳоҷати гап нест, ки лолаи нахустин насиби Юсуф гардид. Ман, ки бо хеле ҳасад дар халтаи Юсуф ғоиб шудани лоларо тамошо мекардам, ногоҳ ба рӯи худ нигоҳ карда, як лолаи калону зеборо дидам ва бо фарёди музаффарона ба сӯяш тохтам. Ин буд, ки Юсуф ба фарёди: «Ана, боз лола!» ба сӯи дигаре давид. Ман бар болои сарам нигоҳ карда боз як тӯда лоларо дидам, дар як ҷо ғуҷ раста буду қолини сурхи бузургеро ба хотир меовард.

– Юсуф, ин тараф дав, ман конашро ёфтам! – гӯён бо-

ло давидам.

Ҳамин тавр аз ҷое ба ҷое давида болои кӯҳ баромадем ва дар он тарафи кӯҳ ҳам хеле поён фаромадем.

– Бас! – гуфт дар охир Юсуф, – халтаи ман пур шуд.

– Азони ман ҳам пур. Чӣ кор мекунем? Бармегардем?

– Майлаш, – гуфт Юсуф, – дигар дар ин ҷо чӣ кор мекардем? Лекин як авқот карда мегирифтем, нағз мешуд. Бин, ана дар он ҷо чашма будааст, ҷои боб.

Ман ба бағали кӯҳ нигоҳ карда, маҷнунбедеро дидам, ки аз харсанги зери он об баромада, як ҳавзчаи хурде ба вуҷуд оварда буд.

Дар сари чашма хеле нишаста мондем. Аввал нонамонро ба оби софи чашма тар карда хӯрдем. Сонӣ аз пӯсти навдаи бед нова дуруст карда, дар чанд ҷои роҳи об шаршара сохтем. Баъд аз ин «кор» монда шуда, дар сояи зери бед чақ-чақ карда нишастем.

Ман гуфтам, ки одам дар ҳамин ҷо хона андозад, нағз мешавад. Юсуф гуфт, ки кас дар ин ҷо дарров зиқ мемонад. Баъд, дар ин ҷо бозор нест, кас чӣ хел карда зиндагонӣ мекунад? Ман эътироз карда гуфтам, ки бо шикор ҳам рӯз гузаронидан мумкин аст. Юсуф гуфт, ки агар милтиқ медоштем, хуб кабк шикор мекардем.

Ин буд, ки шамоли сусте ба вазидан даромад.

Ман ба осмон нигоҳ кардам. Осмонро абри сип-сиёҳ фаро гирифта буд.

– Ҳаво торик шудагӣ барин-а, Юсуф?

Ҳар ду беихтиёр аз ҷойҳоямон ҷаста хестем.

– Наход рӯз бегоҳ шуда бошад? – тааҷҷубам бештар шуда гуфтам ман.

– Рӯз ҳоло барвақт-ку... Лекин сел нашавад мегӯям, – гуфт Юсуф.

Ба диламон ваҳму ҳарос чанг андохт. Агар сел занад, дар ин ҷойҳои ношинос ва беодам ҳоли мо, ҳоли ду бачаи хурдсол чӣ мешавад?

Мо зуд борамонро баста, ба боло ҳаракат кардем. Ҳаво то рафт тира мешуд. Шамол ҳам лаҳза ба лаҳза қувват мегирифт ва моро ақиб тела медод. Боз хеле хунук шуд.

Гулдурр! Гулдурр!- замину замонро ба ларза оварда, чизе дар болои сарамон таркида рафт ва ҳамон дам рӯш-

ноии зӯре чашмамонро хира кард. Шамол гӯё аз раъду барқ мадори нав гирифта буд, ки бо қувваи даҳчанд омада, моро ба поён тела дод. Ман ғелида бар болои Юсуф афтодам.

Гулдурр! Гулдурр! Боз даҳшатноктар садо дод раъд ва ҳанӯз гулдурроси он ором нашуда, барқи каҷу килеби сершохае осмонро чанд пора карда, дар бадани абрҳо ғӯтида рафт. Гӯшам баста шуда, чашмам сиёҳӣ мезад.

Юсуф аз дастам гирифта, маро боло кашола кард.

Ногоҳ аз зери поям як чизи калони мулоиме баромада рафт. Он чиз чунон зуд дар торикӣ ғайб зад, ки ман ҳатто сиёҳии онро дида натавонистам.

– Юсуф! – бо тарс фарёд кашидам ман, аммо шамол омада, фарёди маро гашта ба даҳонам зад ва ҳамон замон бар болои пешониам як қатраи калони об афтид. Сел сар шуд.

Дақиқае нагузашта мо сар то по шип-шилта тар шудем.

– Ҳошим! – фарёд кард Юсуф дар зери гӯши ман. – Ба таги ана он харсанг рафтан даркор! Набошад, сел рӯфта мебарад!

Ягон даҳ қадам чаптар аз мо як харсанги калоне воқеъ шуда буд, ки дар таги он ду-се кас пинҳон шуда метавонист. Бо як азоб худро ба паноҳи харсанг расонидем, аммо дар ҳамин ҷо ҳам аз сел халосӣ набуд. Об аз болои харсанг шорида рост ба сари мо мерехт.

Шарроси сел то рафт зӯр мешуд. Ногоҳ дар болои сарамон чизе баланд тароққос зад ва ҳамон дам аз боло як тӯда санги калон-калон афтида, ба поён ғелида рафт. Сел ва шамол як шуда сангҳои амонатро аз ҷояшон канда мепартофтанд. Хайрият, Юсуф ин харсангро дида монд, мегуфтам дар дилам, агар ҳозир дар поён мешудем, аз сад ҷонамон як ҷонамо ҳам саломат намемонд!

Сел то рафт калон мешуд, тароқо-туруқи сангҳо низ бештар мегардид.

Мо тамоман тар шуда будем ва аз намӣ дир-дир меларзидем. Дасту поямон карахт мешуданд.

Намедонам, ин аҳвол чӣ қадар давом кард. Мо ҳар ду беҳол шуда ба якдигар такякунон оҳиста-оҳиста пинак

мерафтем. Як хоби гароне моро пахш мекард...

Ногоҳ аз дур садое ба гӯш расид. Ман фикр кардам, ки фиреб хӯрдаам ва ҳеҷ гуна садое набуд. Охир, дар ин кӯҳсори беодам кӣ моро суроғ мекунад? Ҳеҷ кас... - Аммо садо боз такрор ёфт. Ман дигар шубҳа надоштам: ин садои аккоси саг буд!

– Юсуф! – аз шодӣ ба куртаам нағунҷида дод задам ман. – Юсуфҷон, шунидӣ?

Юсуф фарёд кард:

– Ҳо-ҳо-ҳо-о-ой!

Ин буд, ки аз паси пардаи сел якбора қомати баланди чӯпон намоён шуд. Ӯ аз болои ҷомааш плаши брезентӣ пӯшида, таёқашро асо карда гирифта буд. Лаҳзае нагузашта, дар назди ӯ сагаш ҳам пайдо шуда монд. Ин ҳамон саг буд, ки пагоҳӣ моро хеле ба ваҳм андохта буд.

Чӯпон муддате ба мо нигоҳ карда истоду баъд аз миёнаш флягаи ҳарбиро кушода, ба сарпӯши он як чизи обакӣ рехт ва бар ҳар кадоми мо як-як нӯшонд. Ман ҳис кардам, ки даҳонамро як чизи талхе сӯзонда гузашт ва ҳамон дам дар баданам ҷон давид.

Чӯпон флягаро боз ба миёнаш баста, ифодаи ҷиддии рӯяшро дигар накарда гуфт:

– Рафтем, – ва қафо гашта, роҳ сар кард.

Чӯпон бо як роҳи наздик ва қулае, ки аз пеши теғаи кӯҳ мегузашт, моро зуд ба авулаш расонд.

Дар миёнҷои авул, дар манқал оташи калоне барафрӯхта шуда буд.

– Либосатонро хушк кунед, – гуфт чӯпон ба манқал ишора намуда ва худаш боз берун рафт.

Мо либос хушк мекардем, ки ёрдамчии ӯ, ҳамон бачае, ки пагоҳӣ маска ҷудо мекард, ба авул даромад...

– Хуб боб шудед? – гуфт ӯ хандида... – Хуб тарсидед?

– Он қадар не, – сурх шуда ҷавоб дод Юсуф.

– Лекин мо хуб тарсидем, – гуфт бача.

– Аз чӣ? – пурсидам ман.

– Ба шумо ягон ҳодиса нашавад гуфта тарсидем-да. Акаам бисёр пушаймон шуд, ки чаро шумоҳоро аз роҳ нагардондааст.

– Номи ту чӣ? – пурсид Юсуф.

– Миртемир. Номи шумоҳо чӣ?

Мо номамонро гуфтем.

– Канӣ, шинед, – гуфт Миртемир, вақте ки мо либосҳоямонро аз нав пӯшидем. Ӯ дастурхон андохта гӯшти пухта, ҷурғот, панир ва нони дегӣ оварда монд.

Мо, ки сахт гурусна монда будем, худро ба болои хӯрок партофтем.

...Сел аввали шаб бозистод.

Акаи Миртемир моро то худи дашт гусел карда монд. Вай бо мо даст дода хайру хуш кард.

Андаке роҳ гашта, ба қафо нигоҳ кардам. Чӯпон ба таёқаш такя карда рост меистод ва қомати баландаш дар пеши пардаи хокистарранги осмон боз ҳам баландтар менамуд. Дар пеши пои ӯ ман саги ӯ – Қароро фарқ кардам.

– Хайр! – гуфтам ман бо овози баланд, – раҳмат ба шумо!

– Хайр, – шунида шуд дар ҷавоб овози оромонаи чӯпон.

Мо бо дили шод ва қадамҳои бардам роҳ мепаймудем. Медонистем, ки дар хона моро сарзаниш мекунанд, ҳатто эҳтимол як-ду шаттаи обдор ҳам хӯрем, вале бо вуҷуди он аз чизе хурсанд будем, бе ниҳоят хурсанд будем, ҳарчанд, ки боиси хурсандии худро намефаҳмидем ва бо сухан ифода карда наметавонистем.

Сабаби хурсандии онвақтаи худро ман баъдҳо, хеле калон шуда фаҳмидам.

Ман фаҳмидам, ки барои одам бузургтарин хурсандӣ – бо одами нағз вохӯрдан будааст.

## МӮРЧАЯК

Буд, набуд, ду мӯрчаяк буд. Ҳар дуяш ҳам як хел, ду қатра об барин. Номи яктааш Калонаку номи дигараш Майдаяк.

Калонак бисёр боақлу вазнин буд. Вай худашро ба падараш монанд карданӣ мешуд. Худи падараш барин

мӯйлабчаҳояшро оҳиста, савлат катӣ меҷунбонд. Падараш барин якта-якта, саросема нашуда қадам мемонд. Кам гап мезад. Ҳамеша ба хона ё пӯчоқи донак, ё мағз, ё донаи биринҷеро кашола карда меовард.

Аммо Майдаяк ин хел набуд. Вай бисёр шӯх буд. Аз хона гурехта, ба ҷойҳои дур мерафт. Бо мӯрчаякони дигар занозаниву часпочаспӣ мекард. Гӯштин мегирифт. Ба хона бисёр вақт бо дасти хушк меомад.

Як рӯз Калонаку Майдаяк аз хонаашон берун баромаданд. Ҳаво гарм ва офтоб баланд буд. Дар ин гуна рӯзҳо кори мӯрчаҳо авҷ мегирад. Онҳо тамоми баҳору тобистону тирамоҳ хӯрок ҷамъ мекунанд, то ки дар зимистон гурусна намонанд.

Майдаяк аз қафои Калонак рафта истода хаёл мекард, ки чӣ тавр карда чашми акаашро хато кунаду гурезад. Вай бо ҳамин хаёл дар паси санге пинҳон шуд. Аммо Калонак зуд ӯро ёфту аз гарданаш сахтакак пучида гуфт:

– Боз гурехтанӣ ҳастӣ, гарданғафс?

– Не, – гӯён ҷавоб дод Майдаяк паси гарданашро хорида, – ба назарам дар назди санг гандум будагӣ барин намуд.

– Ҳушёр бош, фиребгар! – гӯён Майдаякро огоҳ кард Калонак, – ин дафъа гурезӣ, то мурданат дошта мезанам!

– Хуб, тавба кардам, – гуфт Майдаяк, – дигар намегурезам.

Аммо худаш боз дар фикри гурехтан буд.

Дар ин вақт аз пеш як мӯрчаи пир баромада монд. Ин мӯрча падари Калонаку Майдаяк буд. Вай як донаи калони биринҷро кашола карда меовард.

– Ҳа, куҷо меравед? – гуфта пурсид ӯ.

– Ба шикор баромадем, дада, – гӯён ҷавоб дод Калонак. – Лекин Майдаякатон гурехтанӣ шуда истодааст.

– Ҳа, ту сарсахтча! – гуфт мӯрчаи пир ва Майдаякро оҳистекак пучида монд. – Дигар нагурез, вагарна модарат танбеҳатро медиҳад!

– Хуб, намегурезам, – боз паси гарданашро хорида ваъда дод Майдаяк.

Мӯрчаи пир ба Калонак нигоҳ карда гуфт:

– Рост бо ҳамин роҳи ман омадагӣ рафтан гиред, дар

он ҷо зане биринҷ тоза карда нишастааст. Гирду пешаш пур аз биринҷҳои бомаза. То бегоҳ анборчаамонро хеле пур карда мегирем. Шитоб кунед, тезтар қадам монед!

– Хуб, дада, – ҷавоб дод Калонак боадабона.

Мӯрчаякон боз ба роҳ даромаданд.

Баъд аз хеле роҳ гаштан, пурсида-пурсида, кони биринҷҳои бомазаро ёфтанд. Зане нишаста биринҷ тоза мекард. Аз табақи вай донаҳои калону хурди биринҷ борон барин мерехт.

– Ту ана ин хурдтарашро гир, ман ана ин калонтарашро, – гуфт Калонак ба Майдаяк.

Майдаяк гап назада, биринҷдонаро газида кашола кард.

«Аз афти кор, имрӯз бозӣ накарда мемонам» мегуфт ӯ дар дилаш.

Аммо дар нисфи роҳ дид, ки Калонак бо донаи биринҷ овора шуда ба ӯ нигоҳ намекунад. Ӯро фаромӯш кардааст.

Майдаяк дарҳол борашро партофту ба тарафе гурехта рафт. Вай хеле давида, аз роҳаш бозистод ва ба ақибаш нигоҳ кард. Дид, ки Калонак наменамояд.

Ана акнун бозӣ кардан мумкин!

Ногоҳ Майдаяк ҷӯрааш Пурхӯрро дида монд.

Пурхӯр рӯзе як анборча чормағзро паққос хӯрда буд. Аз ҳамон вақт номаш Пурхӯр шуда монда буд.

– Ӯй Пурхӯр! – гӯён фарёд зад Майдаяк, – гӯштин мегирӣ?

– Вақтам нест, – гуфт Пурхӯр дар ҷавоб, – барои чормағз меравам. Дар он ҷо духтараке чормағз шикаста нишастааст.

– Тарсидӣ? Тарсончак!

– Ҳой Майдаяк, дониста гап зан! – гуфт бо қаҳр Пурхӯр, – чунон дошта занам, ки то соли дигар аз ёдат набарояд!

– Биё, набошад, гӯштин гирем, канӣ, кӣ киро дошта мезанад! – гӯё боз ба қитиқи Пурхӯр расид Майдаяк.

– Вақтам нест-дия, набошад чунон боб кунам, ки!.. – гуфт боз Пурхӯр.

– Фақат «занам, ки занам, ки» мегӯию худат метарсӣ! –

гуфт Майдаяк.

– Ман метарсам? – гуфт Пурхӯр чашмонашро алобуло карда. – Биё, набошад! Чунон бардошта занам, ки худат боракалло гӯӣ!

– Мебинем! – гуфт Майдаяк аз миёни Пурхӯр гирифта.

Аммо Пурхӯр ногоҳ «исто, исто!» гӯён дастони Майдаякро аз миёнаш кушода партофт.

– Агар ман туро афтонам, ба ман чӣ медиҳӣ? – гуфт ӯ.

– Чӣ медиҳам? Ту аввал маро афтон, баъд гап зан! – гӯён ҷавоб гардонд Майдаяк.

– Не, – розӣ нашуда гуфт Пурхӯр, – ту афтонӣ – ман ба ту ҷои чормағзро нишон медиҳам. Ту-чӣ?

– Хайр ман ҷои биринҷро нишон медиҳам! – гӯён ба шарти ӯ розӣ шуд Майдаяк.

Мӯрчаякон аз миёни якдигар гирифтанд.

Майдаяк зӯр мезад, ки Пурхӯрро афтонад. Пурхӯр бошад, зӯр мезад, ки Майдаякро афтонад.

Мӯрчаякон ҳай зӯр мезананд, ҳай зӯр мезананд!.. Чангу ғубори кӯча ба осмон дакка зад.

– Ҳа!.. – зӯр зада фарёд мекашид Майдаяк.

– Ҳа!.. – зӯр зада дод мегуфт Пурхӯр.

Дар охир Майдаяк зӯр баромаду Пурхӯрро афтонд.

– Акнун ҷои чормағзро нишон медиҳӣ! – гӯён талаб кард Майдаяк.

– Не, нишон дода наметавонам, – гуфт дар ҷавоб Пурхӯр. – Агар ман ба ту ҷои чормағзро нишон диҳам, падарам маро мекушад.

Майдаяк Пурхӯрро тарсонда гуфт:

– Набошад, боз ба хок ғелонда мезанам!

– Хайр... – ночор розӣ шуда гуфт Пурхӯр, – биё, рафтем.

Пурхӯр Майдаякро ба ҷои чормағз сар карда овард. Он ҷо чормағз чунон бисёр будааст, ки!..

Майдаяк аз чормағз каме хӯрда дид. Ҳай, ҳай! Аҷаб чормағзи бомаза!..

Кадомашро мегирӣ,- гуфт Пурхӯр.

– Аз ҳама калонашро! – ҷавоб дод Майдаяк ва чормағзпораеро, ки аз худаш даҳ баробар калон буд, ҷудо карда гирифт.

– Хайр, зудтар аз ин ҷо дафъ шав, набошад ҳар дуямон ҳам ба бало мемонем! – гӯён Пурхӯр чормағзпораи хурдакакеро кашола карда рафт.

Майдаяк ҳам аз як кунҷи чормағзпора газида, ба роҳ даромад.

Чормағзпораи калон бисёр вазнин буд. Майдаяк ба обу арақ ғӯтид. Дасту пояш ба дард даромаданд. Аммо вай мардигариро аз даст надода, чормағзпорароро ба сӯи хонаашон мекашид.

Хеле роҳ гашт. Ана, аз дур хонаашон ҳам намудор шуд!

Майдаяк камтар дам гирифту боз чормағзпорароро газида пеш кашид. Аммо натавонист. Вай хеле монда шуда, аз мадор рафта буд.

Майдаяк дар қаҳр шуду чормағзпорароро аз болотараш газида кашид.

Ногоҳ чормағзпора бар болои худи Майдаяк ғелид ва ӯро ба замин пахш кард. Тамоми устухонҳои бадани Майдаяк шақаррос зада рафт.

– Вой, вой! – дод зад Майдаяк. – Вой мурдам!.. Вой, вой!

Майдаяк аз таги чормағзпора баромаданӣ шуда хуб зӯр зад. Аммо зӯраш нарасид. Баръакс, чормағз ӯро боз сахттар ба замин зер кард.

– Ёрӣ диҳед!.. – гӯён фарёд кашид Майдаяк ва пеши чашмонаш торик шуда, аз ҳуш рафт.

Майдаяк чашмашро кушода, худашро дар хонаашон дид. Дар гирди ӯ падараш, модараш, Калонак, Пурхӯр, бобою модаркалонаш, холаву холабача ва аммаву аммабачаҳои бисёраш ҷамъ шуда буданд.

– Ба ҳуш омад! – гӯён модари Майдаяк аз шодӣ гириста фиристод.

– Ҳа, ту сарсахтча! – гуфт бар болои сари ӯ хам шуда падараш. – Қариб мурда будӣ-я!.. Хайрият, ман фарёдатро шунида, ба ёрӣ давидам!

– Аз зӯри беҳуда миён мешиканад! – гӯён ба гап ҳамроҳ шуд бобои Майдаяк. – Ту бояд омада, ба мо ҷои чормағзро хабар медодӣ, ҳамаамон якҷоя шуда чормағзҳои аз ин калонтарро ҳам кашонда меовардем. Аммо ту

бошӣ, ба чормағзи аз худат дах баробар калон зӯр зада, қариб мурда будӣ. Коратро дониста кунӣ намешуд? Акнун минбаъд аз Калонак дур нашав! Фаҳмидӣ?

– Дигар намекунам гӯй! – гуфт модари Майдаяк.

Майдаяк гапҳои бобояшро нағз фаҳмида буд. Аз кардааш худаш ҳам пушаймон буд. Аммо ба иқрор шудан гарданаш ёрӣ намедод, шарм медошт.

Вай бардурӯғ «Э вой дастакам!» гӯён рӯяшро ба тарафи девор гардонд.

## ДУХТАР

Гавҳар дар ҳавлии ҳамсоя бо дугонаҳояш бозӣ карда гашта буд, ки модараш ӯро ҷеғ зад.

– Саломат-апаат омадагӣ, – гуфт модараш, вақте ки Гавҳар аз даричаи девор гузашта омад. – Чӣ? Духтари бобот-дия.

– Ҳа-ҳа... – гуфта монд Гавҳар.

Саломат-апа, духтари пирамарди ҳамсоя омадааст! Пирамард, ки аз кор монда, дар хоначаи гӯшаи ҳавлии Гавҳарино меистод, чанд рӯз пеш аз ин вафот кард буд. Вай, ки худаш танҳо зиндагӣ мекард, Гавҳарро фарзанди худаш барин дӯст медошт ва Гавҳар ҳам ӯро ба ҷои бобои худ медонист.

– Ту ҳозир рафта ба вай гӯри боботро нишон медиҳӣ, – давом дод модари Гавҳар, – худаш намедонад. Куртаатро дуруст кун. Биё, – ва дари хонаро кушод. – Мана. Саломат-апа, ин бурда нишон медиҳад, – ба пешгаҳи хона нигоҳ карда гуфт ӯ.

Гавҳар аз остона ба дарун қадам монда, дар таги сӯзании девор, дар рӯи кӯрпача як зани сафедрӯи чашму абрӯсиёҳро дид, ки вақти «биё, укоҷон» гуфтан дандонҳои тиллояш йилтас зада монд.

Баъд Гавҳарро аз пешонааш бӯсида, зан «хайр, набошад мо равем» гӯён аз ҷояш хеста, аз пеши каравот сумкаи зарди калонро гирифт ва Саломат-апа пеш-пешу Гавҳар аз қафо ҳар ду ба кӯча баромаданд.

Гавҳар аз Саломат-апа ягон ним қадам ақиб монда

роҳ мерафту ҳар он ба сару либоси ин зани қоматбаланди хушрӯ дуздида нигоҳ мекард.

Саломат-апа дар бар куртаи крепдешини осмониранги ҳошияҳояш сурх дошта, миёнашро тасмаи занҷирмонанди кабуд печонида гирифта буд. Дар гарданаш марҷони калон-калони каҳрабо. Дар гӯшаш гӯшвораи тило, ки онро занон «ҳалқаи балдоқ» мегӯянд. Туфлиаш бо куртааш ҳамранг. Ва аз болои куртааш пилники катак пӯшида гирифта буд, ки вақти роҳ гаштани Саломат-апа хишир-хишир мекард.

«Келинчаки фасон будааст, – гуфт дар дилаш Гавҳар. – Боз ин қадар хушрӯ...» – ва, дар охир аз «келинчаки фасон» чашм канду қадамашро суст накарда, ба бофтани кокулчаи кушодашудааш сар кард.

– Об мехӯрӣ? – дар пеши дӯкончаи обфурӯшӣ бозистода гуфт Саломат-апа.

– Майлаш, – гуфт Гавҳар, – лекин бесиропаш бошад...

Саломат-апа пули обро доду онҳо боз ба роҳ даромаданд.

– Вай... ҳолӣ номат чӣ буд? – аз дасти Гавҳар гирифта гуфт Саломат-апа. – Аллакай аз ёдам баромадааст...

– Гавҳар.

– Ҳа, Гавҳарҷон, имсол ту чандӯм?

– Имсол дуюмро тамом кардам.

– Ҳамааш панҷ-мӣ?

– Не, дута чорам ҳаст...

Онҳо ба ҳамин тарз гуфтугӯкунон ба истгоҳи автобус расиданд.

Автобус онҳоро ба канори шаҳр оварда партофт. Аз автобус фаромада буданд, ки ногоҳ Саломат-апа:

– Ист, як бинем-чӣ, – гӯён ба тарафи дӯкончаи кабуди соябондор равона шуд. Гавҳар ҳам аз паси ӯ рафт.

Саломат-апа хеле, вақт чизҳои дӯкончаро тамошо карда, дар охир як брошкаи калонеро хоста гирифт, ки шакли ганбуски обиро дошт. Гавҳар ин хариди ӯро он қадар ҳам хуш накард; аз ин дида, ба вай брошкачаи кабуде, ки ба шохчаи баргдор монанд карда сохта шуда буд, бештар маъқул омад. Аммо вай, албатта, ҳеҷ чӣ нагуфт.

Онҳо боз ба роҳ даромаданд.

Қабристон хеле дур буд, аз шаҳр ду-се километр меомад. Бар болои ин, роҳ ҳам як роҳи тӯпакхоки серчангу тӯфаланг буд, офтоб ҳам хеле гармӣ мекард.

Саломат-апа аввал гиребони куртаашро кушода партофт, баъд пилникашро ҳам кашида, ба дасташ бардошта гирифт. Сумкаи зард зуд-зуд аз ин даст ба он дасташ мегузашт.

Гавҳар дид, ки сумкаи калон ба ӯ вазнинӣ карда истодааст, дасташро ба тарафи сумка дароз карда, гуфт:

– Саломат-апа, биёед, ман бардорам, дастатонро монда кард аз афташ.

– Не, худам мебардорам, – табассум кард Саломат-апа, – ту бардошта наметавонӣ.

– Не, ана ба ман тед, бардошта метавонам! – гӯён Гавҳар низ бо табассум ба рӯи Саломат-апа нигоҳ карда, аз як лаби дастаки сумка дошт.

– Не, не, – рад кард Саломат-апа, вале баъди ин суханонаш якбора розӣ шуд, – хайр, канӣ, зӯратро бинемчӣ...

Гавҳар сумкаро ба даст гирифт. Ба назараш сумка бисёр сабук намуд.

– Канӣ, вазнин не- ку, – ханда кард Гавҳар.

Саломат-апа як дам хомӯшона, танҳо гоҳ-гоҳ ба тарафи Гавҳар нигоҳи тезе партофта роҳ рафт. Ба назари Гавҳар чунин намуд, ки аз Гавҳар чизе пурсиданист, аммо намедонад, ки пурсад ё не. Ҳар дафъае, ки Гавҳар ба ин нигоҳҳои озмоишкоронаи ӯ дучор мешуд, бо хеле ҳайронӣ медид, ки ифодаи рӯи соҳибҷамоли ӯ тамоман дигар шудааст: чашмонаш танг шуда, дар гирди онҳо чинҳои борик пайдо шуда буданд, лабонаш сахт ба ҳам ҷафс шуда, парракҳои бинии зебояш тез-тез тангу васеъ мегардиданд.

Сумка танҳо дар аввал сабук менамудааст: Гавҳар онро ба зӯр ба дасти дигараш гирифт.

– Ман нагуфтам, ки бардошта наметавонӣ? – гӯён Саломат-апа дар охир дастони майдаи нозуки ӯро аз бори гарони сумка халос кард.

Дар ин дам аз дур ғурроси мошина баланд шуд ва дере

нагузашта дар болои дӯнгии роҳ худи мошина ҳам пайдо гашт.

Ҳар ду ба лаби ҷӯй, ки қад-кади роҳ ҷорӣ мешуд, бамромада истоданд. Мошинаи холии боркашон чанги кӯчаро ба осмон бардошта гузашта рафт.

– Гӯр ҳамин шаҳратон шавад, – сару рӯяшро бо рӯймолча пок карда гуфт Саломат-апа. – Асфалт кунад намешавад-мӣ?

– Ин ҷо асфалт мешавад, – гуфт Гавҳар. – Дар пеши ҳо вай дӯкончаи брошка харидагиатон машини асфалт мекардагӣ истода буд, надидед-мӣ, Саломат-апа?

– Хайр, акнун! – даст афшонда гуфта монд Саломат-апа.

Гавҳар боз ҳар он ба рӯи ҳамроҳаш нигоҳ партофта, медид, ки вай аз нав хотирпарешон менамояд ва аз нав ба Гавҳар ҳамон хел нигоҳҳои нофаҳмо мекунад.

– Гавҳарҷон, – гуфт дар охир Саломат-апа. – Дадома ту нағз медонистӣ-мӣ?

– Бобома-а?

– Ҳа, бобота.

– Ҳа-а, набошад-чӣ! Ҷудо нағз медидам бобома.

Ба ман фақат «духтарам, духтарам» гуфта гап мезаданд. Як афсонаҳо медонистанд, ки!.. Қунғузак... Кали айёр... Бузаки ҷингилапо... Сонӣ касал шуда монданд. Чанд бор ба ким-куҷо телеграмма доданд. Фақат ба дадом «телеграмма нарасид, аз афташ» мегуфтанд. Сонӣ аз каташон хеста наметавонистагӣ шуданд. Як рӯз «об» гуфтанд, об биёрам, сарамро ба сандуқи дилашон зер карда гиря карданд. Баъди ду рӯзаш аз мактаб биёям, ки бачаҳо «Гавҳар, Гавҳар! Бобот мурданд» гуфтанд. Давида ба хонаашон рафтам, бинам, ки дар миёнаи хона хоб кардаанду ҳамин қадар «бобо, removeбобоҷон» гӯям ҳам, чашмашона накушоданд.

Аз афташ, ҳаво ҳақиқатан хам сахт гарм шуда будааст, ки рӯи Саломат-апа суп-сурх шуда рафт.

– Мана ном намегирифтанд-мӣ? – пурсид ӯ.

– Ҳа-я то ҳамон рӯзи гиря карданашон фақат ба тарафи дарвоза нигоҳ карда, «Саломат, Саломат» мегуфтанд, лекин баъди гиря карданашон дигар нагуфтанд. Сонӣ,

гӯед, аз завод одами бисёр омада, бобома машинаба бор карданд. Ман ҳам ба болои машина баромада гирифтам. Ба қабристон рафта будем, ки қариб даҳ кас гапи бобома гуфта нутқ карданд, ки «коргари нағз буд», «одами софдил буд», «стахановчӣ буд». Сонӣ бобома гӯр карданд...

Гавҳар гапашро тамом карда буд. Саломат-апа дигар аз ӯ чизе намепурсид.

Хеле роҳ гаштанд.

– Гавҳарҷон, – гуфт нохост Саломат-апа. Овозаш, ки то ин дам андак бо овози мардҳо монанд буд, якбора маҳин ва навозишомез гардида буд.

Гавҳар сар бардошта ба ӯ нигоҳ кард.

– Ман аз ту як гап мепурсам, боз ба ҳеҷ кас нагӯӣ? – ва бо ким-чи хел табассуми аҷоиб ба Гавҳар чашм дӯхт.

– Пурсед... – ҳайрон шуд Гавҳар.

– Ба ҳеҷ кас намегӯӣ-а?

– Хайр, агар нагӯ гӯед, намегӯям...

Саломат-апа панҷ шаш қадами дигар роҳ гашта, гуфт:

– Ман, гӯйӣ, ҳар моҳ ба бобот пул фиристода меистодам...

–...Ҳа, – гуфт Гавҳар, – бисёр вақт ман ҳамроҳи бобом ба почта мерафтам, паспорташонро дода, ба як коғаз даст мемонданду пул мегирифтанд. Сад сӯм буд, аз афташ. Номи вай пул «перевод». Сонӣ боз як дафтарча доштанд, ки бисёртар пул медод. Номаш «пенсия».

– Хайр, намедонӣ, бобот пулҳоро чӣ кор мекард?».

– Мегирифтанд-дия... – тамоман ҳайрон шуда, чӣ гуфтанашро надониста монд Гавҳар.

– Не, охир, гирифта ба вай чӣ мехариданд?

– Чӣ мехариданд?!

– Ҳа, чӣ мехариданд?

– Ман надонам... – аз надонистани худ ғамгин шуда гуфт Гавҳар.

– Ба ягон кас намедоданд-мӣ?

– Н-надонам...

– Ба очаат намедоданд?

Гавҳар, ки то ин дам ба гапҳои ӯ дуруст сарфаҳм намерафт, гӯё якбора чизеро пай бурд, ки аз роҳаш боз

истод.

– Намедоданд? – гашта пурсид Саломат-апа.

– Не, очам худаш пул мегирад, – рамида гуфт Гавҳар. – Пули бобома чӣ кор мекунад?

Саломат-апа муддате бо табассуми сохтаи хунук ба Гавҳар нигоҳ карда истод.

Баъд зери лаб «мумсик» гӯён боз ба роҳ даромад.

...Вай фақат баъд аз хеле вақт ҳис кард, ки худаш танҳо рафта истодааст. Шартӣ гашта ба ақибаш нигоҳ карда дид, ки Гавҳар туфличаашро ба дасташ гирифта, ба он канори ҷӯй гузашта истодааст.

– Ҳой! – танҳо пас аз лаҳзае ба худ омада фарёд кашид Саломат-апа. – Ҳой, куҷо меравӣ?

Гавҳар ба тарафи ӯ нимнигоҳе ҳам накарда, ба он лаби ҷӯй баромада гирифт.

– Ҳой, тирмизакча! Куҷо меравӣ, мегӯям? 0, гӯра нишон те!

– Худатон тирмизакча! – туфлиашро ба по карда ҷавоб дод Гавҳар. – Худатон мумсики беимон!.. Шумо духтари бобом не. Духтари бобом не! – ва ба Саломат-апаи шахшудамонда ногоҳ забонашро бароварда нишон доду ақиб гашта, дар байни гандумзори баланд ғоиб шуда рафт.

# ХОТИРАҲО ДАР БОРАИ С. АЙНӢ

## МАКТАБИ КӮҲНА

Намедонам, дар синфи сеюм мехондам, ё дар синфи чорум, ки ба дасти ман як китобча афтод. Саҳифаҳои китобча он қадар зиёд набуда, муқоваи сафедаш раххои кабуд дошт. Ман варақаи якуми китобчаро гардонда хондам:

«Ман бояд шашсола шуда бошам, ки маро падарам ба мактаби пеши масҷиди қишлоқ бурда монд. Модарам мегуфт.

– Туро дар вақти 4-сола, 4-моҳа, 4-ҳафта ва 4-рӯза буданат бо лаълӣ ва дастурхон ба мактаб фиристода, сабақ сар кунонда монда будем...»

Ман ҳайрон шудам, дар сарам саволи бисёре пайдо шуд. «Дар пеши мактаби мо масҷид гуфтанӣ чиз нест-, ку? – мегуфтам ман худ ба худ. – Магар мактаб дар пеши масҷид мешудааст? Баъд кадом одам ба мактаб лаъливу дастурхон мебурдааст ва лаъливу дастурхон бурдан чӣ лозим? Сабақ сар кардан чӣ чиз аст? Дар мактаби мо бачагони чорсоларо «хурд» гуфта қабул намекунанд-ку?»

Ҳарчанд зӯр задам, аммо ба ин саволҳо худам ҷавоб дода натавонистам. Ноилоҷ боз китобро кушодаму... дигар аз он чашм канда натавонистам.

Дар пеши назари ман гӯё ки як олами дигаре пайдо шуд. Гумон мекардам, ки ба мамлакати бегонае афтодаам. Бачагони ин мамлакат ба ягон хонандаи мактаби мо монанд набуданд. Ба онҳо дилам месӯхт, ки дар рӯи замини заҳ нишаста дарс мехонанд, аз мактабдори бузриши бадҷаҳл сахт калтак мехӯранд. Ба онҳо ҳайфам меомад, ки вақти худро бо камонбозиву бедонабозӣ барин корҳои бемаънӣ мегузаронанд.

Пас аз хондани ҳар кадоми ин асарҳо орзӯи деринаи ман, орзӯи дидани Айнӣ боз ҳам пурзӯртар мегардид. Вале ба ин орзу фақат баъд аз чандин соли дигар расида

тавонистам.

## ВОХӮРИИ АҶОИБ

Соли 1944 ман дар театри драмавии Душанбе кор мекардам. Ба ман аҳён-аҳён бозидани ролхои бачагонаро месупурданд, аммо аксари вақт кори ман аз ҳамин иборат мешуд, ки аз паси саҳна истода, тақ-тақи пои асп, садои пулемёт ва ё ғурриши шамолро тақлид мекардам. Барои ҳар кадоми ин садоҳо ман дар даст асбоби махсус доштам.

Боре дар театр фоҷиаи «Отелло»-ро монданд. Баъд аз он ки ман болғаи чӯбинро ба тахтаи тунука зада, «аз тӯпи киштии Дездемона оташ кушодам», ба ман гуфтанд, ки метавонам ба хона равам.

Дар вақти тамошо ғайр аз чароғҳои саҳна дигар ҳамаи чароғҳои театр кушта мешаванд. Ман дар торикӣ оҳиста-оҳиста қадам монда, аз пардозхонаи артистон баромадам. Ба фойе қадам монда, будам, ки роҳи маро ду кас бурида гузашт.

Он ду нафар аз пеши ман гузашта, ба кабинети директор даромада рафтанд. Яке аз он ду нафарро ман дарҳол шинохтам: ин артисти халқии СССР Муҳаммадҷон Қосимов буд. Аммо шахси дигарро, ки чорпаҳлӯ буда, қади хеле баланд дошт ва гурс-гурс қадам монда роҳ мегашт, дар торикӣ шинохта натавонистам.

Рӯзи дигар Муҳаммадҷон Қосимовро дида пурсидам, ки он кас кӣ буд?

– Садриддин Айнӣ, – бо як оҳанги оромона чавоб дод Қосимов.

– Айнӣ! – ба гӯшам бовар накарда гуфтам ман, – чаро ба ман нагуфтед?

Он вақт афту башараи ман бояд хеле хандаовар шуда бошад, ки Муҳаммадҷон Қосимов ба ман ҳайрон-ҳайрон нигоҳ карда монд.

Ман хиҷил шуда, зуд бадар рафтам.

Ба ҳамин тариқ, бори аввал ман Айниро дуруст дида натавонистам, ҳатто чашмам ба чашмаш наафтод, вале

фойеи торик ва қомати баланду китфҳои паҳни ӯ муддатҳои дарозе аз пеши назарам дур намешуданд.

## ДАР СЪЕЗД

Охирҳои соли 1947 дар қатори дигар нависандагони ҷавон ман ҳам ба Душанбе, ба съезди дуюми нависандагони Тоҷикистон омадам. (Дар ин мобайн ман аз кори театр баромада, ба шаҳри Ленинобод рафта, дар матбааи он ҷо ҳуруфчин шуда будам ва дар ҳамон айём ду-се ҳикоя навишта будам, ки дар газета чоп шуданд).

Зали пуродам. Дар пешгоҳ столи президиуми съезд ва дар мобайни аъзоёни президиум – пирамарди нуроние нишастааст, ки дар сар тоқии чустӣ дошта, костюми оддии сиёҳаш сарулибоси ҳарбиёнро ба хотир меоварад. Ришаш – сап-сафед, аммо чашмонаш зиракона нигоҳ мекунанд. Ин шахс Садриддин Айнӣ буд.

Айниро дар ҳамин ҷо ҳам ором намегузоштанд. Гоҳ ягон аъзои президиум аз ӯ чизе мепурсид, гоҳ касе аз қафо омада хам шуда, ба гӯши ӯ чизе мегуфт, гоҳо ба ӯ хатча дароз мекарданд. Дар баробари ин Айнӣ баромади нотиқонро ҳам бо диққат гӯш мекард ва гоҳ-гоҳ суханони онҳоро бурида ба фикрашон эрод мегирифт.

– Сухан ба устод Айнӣ! – гуфт ногоҳ раиси маҷлис. Айнӣ вазнин-вазнин қадам монда, ба минбар наздик шуд ва пас аз хомӯш шудани қарсакзанӣ оҳиста ба гап сар кард. Аммо дере нагузашта, овози ӯ баланд шудан гирифт ва дар суханаш гоҳ хашму ғазаб ва гоҳ хурсандӣ садо медоданд.

Мегӯянд, ки Айнӣ ҳеҷ гоҳ аз минбар оромона, бо овози паст гап зада наметавонист, ҳамеша оташин мешуд. Аммо ман дар ин хусус фикр карда ба худ мегӯям: оре, шахсе, ки ба адабиёти советии тоҷик таҳкурсӣ гузоштааст, шахсе, ки халқи худ ва забони халқи худро аз ҷонаш бештар дӯст медошт ва онро, халқашро, панҷ панҷааш барин нағз медонист, – чунин шахс дар бораи адабиёт оромона, хунсардона гап зада наметавонист.

Айнӣ ҳамеша хоҳишманди он буд, ки нависандаго-

намон зиёд бошанд, китобҳои нағз бисёр шаванд ва хусусан, нависандагони ҷавон зудтар ба камол расанд. Устод нутқи онрӯзаи худро низ асосан ба нависандагони ҷавон бахшид. Ӯ аз таҷрибаи бузурги худ мисолҳо оварда, ба мо роҳ нишон медод, баъзеи моро танбеҳ дода, таъкид мекард, ки ба худ мағрур нашуда, ҳаёт ва орзуву умедҳои халқро омӯзем.

Мо ба суханони пурқимати устоди хирадманди худ бо диққати беинтиҳо гӯш медодем ва ин нутқи ӯ барои мо, ҷавонон, дарси муҳими мактаби нависандагӣ гардид.

## ВОҚЕАИ «ДАНДОН»

Як рӯзи тобистони соли 1948 ба ман гуфтанд, ки назди Айнӣ равам. Маълум шуд, ки як гурӯҳ нависандагони ҷавонро ҳамроҳи Айнӣ ба кино мегирифтаанд. Ғайр аз ин ба ман гуфтанд, ки бо худ китобе гирифта равам.

Дар боғи ҳавлие, ки истиқоматгоҳи Айнӣ буд, одами бисёре ҷамъ шуда буд. Аксари онҳо нависандагони ҷавон буданд.

Коркунони киностудия аппаратҳои худро кушода, маътали Айнӣ буданд. Аммо Айнӣ берун намебаромад.

Баъдтар ман фаҳмидам, ки Айнӣ суратгирҳо ва хусусан коркунони киностудияро (ба қавли худи ӯ «киночиҳоро») рӯи хуш намедодааст. Дар ҳақиқат барои одами саҳл кам ҳафтодсолае, ки танаш дардманд аст, соатҳои дароз зери шӯълаи прожекторҳои калон-калони электрикӣ ва ё дар зери офтоби сӯзон нишастан кори осон нест.

Дар охир устод ба назди мо баромад.

Дар бадали як соли охир Айнӣ хеле дигар шуда буд. Қоматаш андаке хамида, чинҳои рӯяш зиёд шуда буданд. Ғайр аз ин, асо гирифта буд.

Дар ин вақт режиссёри киностудия ба ман пичиррос зада гуфт:

– Китоб овардед?

– Овардам, – гуфтам ман.

Маро аз паҳлуи Айнӣ ҷой доданд.

Режиссёр аппараташро ба тарафи мо рост карда, ба Айнӣ гуфт, ки ба китоби ман чизе навишта диҳад. Ман китобро дарҳол ба дасти устод додам.

Айнӣ муқоваи китобро кушода, дар саҳифаи аввалини он як-ду ҷумла навишта дод. (Он китоб ҳоло ҳам дар дасти ман аст ва аз устод як ёдгории пурқимат шуда мондааст).

Баъд режиссёр ба ман гуфт, ки аз Айнӣ чизе бипурсам. Ман ҳам фурсатро ғанимат дониста, аз устод пурсидам, ки портрети қаҳрамононро чӣ тавр додан беҳтар аст: якбора ва ё кам-кам дар рафти воқеа?

– Қаҳрамони асосӣ бошад, – гуфт Айнӣ, – беҳтар мешавад, ки портреташро дар рафти воқеа тасвир кунед, аммо агар қаҳрамони камаҳамият бошад – портрети ӯро дар як ҷо диҳед, – ва ногоҳ дигар ба «киночиҳо» аҳамияте надода, бо хеле оташинӣ ба гап сар карда гуфт:

– Ба наздикӣ ман як ҳикояатонро хондам, шумо дар як асари хурд ду бор такроран гуфтаед, ки «дар вақти хандидан дандонҳояш намудор мешуд». Ин хел нашавад, бародар!

...Айнӣ метавонист бо як-ду суханони камаҳамияте хоҳиши режиссёрро қонеъ созад, аммо нависандаи ғамхор дар ҳамин гуна маврид ҳам кӯшиш мекард, ки аз ӯ ба мардум фоидае бирасад...

## ДАР МЕҲМОНИИ АЙНӢ

Миёнаҳои соли 1953 буд, ки устод Айнӣ рӯзе нависандагони шаҳри Душанберо ба меҳмонӣ ҷеғ зад.

Айнӣ бардам ва бақувваттар шуда, дар назарам аз пештара хеле ҷавон менамуд. Асоро ҳам партофта буд.

Айнӣ бо ҳар кас алоҳида ҳолпурсӣ карда, моро ба гирди стол таклиф кард.

Баъд аз зиёфат Айнӣ ногоҳ ба яке аз меҳмонон муроҷиат карда пурсид, ки ӯ ҳозир ба чӣ кор машғул аст ва ба ҳамин тарз бо навбат пурсидан гирифт, ки чӣ менависад, ҳаҷми китоб чӣ кадар мешавад, кай ба хонанда мерасад ва ғайра.

Дар ин мобайн яке аз нависандагон, ки китоби хурда-

каке менавишт, ба саволи «китобатон кай тамом мешавад», ҷавоб дод, ки баъд аз як сол.

– Баъд аз як сол? – гашта пурсид Айнӣ. – О, бародар! (Айнӣ аксар вақт суханашро ҳамин тавр, бо хитоби «бародар!» сар мекард), – о, бародар! – гуфт Айнӣ, – наход барои навиштани сад саҳифа чиз як сол вақт равад?

Он нависанда худро сафед кардани шуда гуфт, ки барои кор шароити дуруст надорад, вақташ ба корҳои дигар банд аст.

– Агар хоҳиш бошад, – гуфт Айнӣ, – ҳамааш мешавад! Бародар, шумо серкориатонро далел овардед. Ҳарчанд, ки аз рӯи одоб нест, ман маҷбур мешавам, ки аз кори худ як мисол оварам, – ва дар кадом шароит навишта шудани повести «Одина»-ро нақл карда дод.

Он вақтҳо Айнӣ дар анбори як ташкилоти савдо хизмат мекардааст ва дар байни кори анбор вақт ёфта, дар як муддати кӯтоҳ «Одина»-ро навишта тамом кардааст.

Айнӣ суханашро давом дода гуфт, ки нависанда бояд ҳар рӯз нависад, вагарна дасташ аз навиштан бегона мешавад, ҳатто, агар илҳом наояд, худашро маҷбур карда, ба сари стол нишинад...

...Ман чандин рӯз дар таҳти таъсири ин гуфтаҳои устод будам, худро таъна мекардам, ки вақти зиёдеро беҳуда сарф мекунам, танбалӣ мекунам, худамро ба кор маҷбур карда наметавонам. Ва ҳол он ки Айнӣ барин як шахси кӯҳансол ҳар рӯз ҳашт соатӣ кор мекунад ва ҳатто дар рӯзҳои бемориаш термометр дар бағал меҳнаташро тарк намекунад...

## ХОТИРАИ ОХИРИН

Моҳи июни соли 1954 ба Душанбе чанд кас аз нависандагони Корея меҳмон шуда омаданд. Нависандагони мо бо онҳо дар ҳамон боғи истиқоматгоҳи Айнӣ вохӯрданд. Айнӣ чанде пеш аз Самарқанд тамоман кӯчида омада буд.

Дар байни мову меҳмонони кореягӣ саволу ҷавоб сар шуд.

Дар аснои суҳбат ман нохост ба сӯи хонаи таомхурӣ нигоҳ карда дидам, ки дар болои зинаи айвон Айнӣ рост истодааст.

Нурҳои офтоби тобистон аз қабати шоху барги дарахтон гузашта, пайкари устодро равшан карда буданд... Айнӣ чашмонашро нимроғ карда ба тарафи мо нигоҳ мекард. Ёд дорам, ки онвақт ӯ дар тан шиму кители сафед дошта, дар дасташ асо буд. Ба худ гуфтам, ки рафта бо устод вохӯрӣ кунам, аммо аз сӯҳбати меҳмонон хеста рафтанро ба худ эб надидам...

Айнӣ хеле вақт ба тарафи мо нигоҳ карда истод. Баъд сарашро хам карду қафо гашта, бо қадамҳои суст ба хона даромада рафт...

Кай медоинстам, ки ин дидори охирин буда, ба ман дигар ҳеҷ гоҳ дидани ӯ муяссар намешавад?

* * *

Аз мобайн ягон моҳ нагузашта устод Садриддин Айнӣ абадӣ аз чаҳон чашм пӯшид.

Ман Айниро дар рӯи тобут дидам, медонам, ки ӯ вафот кардааст, вале ҳар гох, ки номи ӯро ба забон оварам, ҷасади беҷони ӯро не, балки ҳамон дидори охиринро ба хотир меоварам, ки устод дар айвон, дар болои зина рост истодаасту чашмонашро нимроғ карда нигоҳ мекунад ва офтоб ба сар то пои ӯ нур мепошад.

Садриддин Айнӣ як умр ба халқи худ содиқ буд. Ӯ тамоми ҳаёти худро ба хизмати халқ бахшид. Чунин одам ҳеҷ гоҳ намемирад ва хотираи пуршарафи ӯ ҳамеша аз партави офтоби муҳаббати халқ дурахшон хоҳад буд.

# МУНДАРИҶА

**Тобистон** *(повест)*
Марде, ки ба дағалиаш ҳам тараф набуду ба нармдилиаш ҳам........................................... 3
Ҳавлии мо, ҳаққу ҳамсояҳо дӯсти беҳтарин ........ 11
Роҳи Зарчашма ................................................... 19
Савдои нахустин.................................................. 25
Зарчашма ............................................................ 28
Дилшикаста......................................................... 32
Шокиртароша...................................................... 41
Гӯсфандхарӣ ....................................................... 46
Воқеаи патинка.................................................... 52
Турфа шогирде, ки дар ҳайрат кунад устодро .... 61
Бахт беғаш намешавад........................................ 67
Мукофоти қадршиносӣ........................................ 72
Ҳасад................................................................... 79
«Тағйири намуд»и Султоналихон........................ 90
Дар сари дуроҳа.................................................. 95

**Ҳикояҳо**
Лолачинӣ ........................................................... 101
Мӯрчаяк ............................................................. 110
Духтар ............................................................... 114

**Хотираҳо дар бораи С.Айнӣ**
Мактаби кӯҳна.................................................... 120
Вохӯрии аҷоиб ................................................... 121
Дар съезд ........................................................... 122
Воқеъаи «дандон».............................................. 123
Дар меҳмонии Айнӣ .......................................... 124
Хотираи охирин................................................. 125

**Пӯлод Толис**

**ТОБИСТОН**

Рассом *С.Имодинова*
Муҳаррири ороиш *Р. Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *М. Саидова*
Ҳуруфчини компутерӣ *Р. Атоева*
Мусаҳҳеҳ *И. Қосимзода*

Ба матбаа 11.06.2009 супорида шуд. Ба чопаш 15.06.2009 имзо шуд. Коғази офсетӣ. Андозаи 60х84 1/16. Ҷузъи чопии шартӣ 8.0. Адади нашр 1000 нусха.

Нашриёти «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Неъмат Қаробоев, 17 а.
www.ravshanfikr.tj